АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ:** 343.7 (575.3)
**ТКБ:** 67.99 (2Т) 32
**Ф** – 17

**ФАЙЗИЕВ СПИТАМЕН АБДУЛҲАҚОВИЧ**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ВАЙРОН НАМУДАНИ ДАХЛНОПАЗИРИИ МАНЗИЛ

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор **Зоир Ҷурахон Маҷидзода**

**ДУШАНБЕ – 2023**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**......................3-4
**МУҚАДДИМА**............................................................................................5-21
**БОБИ 1. ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ВАЙРОН НАМУДАНИ ДАХЛНОПАЗИРИИ МАНЗИЛ**.......................22-71
1.1. Таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил...........................................................................22-35
1.2. Асосҳои криминализатсияи вайрон намудани дахлнопазирии манзил.......................................................................................................35-50
1.3. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил мутобиқи қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил.....................................................................................50-59
1.4. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил тибқи қонунгузории кишварҳои хориҷии дур.......59-71
**БОБИ 2. ТАВСИФИ ҶИНОЯТӢ-ҲУҚУҚИИ ВАЙРОН НАМУДАНИ ДАХЛНОПАЗИРИИ МАНЗИЛ**..........................................................72-177
2.1. Объект ва предмети ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил.......................................................................................................72-105
2.2. Таҳлили аломатҳои тарафи объективии вайрон намудани дахлнопазирии манзил.......................................................................................................105-134
2.3. Аломатҳои субъективии вайрон намудани дахлнопазирии манзил.......................................................................................................134-152
2.4. Аломатҳои бандубастшавандаи вайрон намудани дахлнопазирии манзил.......................................................................................................152-159
2.5. Дурнамои рушди Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил..............................................159-168
**ХУЛОСАҲО**............................................................................................169-177
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**..........................................................................................178-179
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**..................................................180-203
**ЗАМИМА**..................................................................................................204-210
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**..................................................................................................211-212

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**ҶШФСР** – Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**КҶ ҶШС** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ

**КИМ** – Кумитаи Иҷроияи Марказӣ

**КИМ ҶШФСР** – Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**КИМ ИҶШС** – Кумитаи Иҷроияи Марказии Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ

**ШКХ ИҶШС** – Шӯрои Комиссариати Халқии Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ

**ШКХ ҶШФСР** – Шӯрои Комиссариати Халқии Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**КМИУ** – Кумитаи Марказии Иттифоқии Умумирусиягӣ

**АМО ҶТ** – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**СҲШ** – Созишномаи ҳамкории Шанхай

**СААД** – Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ

**ВКД ҶТ** – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СМИТ ВКД ҶТ** – Сармаркази иттилооти-таҳлии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ғ.** – ғайра

**с.** – сол

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**қ.қ.** – қисмҳо

**б.** – банд

**б.б.** – бандҳо

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳо

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Санаи 9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон истиқлолияти давлатиро ба даст овард. Бори аввал дар таърихи давлатдории тоҷикон 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистони (минбаъд – ҶТ) соҳибистиқлол ҳамчун Қонуни асосии давлат қабул шуда бо назардошти дастовардҳои нави ҷомеа низ ислоҳоти конститутсионӣ анҷом дода, марҳилаи нав дар таърихи Тоҷикистон оғоз гардид. Тибқи моддаи 5 Конститутсияи ҶТ: «инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд». Бояд қайд кард, ки дар доираи баланд гардидани нақши шахс дар ҳаёти ҷамъиятӣ мақомоти давлатӣ вазифадор мегарданд, ки баҳри пешгирии поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон аз воситаҳои пешбинӣгардидаи қонуни ҷиноятӣ истифода намоянд.

Вазифаҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқии ҶТ соҳибистиқлол ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд. Таъмин намудани амнияти шахс, ҳуқуқ ва озодии он, аз таҳдиди бо ҷинояткорӣ алоқамандбуда мебошад ва яке аз мақсадҳои сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ аст.

Эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти иҷтимоӣ буда, давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Яке аз муҳимтарин ҳуқуқ ва озодии ҷудонашавандаи шахс ин дахлнопазирии манзил аст. Аз ин рӯ, дахлнопазирии манзил – дахлнопазирии моликияти шахсӣ ва сирри ҳаёти маҳрамонаро таъмин менамояд. Ҳамин тариқ, имрӯз ҳама давлат ба зуҳуроти ҳаёти шахсии инсон ва манфиатҳо эҳтиромона муносибат менамояд.

Бо ин мақсад ҳуқуқи дахлнопазирии шахсӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ низ мустаҳкам карда шудааст. Дар м. 17 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ қайд гардидааст, ки: «Ҳеҷ кас набояд ба дахолати худсарона ё ғайриқонунӣ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии

ӯ, ҳамлаҳои худсарона ё ғайриқонунӣ ба дахлнопазирии манзил ё маҳфияти мукотиба ё ҳамлаҳои ғайриқонунӣ ба шаъну эътибори ӯ дучор шавад. Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки аз чунин мудохила ва чунин таҷовуз зери ҳимояи қонун бошад».

Бояд қайд намуд, ки дар шароити муосир, ки робитаи зич вобаста ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва таъмини амалӣ намудани дигар ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон мавҷуд мебошад, таъмин ва кафолати дахлнопазирии манзил тавассути қонун хеле мубрам мегардад. Ҳар як шаҳрванди ҶТ ба дахлнопазирии манзил аз дахолати ғайриқонунӣи шахсони дигар ва ҳатто намояндагони давлат дорад, ки бо моддаи 22 Конститутсияи ҶТ тасдиқ ва кафолат дода шудааст.

Танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии дахнопазирии манзил пеш аз ҳама дар таъмини сирри шахсӣ ва оилавӣ маҳсуб меёбад, ки дар дохили манзили шахс рух медиҳад, зеро он ба шахс имкон медиҳад, ки ниёзҳои маънавӣ ва моддии худро амалӣ созад, амнияти ҷисмонӣ ва руҳӣ, ҳуқуқи моликият ва сирри ҳаёти шахсӣ, оилавӣ, сирри мукотибаи гуфтугӯҳои телефонӣ, почта ва дигар мукотиботи шахсияшро таъмин менамояд.

Ҳамин тавр, объекти асосии ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ – ҳуқуқ ва озодиҳои асосии шаҳрвандон ба дахлнопазирии манзил мебошад. Аммо сарфи назар аз мавҷуд будани муқаррароти қонунӣ дар соҳаи ҳифзи дахлнопазирии манзил, дар амал мушкилоти татбиқи ҳангоми татбиқи муқаррароти мазкур мушкилиҳо ҷой доранд. Инро маълумотҳои омории расмӣ тасдиқ мекунанд. Бояд қайд намуд, ки ҳар сол шумораи зиёди ҷиноятҳое, ки вайрон намудани дахлнопазирии манзил содир мегарданд, зиёд шуда истодаанд.

Назаррас будани шумораи ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил, ки ба қайд гирифта мешаванд, аз мубрам будани масъалаи мубориза бар зидди вайрон намудани дахлнопазирии манзил гувоҳӣ медиҳад.

Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҶТ ва такмили таҷрибаи татбиқи он шояд роҳи ягонаи воқеии ҳалли мушкилоти ҳифзи ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил бошад. Дар робита ба ин, баррасии

қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ мубрам мебошад, ки ба омӯзиши таҷрибаи онҳо дар самти муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии мусоидат менамояд.

Омӯзиши вазъи ҷинояткорӣ, инчунин меъёрҳои қонунгузории дохилидавлатӣ дар самти мубориза бар зидди вайрон намудани дахлнопазирии манзил нишон медиҳад, ки таҳия ва такмили илмӣ-консептуалии ҳуқуқи ҷиноятӣ, муайян кардани шакли вайрон намудани дахлнопазирии манзил, коркарди як қатор мафҳумҳои зарурӣ аз ҷумла истифодаи калимаи «манзил», муайян намудани самтҳои асосии рушди минбаъдаи қонуни ҷиноятиро дар ин самт зарур мебошад.

Бо дарназардошти омилҳои қайдгардида меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил муайян менамоянд, ба такмили минбаъда эҳтиёҷ доранд. Дар умум ин омилҳо мубрам будани мавзуи таҳқиқоти рисолаи номзадиро тасдиқ менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мавзуи вайрон намудани дахлнопазирии манзил яке аз масъалаҳое мебошад, ки дар сатҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистикаи ватанӣ ба таври пурра таҳқиқ нагардидааст. Аз сабаби оне, ки илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатии ҶТ ташаккул ва рушд ёфтааст, сатҳи таҳқиқи ин масъала дар адабиёти илмии замони Шуравӣ низ ба назар намерасад.

Мавзуи баррасишаванда масъалаҳои гуногунро дар бар мегирад, ки ҷанбаҳои алоҳидаи он аз ҷониби як зумра олимони ватанию хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Натиҷаи фаъолияти илмии олимони ватанӣ дар самти омӯзиш ва таҳлили унсурҳои вайрон намудани дахлнопазирии манзил назаррас мебошанд. Аз ҷумла, А.А. Абдурашидов[1], В.А. Абдухамитов[2], У.А.

[1] Ниг.: Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан: эволюция и современное состояние: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – 190 с.
[2] Ниг.: Абдухамитов В.А. Уголовное право: учебно-методическое пособие (Особенная часть). – Душанбе: РТСУ, 2013. – 81 с.

Азиззода[3], Н.Б. Азимзода[4], С.Э. Баҳриддинов[5], З.А. Камолов[6], Н.А. Қудратов[7], З.Ҷ. Маҷидзода[8], Р.Ҳ. Раҳимзода[9], А.И. Сафарзода[10], Т.Ш. Шарипов[11] ва муҳаққиқони хориҷӣ: Н.Ю. Акинина[12], Б.В. Волженкин[13], Н.Ф. Кузнетсова[14], Ю.И. Ляпунов[15], А.Х. Миндагулов[16], Л.М. Прозументов[17], П.А. Фефелов[18], Ю.Д. Филимонов[19], Р.К. Халитов[20], К.В. Чемеринский[21], В.Л.

---

[3] Ниг.: Азиззода У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 413 с.

[4] Ниг.: Азимов Н.Б. Теоретические основы имплементации норм международного права в уголовном законодательстве Республики Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2013. – 441 с.

[5] Ниг.: Бахриддинов С.Э. Вопросы соблюдения техники уголовного законодательства в современных условиях в Республике Таджикистан / С.Э. Бахриддинов // Правовая жизнь. – 2017. – №2 (18). – С. 98-102.

[6] Ниг.: Камолов З.А. Система наказаний по Уголовному Кодексу Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – 190 с.

[7] Ниг.: Кудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. – Душанбе: Таджикский Государственный Университет коммерции, 2012. – 366 с.

[8] Ниг.: Зоиров Ҷ.М. Ҷинояткории муташаккил ва трансмиллӣ: монография. – Душанбе: ҶДММ «Дақиқӣ», 2014. – 270 с.; Зоиров Ҷ.М. Преступность современного Таджикистана: предварительные подходы к исследованию / Ҷ.М. Зоиров // Правовое поле современной экономики. – 2015. – №12. – С. 176-183; Зоиров Ҷ.М. Приоритетные направления профилактики и предупреждения этносоциального аспекта преступности / Ҷ.М. Зоиров // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2018. – №3 (39). – С. 32-41.

[9] Ниг.: Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная политика по обеспечению экономической безопасности Республики Таджикистан: проблемы теории, методологии и практики (историко-правовой и общетеоретический анализ): автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 72 с.

[10] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дис... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 396 с.

[11] Ниг.: Шарипов Т.Ш. Концептуальные основы реформирования уголовного законодательства в сфере экономической деятельности / Т.Ш. Шарипов // Материалы республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной 20-й годовщине Дня национального единства и «Году молодёжи». – Душанбе, 2017. – С. 557-559.

[12] Ниг.: Акинина Н.Ю. Уголовно-правовая характеристика неприкосновенности жилища: дис. … канд. юрид. наук. – Тюмень, 2008. – 187 с.

[13] Ниг.: Волженкин Б.В. Общественная опасность преступника и ее значение для уголовной ответственности и наказания по советскому уголовному праву: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Л., 1964. – 21 с.

[14] Ниг.: Кузнецова Н.Ф. Значение общественной опасности деяний для их криминализации и декриминализации / Н.Ф. Кузнецова // Государство и право. – 2010. – №6. – С. 67-75.

[15] Ниг.: Ляпунов Ю.И. Общественная опасность деяния как универсальная категория советского уголовного права: учебное пособие. – М.: Изд-во ВЮЗШ МВД СССР, 1989. – 119 с.

[16] Ниг.: Миндагулов А.Х. Общественная опасность деяний и изменение представлений о преступном и преступности / А.Х. Миндагулов // Модернизация функций права и государства: традиции, установки, тенденции, перспективы: сборник материалов IX Международной научно-практической конференции (10-11 декабря 2011 года): в 3 т. – Кострома: КГУ им. Н.А. Некрасова, 2012. – Т. 1. – С. 52-60.

[17] Ниг.: Прозументов Л.М. Общественная опасность как основание криминализации (декриминализации) деяния / Л.М. Прозументов // Вестник Воронежского института МВД России. – 2009. – №4. – С. 18-24.

[18] Ниг.: Общественная опасность преступного деяния и основание уголовной ответственности. Основные методологические проблемы / Фефелов П.А.; Отв. ред.: Ковалев М.И. – М.: Юрид. лит., 1972. – 151 с.; Фефелов П.А. Общественная опасность преступного деяния / П.А. Фефелов // Советское государство и право. – 1977. – №5. – С. 135-138.

[19] Ниг.: Филимонов В.Д. Общественная опасность личности отдельных категорий преступников и ее уголовно-правовое значение / Ред.: Ременсон А.Л. – Томск: Изд-во Том. ун-та, 1973. – 153 с.

[20] Ниг.: Халитов Р.К. Общественная опасность как основание криминализации деяния (в контексте криминализации деяний, обусловленных административной преюдицией) / Р.К. Халитов // Библиотека криминалиста. Научный журнал. – 2013. – №2 (7). – С. 271-275.

[21] Ниг.: Чемеринский К.В. Общественная опасность как основание криминализации деяний / К.В. Чемеринский // «Татищевские чтения: актуальные проблемы науки и практики». Актуальные проблемы юридической науки. Материалы X Международной научно-практической конференции. – Тольятти: Изд-во Волжск. ун-та им. В.Н. Татищева, 2013. – Ч. III. – С. 304-309.

Чубарев[22] ва дигарон мебошанд, ки ба ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, махсусан таҳқиқи кирдорҳои ҷиноятӣ, ки ба дахлнопазирии ҳуқуқи инсон бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Ҳамзамон як зумра олимони хориҷӣ, аз қабили Э.Ю. Авшеев[23], В. Винокуров[24], Н. Лопаткина[25], В.Ю. Малахова[26], В.А. Новиков[27], Р.И. Расулов[28], И.А. Шевченко[29], В.Н. Шелестюков[30] ва дигарон таълифоти худро оид ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил ба нашр расонидаанд.

Таҳқиқоти олимони дар боло қайдгардида дар ҳалли мушкилоти пешгирии ҷиноятҳои вайрон намудани дахлнопазирии манзил саҳми назаррас гузоштаанд. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки мавзуи баррасишавандаро ба таври кофӣ таҳлилшуда эътироф намудан мумкин нест. Инчунин, бештари паҳлуҳои ҳуқуқии вайрон намудани дахлнопазирии манзил то ҳол баҳснок боқӣ мемонанд, ки ба онҳо мафҳуми «дахлнопазирӣ» ва «манзил» дохил мешаванд. Муҳаққиқон паҳлуҳои алоҳидаи ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзилро таҳлил намудаанд. Аммо бояд қайд намоем, ки марбут ба м. 147 КҶ ҶТ аз лаҳзаи қабули КҶ ҶТ то ҳол таҳқиқотҳои комплексӣ, ки масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин ҷиноятҳо ва рушди меъёрҳои қонуни ҷиноятиро дар ин самт баррасӣ намоянд, мавҷуд нест.

---

[22] Ниг.: Чубарев В.Л. Общественная опасность преступления и наказания. Количественные методы изучения / Под ред.: Блувштейн Ю.Д. – М.: Изд-во ВНИИ МВД СССР, 1982. – 96 с.; Чубарев В.Л. Опасность лиц, совершающих преступные деяния. – Киев: Изд-во Укр. акад. внутр. дел, 1993. – 144 с.; Чубарев В.Л. Тяжесть преступного деяния: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – Киев, 1992. – 47 с.

[23] Ниг.: Авшеев Э.Ю. Уголовно-правовая охрана права на неприконовенность жилища: автореф. дис. канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2005. – 28 с.

[24] Ниг.: Винокуров В. Значение непосредственного объекта преступления, предусмотренного ст. 139 УК РФ, для определения понятия «жилище» / В. Винокуров // Уголовное право. – 2006. – №1. – С. 18-21.

[25] Ниг.: Лопаткина Н. Реализация принципа неприкосновенности жилища в уголовном судопроизводстве / Н. Лопаткина // Рос. юстиция. – 2002. – №1 1 . – С . 51-52.

[26] Ниг.: Малахова В.Ю. Уголовно-правовая охрана неприкосновенности жилища в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2001. – 161 с.

[27] Ниг.: Новиков В.А. Уголовная ответственность за нарушение неприкосновенности жилища: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2001. – 167 с.

[28] Ниг.: Расулов Р.И. Уголовная ответственность за преступления, связанные с проникновением в жилище: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1991. – 191 с.

[29] Ниг.: Шевченко И.А. Уголовно-правовая охрана неприкосновенности частной жизни: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Красноярск, 2005. – 23 с.

[30] Ниг.: Шелестюков В.Н. Уголовно-правовые средства обеспечения неприкосновенности жилища: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Красноярск, 2006. – 23 с.

Бинобар он, ки натиҷаи таҳлилҳои назариявӣ нишон медиҳанд, дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат дар бобати фаҳмиши моҳияти аслии ҷиноятӣ вайрон намудани дахлнопазирии манзил, мафҳуми калимаи «манзил» ва татбиқи чораҳои самаранок бар зиддӣ содиршавии он мушкилиҳои муайян ҷой доранд. Аз ҷумла, дар м. 147 КҶ ҶТ масъалаҳои мушаххаси бандубасти ҷиноят як хел нестанд ва ин ҳолат ба таҷрибаи мақомоти тафтишотӣ ва судии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонида, ба таъмини реҷаи қонуният дар самти мубориза бо ин ҷиноятторӣ монеа эҷод менамояд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло бояд қайд намуд, ки имрӯз масъалаи такмили меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил муқаррар менамоянд, яке аз масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад.

Таҳлили дараҷаи таҳқиқи мавзуъ нишон медиҳад, ки тақрибан ҳамаи муаллифон бинобар кофӣ набудани таҳқиқоти назариявию амалӣ аҳамиятнок будани омӯзиши ин мавзуро таъкид намудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барнома ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи лоиҳаҳои илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи: «Сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ барои солҳои 2017-2021», инчунин дар доираи лоиҳаи нав дар мавзуи: «Ҳуқуқи ҷиноятии муосири Тоҷикистон (қисми умумӣ) барои солҳои 2022-2026» таҳия гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалияи истифодаи воситаҳои пешбинӣнамудаи КҶ ҶТ вобаста ба мубориза бар вайрон гардидани дахлнопазирии манзил, инчунин таҳияи тавсия ва пешниҳодҳои илмӣ барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар рисола вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– омӯзиши таърихи инкишоф ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон;

– баррасии масъалаҳои криминализатсияи вайрон намудани дахлнопазирии манзил;

– гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ;

– гузаронидани таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои объективии ҷинояти дар м. 147-и КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд;

– таҳлили ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ аломатҳои субъективии ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил;

– баррасии аломатҳои бандубастшавандаи таркиби ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил;

– коркард ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятие, ки вобаста ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил (ё ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил) ба вуҷуд меоянд, ташкил медиҳанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро муқаррароти Конститутсияи ҶТ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, КҶ ҶТ, меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии хориҷӣ, қонунгузории ҷорӣ ҶТ вобаста ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади низомнок, пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои танзими ҳуқуқии пешгирии

ҷиноятҳо вобаста ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил мутобиқи қонунгузории Тоҷикистон ба таҳқиқи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва таърихи он аҳаммияти ҷиддӣ дода шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1926-2022-ро дар бар мегирад. Инчунин, бо мақсади мукаммал гардидани мазмуни таҳқиқот вобаста ба ҷанбаҳои гуногуни вайрон намудани дахлнопазирии манзил таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ истифода гардидааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 1926-2022 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмӣ – назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои ҳуқуқшиносону муаррихони Шуравӣ ва пасошуравӣ, дар соҳаҳои фалсафа, психология, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, криминалистика, ҳуқуқи манзил, инчунин захираҳои глобалии маъхазҳои иттилоотии Интернет ва тафсирҳои васоити ахбори омма мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Усулҳои таҳқиқот дар асоси мақсаду вазифаҳои он, объект ва предмети он интихоб карда мешаванд. Асоси методологии таҳқиқотро муқаррарот ва хулосаҳои назарияи умумии дониш ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот усулҳои зерини умумӣ ва махсуси илмӣ истифода шудаанд:

– диалектикӣ – ҳангоми баррасии ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҳифзи дахлнопазирии манзил дар доираи категорияҳои умумии ҳуқуқии ҷиноятӣ;

– таърихӣ – ҳангоми омӯзиши марҳилаҳои асосии ташаккули ҷавобгарӣ барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил;

– ҳуқуқӣ-муқоисавӣ – ҳангоми муқоисаи ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ вобаста ба ҷавобгарӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил бо муқаррароти дахлдори қонунгузории ҷиноятии давлатҳои алоҳидаи хориҷӣ;

– расмӣ-ҳуқуқӣ (догматикӣ) – дар омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар соҳаи ҳифзи дахлнопазирии манзил ё дигар моликияти шахсӣ мавҷуданд;

– низомию сохторӣ ва функсионалӣ – дар таҳқиқи аломатҳои объективӣ ва субъективии ин ҷиноят ва асосноккунии тағйирот дар қонуни ҷиноятӣ;

– оморӣ – барои коркард ва ҷамъбасти натиҷаҳои маълумоти омории СМИТ Вазорати корҳои дохилӣ ва омори судӣ. Инчунин, ҳангоми таҳлили масъалаҳои илмӣ усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз қабили ҳуқуқтатбиққунӣ ва анкетакунонӣ истифода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаи эмпирикии диссертатсияро маводҳои тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ вобаста ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил, ки дар судҳои Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, омори Суди Олии ҶТ ва Вазорати корҳои дохилии ҶТ дар давраи аз соли 2010 то 2022 ташкил дода, зиёда аз 450 парвандаи ҷиноятӣ оид ба вайрон кардани дахлнопазирии манзил (м. 147 КҶ ҶТ) мавриди омӯзиш қарор гирифт.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки ин нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил бо забони давлатӣ ба шумор меравад. Ҳамчунин, дар асоси таҳлили қонунгузории ҷиноятии қаблӣ ва амалкунандаи ҶТ, амалияи истифодаи он, нуктаҳои назари олимон ва нуктаи назари шахсии муаллиф, модели нави меъёрие, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил (ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил) пешбинӣ менамояд, пешниҳод гардидаанд.

Дар асоси ин, диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти комплексие мебошад, ки ба таҳлили ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил ва масъалаи такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт бахшида шудааст. Ғайр аз ин, навоварии илмии диссертатсия дар як қатор хулосаҳо ва пешниҳодҳои илман асосёфтаи муаллиф оид ба иваз ё илова кардани калимаи «манзил», бандубасти ин ҷиноят бо дарназардошти воқеияти имрӯзаи ҳуқуқӣ пешниҳод

гардидаанд, ки баҳри такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон равона гардидаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Таҳқиқи илмии анҷомёфта имкон медиҳад, ки барои ҳимоя чунин нуктаҳои илмӣ-назариявӣ пешниҳод карда шаванд:

1. Баррасӣ ва таҳлили таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил чун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ гувоҳӣ медиҳад, ки он дар ҳудуди имрузаи Тоҷикистони аз замонҳои аввали давлатдории тоҷикон бо хусусиятҳои хоси худ ҷой дошт. Қайд кардан зарур аст, ки ба шакли имрӯза ташаккулёбии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи дахлнопазирии манзил бори аввал дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1931 муқаррар гардида буд. Меъёри қонуни ҷиноятӣ, ки бевосита ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил пешбинӣ менамуд, бори аввал соли 1961 ба кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон ворид гардида буд. Эълони 9 сентябри соли 1991 истиқлолияти ҶТ дар таърихи давлату халқи мо саҳифаи нав кушода, имкон дод, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон васеъ карда, онро бо мазмуни нав мутобиқи талаботҳои меъёрҳои байналмилалӣ илова карда шаванд. Соли 1998 КҶ ҶТ қабул шуда дар м. 147 КҶ ҶТ мазмуни кирдоре, ки вайрон кардани дахлнопазирии манзил ё дигар моликияти шахсро ташкил медиҳад, муайян гардид.

2. Асоси криминализатсияи вайрон намудани дахлнопазирии манзил, ин таъмини ҳуқуқи инсон ба дахлнопазирии манзил мебошад, ки дар м. 22 Конститутсияи ҶТ ва санадҳои байналмилалӣ дар самти ҳифзи ҷиноятии ҳуқуқии дахлнопазирии манзил мустаҳкам карда шудааст.

3. Меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии тамоми давлатҳои аъзои ИДМ марбут вайрон намудани дахлнопазирии манзил меъёрҳоеро дар бар мегиранд, ки бевосита ба чунин намуди ҷиноятҳо алоқамандӣ доранд ва ҳамон тавр номгузорӣ карда шудаанд (КҶ Беларус, Молдова, Казоқистон,

Россия, Озарбойҷон, Арманистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон). Лекин вобаста ба аломатҳои бандубастшаванда аз ҳамдигар тафовут доранд.

Аз рӯйи дараҷаи муайян намудани аломатҳои таркиби ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил шартан кишварҳои аъзои ИДМ-ро ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

– қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти таҳқиқшаванда муайян нагардидаанд (Ҷумҳурии Узбекистон);

– қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар оно аломати таркиби ҷинояти таҳқиқшаванда ба дараҷаи миёна муайян гардидаанд (Украина, Молдова);

– қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти таҳқиқшаванда нисбатан пурра муайян гардидаанд (Озарбойҷон, Белорус, Тоҷикистон, Федератсияи Россия).

4. Пешниҳод карда мешавад, ки объекти бевоситаи м. 147 КҶ ҶТ чунин муайян карда шавад: «Муносибатҳо вобаста ба амалисозии ҳуқуқи инсон ба ҳаёти шахсӣ дар робита ба таъмини дахлнопазирии манзил». Ҳамин тавр, дахлнопазирии манзил маънои онро дорад, ки дастрасии ҳама гуна шахсони бегона ба манзил танҳо бо ризоияти шахсони дар он истиқоматкунанда сурат мегирад ва дахлнопазирии манзил ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ алоқамандии зич дорад, ҳамзамон, инчунин, он яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ба ҳисоб меравад. Объекти иловагии воситаи таркиби бандубастшавандаи қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё давлатӣ ва саломатии инсон эътироф мегардад.

5. Бо мақсади дуруст татбиқ намудани муқаррароти меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ аз қ. 1. м. 147 КҶ ҶТ хориҷ намудани ибораи «касеро аз манзилаш маҳрум кардан» мувофиқи мақсад мебошад. Зеро ғайриқонунӣ аз манзил маҳрум намудан поймолкунии ҳуқуқи молумулкии шахс буда ба ҳуқуқи дахлнопазирии манзил робита надорад. Ғайриқонунӣ маҳрум кардани шахс аз манзил бо дарназардошти мазмун аз доираи объекти ҳифзи м. 147 КҶ ҶТ

берун мебарояд, зеро он на дахлнопазирии манзил, балки ҳуқуқи шахс ба моликиятро поймол мекунад. Бинобар ин, чунин кирдорҳо бояд бо дигар меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифз карда шавад. Диспозитсияи м. 147 КҶ ҶТ тағйир дода, ба он ибораи «ғайриқонунӣ кучонидан ё маҷбуран аз манзил баровардан»-ро ворид намудан зарур аст, зеро ин муқаррарот ҳуқуқи шахс ба дахлнопазирии манзилро фаро мегирад, ғайр аз он, мувофиқи қонунгузории амалкунанда кучонидан ё маҷбуран аз манзил баровардани шаҳрванд танҳо бо қарори асосноки суд дар мавридҳои пешбинӣнамудаи қонун сурат мегирад.

6. Диссертант қайд менамояд, ки криминализатсия намудани будубоши ғайриқонунӣи шахс дар манзил бе розигии соҳибмулк ё рад кардани талаби соҳибмулк оид ба тарк намудани манзил зарур мебошад. Тарк накардани манзил дар шакли беҳаракатӣ содир гардида, истиқоматкунандагони қонунии манзилро аз имконияти мустақилона амалӣ намудани ҳаёти шахсияшон маҳрум месозад.

7. Истилоҳи «манзил» дар қонунгузории ҶТ ба маънои маҳдуд шарҳ дода шудааст. Бинобар ин, дар м. 147 КҶ ҶТ калимаи «манзил»-ро ба мафҳуми васеи он – калимаи «истиқоматгоҳ» иваз кардан лозим мебошад ё пас аз навиштани калимаи «манзил» дар қавс калимаи «истиқоматгоҳ» навишта шавад.

Бо дарназардошти пешниҳодҳои зикргардида ва бо мақсади мукаммалгардонии ҷавобгарии ҷиноятӣ, қонуни ҷиноятӣ дар таҳрири нав пешниҳод намудани м. 147 КҶ ҶТ - ро зарур мешуморем:

«Моддаи 147. Вайрон намудани дахлнопазирии манзил (истиқоматгоҳ).

1) Ғайриқонунӣ даромадан ба манзил (истиқоматгоҳ) бар хилофи хоҳиши шахси дар он истиқоматкунанда ё тарк накардани манзил бо талаби онҳо, инчунин ғайриқонунӣ кучонидан ё маҷбуран аз манзил баровардан.

бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

б) бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он;

в) бо истифодаи мақоми хизматӣ;

г) бо ғайриқонунӣ васл намудани воситаҳои гӯшандозӣ ё дигар воситаҳои махсус дар манзили истиқоматӣ содир шудааст,

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то ҳафт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати панҷ сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: Дар зери мафҳуми манзил (истиқоматгоҳ) дар ҳамин ва дигар моддаҳои Кодекс биноҳои истиқоматии инфиродие фаҳмида шаванд, ки новобаста аз шакли моликият биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, ки ҳам ба фонди манзил дохиланд ва ҳам ба фонди манзил дохил карда нашуда, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ ё мутобиқ карда шудаанд, инчунин дигар бино ё иншооте, ки дар шафати манзил ва қисми таркибии он буда, барои истиқомати муваққатӣ таъин, мувофиқ ё мутобиқ карда шудаанд».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо баҳри такмили қонунгузории самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди вайрон намудани дахлнопазирии манзил равона гардидааст. Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи асосҳои назариявии коркарди низоми донишҳои мавҷуда оид ба масъалаи баррасишаванда ифода меёбад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба маҷмӯи воситаҳои қонунии мубориза бар зидди вайрон намудани дахлнопазирии манзил мусоидат намуда, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин соҳа замина мегузоранд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он аст, ки онҳо метавонанд истифода шаванд:

– дар фаъолияти қонунгузорӣ барои такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи ҶТ дар робита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил;

– дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти тафтишотӣ – ҳангоми баҳодиҳии ҳуқуқӣ ва бандубасти ҷиноятии вайронкунии дахлнопазирии манзил;

– барои беҳтар намудани амалияи татбиқи муқаррароти м. 147 КҶ ҶТ аз тарафи мақомоти таҳқиқ, пешбурди тафтишотӣ, прокурор ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва таснифи ҷинояти баррасишванда;

– зимни омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ, маҷмуаи фармонҳои Прокурори генералии ҶТ, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил аз ҷониби судҳо;

– дар раванди таълим ҳангоми омода намудани маводҳои дахлдори таълимию методӣ ва гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар муассисаҳои миёнаи махсус, олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, курсҳои махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода шавад;

– дар соҳаи таҳқиқот, барои таҳқиқоти минбаъда оид ба масъалаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла, дахлнопазирии манзил дар ҶТ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода гардидани усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи қонунгузории ҶТ ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ, таҳлили адабиёти умумӣ ва махсуси илмию таълимӣ, рисолаҳои илмӣ, мақолаву дастовардҳои дигари дар сатҳи илм пазируфташуда ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ асоснок мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқ муаллифи диссертатсия ба таври кофӣ санадҳои байналмилалӣ, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфноки ин ҷиноятҳоро дар замони муосири рушд ва таҳлили таркиби ҷиноятҳои баррасишавандаро тавсиф намудааст. Ҳамчунин, аз ҷониби диссертант коркарди амалӣ ва назариявии тавсияҳо баҳри такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, пешниҳод гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ба номи А Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои шуъба мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба нашр расидаанд.

Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ бо маърӯзаҳо пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла: Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар санади тавсивии Комиссияи илмӣ-амалии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ «Оид ба ворид намудани натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқотии мавзуи диссертатсионӣ ҷиҳати истифода бурдани он дар фаъолияти қонунгузории кумитаҳо ва комиссияҳои дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ гардидааст. Конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмию амалии

сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар ҳамоишҳои зерин дар шакли маърӯзаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд: Конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба 22-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ дар мавзуи «Нақши Конститутсия дар инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар ҶТ» (Душанбе, соли 2016); Конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуъҳои: «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққкунӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар давраи муосири инкишофи низоми давлатӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 29-уми апрели соли 2016); «Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва проблемаҳо» (ш. Душанбе, 26-уми майи соли 2016); «Таҳлили даврии ислоҳоти милитсия: назария ва дурнамои он» (ш. Душанбе, 10-уми июни соли 2016); «Форуми IV миллӣ оид ба волоияти қонун» (ш. Душанбе, 2-юми ноябри соли 2018); «Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоил ва дурнамо» (ш. Душанбе, 1-уми майи соли 2019); бахшида ба 25-умин солгарди қабули Конститутсияи Тоҷикистон (Душанбе, соли 2019); «Муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Роҳҳо ва натиҷаҳои он» (Душанбе, соли 2019); «Муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳо ва натиҷаҳои он» (Душанбе, соли 2020). Конференсияҳои байналмилалӣ дар мавзуъҳои: «Масоили мубрами ислоҳоти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 27-уми ноябри соли 2015); «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқ ва давлат дар асри XXI» (ш. Уфа, 20-21-уми апрели соли 2017); бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо» (Душанбе, соли 2021).

Муаллиф ҷиҳати такмили м. 147 КҶ ҶТ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ва Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ тавсияҳои мушаххасро дар шакли хаттӣ ирсол намуда, санади мусбӣ оид ба ворид намудани натиҷаҳои илмии таҳқиқотии диссертатсионӣ, дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил» ба

фаъолияти қонунгузории кумитаҳо ва комиссияҳои дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, аз 3 апрели соли 2023 гирифт.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 2 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба нашр расонида шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва замимаҳо иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 212 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ВАЙРОН НАМУДАНИ ДАХЛНОПАЗИРИИ МАНЗИЛ

## 1.1. Таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Инсоният дар роҳи таҳкими ҳуқуқу озодиҳо роҳи пуршиддатро тай намуда, аксар вақт, маҳз мубориза барои ҳуқуққҳои инсон, барои дараҷаҳои нави озодӣ, такондиҳандаи дигаргуниҳои васеъмиқёси ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ин ё он кишвар гардида, боиси дарки нави нақши инсон дар муносибатҳои бо ҷамъият ва давлат мегардад.

Мавзуи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, кафолатҳои қонунии таъмини онҳо роҳи дуру дарози таърихиро тай намудааст, ки сарчашмаи онро ақидаҳои назариявӣ, фалсафӣ, динӣ оид ба ҳаёти инсон ва муносибати ӯ бо олами гирду атроф, ғояи адолат ҳамчун меъёри рафтор ташкил медод. Ҳуқуқи инсон як падидаи мураккаб ва бисёрҷанба буда, дар давраҳои гуногуни таърихӣ, мушкилоти ҳуқуқи инсон, ки аввалан хусусити динӣ, ахлоқи ва фалсафӣ доштанд, хусусияти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ пайдо намуданд.

Дар баробари рушди ҳуқуққҳои инсон таҳлилҳо оид ба коркарди мафҳумҳои «»«ҳуқуқи дахлнопазирии манзил» оғоз ёфт. Бояд қайд намуд, ки мафҳумҳои «манзил» ва «амнияти шахсӣ» ҳамчун яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини ҳаёти инсон аз давраи қадим вуҷуд доранд. Мушкилоти қонунан маҳдуд намудани ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил дар таърихи тамаддун низ осори калон гузоштаст.

Аз ин рӯ, баҳри дарки моҳияти мушкилоти дахлнопазирии манзил ба таърих рӯ овардан мувофиқи мақсад мебошад. Тавре дар адабиёти илмӣ кайд мегардад: «...барои фаҳмиши мавзуъ дар воқеият ошкор намудани гузаштаи он лозим аст, барои дарк намудани моҳияти мавзуъ аз назар гузаронидани таърихи он зарур аст»[31].

[31] Подкорытов Г.А. Историзм как метод научного познания. – Ленинград Ленинградский Государственный университет, 1967. – 192 с.

Дар таърихи инсоният манзил ҳамчун маконе эътироф гардида буд, ки ҳангоми ба он ворид гаштани шахсони бегона, рафтори онҳо ба таври гуногун бандубаст карда мешуд. Чунин рафтор дар сурати беасос будан ҳамчун вайрон намудани ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил эътироф мегардид.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи таъмини дахлнопазирии манзил дар ёдгориҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар Қонунҳои Хаммурапӣ (шохи Бобул дар асри 18 пеш аз милод) як қатор моддаҳо оид ба вайрон кардани ҳуқуқи моликият мавҷуд буданд. Ин маҷмуаи моддаҳоеро дар бар мегирифт, ки муносибати муайяни манфиро нисбат ба шахсе, ки ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро вайрон мекард, дар бар мегирифт. Масалан, дар §21, 25, 113, 133 барои ворид гаштан ба манзили бе соҳиби манзил, дуздӣ аз манзил, оташ задани манзил, ғоратгарӣ... ҷазо пешбинӣ шудааст[32].

Қонунҳои Ассури Миёна асри XV пеш аз милод, инчунин барои даромади зан ба маъбади Худо ё дуздӣ аз манзил ҷазои қатл пешбинӣ менамуданд; куштори шахс дар манзили каси дигар низ чунин ҷазо дода мешуд.

Ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил дар Оятҳои 27-28 Сурраи 24 «Нур» Қуръони Карим дарҷ гардидааст: «Эй муъминон ба манзили ғайри манзили худ дохил нашавед, то он даме, ки иҷозат нагиред... Агар дар он касеро наёбед, пас дар он дохил нашавед то он даме, ки ба шумо иҷозат дода шавад. Ва агар ба шумо гуфта шавад «бозгардед», – пас баргардед»[33].

Дар Туркистон ва Бухоро мустаҳкамшавии меъёрии ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ хусусиятҳои ба худ хос дошт. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Халқии Советии Бухоро (ҶХСБ) ҳуқуқҳои шахсии шаҳрвандон назар ба Конститутсияҳои Туркистон ва ҶШС Тоҷикистон бештар кафолат дода шуда буд. Масалан, дар Конститутсияи ҶХБС аз соли 1921 озодии шахс ва

[31]Законы вавилонского царя Хаммурапи [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://pstgu.ru/download/1180422238.hammurapi.pdf (санаи муроҷиат: 26.01.2022 с.).
[31] Қуръони Карим. Сурраи 24 «Нур, «Оятҳои 27-28 Сурраи 24 «Нур»: Ленинградский Государственный университет, 1967. – 192 С.
[32]Законы вавилонского царя Хаммурапи [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://pstgu.ru/download/1180422238.hammurapi.pdf (санаи муроҷиат: 26.01.2022 с.).
[33] Қуръони Карим. Сурраи 24 «Нур, «Оятҳои 27-28 Сурраи 24 «Нур»

дахлнопазирии манзил муқаррар карда шуда буд. Чунин муқаррарот дар конститутсияҳои ҶШС Туркистон ва ҶШС Тоҷикистон мавҷуд набуданд[34]. Бо ташакули ҶШФСР баъд аз инқилоби октябр қонунҳои то инқилоб амалкунанда бекор карда шуданд. Ҳамзамон, надоштани таҷрибаи ташкили давлатдорӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ дар сатҳ, сифат ва муҳлатҳои танзимнамоии ҳуқуқи мушкилоти таъмини дахлнопазии манзил инъикос мегардид. Дар солҳои хокимияти шуравӣ дар Тоҷикистон чор конститутсия қабул карда шуд.

Конститутсияи соли 1918 ҶШФСР фасли алоҳидаро «эъломияи ҳуқуқҳои меҳнаткашон ва халқи истисморшаванда» оид ба ҳуқуқҳои инсон дар бар мегирифт. Вале, ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил дар он ҷой надошт, ки ин ҳолатро бо вазъияти мураккаби сиёсӣ он замон шарҳ додан мумкин аст.

Ҳамин тавр, дар Қарори комисариати халкии адлия «Дар бораи ташкили милитсияи советии коргару деҳқонон» соли 1918 пешбинӣ гардида буд, ки кофтуков танҳо бо қарори судҳои халкӣ ва комиссияҳои тафтишотӣ гузаронида мешавад. Милитсия бо ташаббуси худ танҳо барои пешгирӣ кардани нестшавии изҳои ҷиноят ҳуқуқи гузаронидани кофтуковро доштанд. Дар сурати гузаронидани чунин кофтуков ба суди халкии наздиктарин ё комиссияи тафтишот хабар дода мешуд .

Яке аз аввалин ҳуҷҷатҳои Ҳокимияти Шуравӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ – «Асосҳои аввалиндараҷаи қонуни ҷиноятии ҶШФСР соли 1919» буд, ки дар он низ меъёрҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла, ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил ягон муқаррарот дарҷ нагардида буд[35].

Мувофиқи Низомнома «Дар бораи трибуналҳои револютсионӣ» аз 18 марти соли 1920 кофтуков, дастгир кардан ва ҳабс намуданро танҳо муфаттишони трибуналҳо дар асоси қарори тасдиққардаи худи трибунал ҳуқуқ доштанд .

---

[34] Конституция (Основной закон) Таджикской Советской Социалистической Республики от 1 марта 1937 г. // Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917 - 1994) / сост. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 2014. –С. 401-422.

[35] Хрестоматия по истории отечественного государства и права 1917-1991 годов. – М.: Зерцало, 1997. – С. 63-68.

Соли 1924 Конститутсияи ИҶШС қабул гардид, ки дар он озодӣ ва баробарҳуқуқии миллӣ эълон карда шуд. Аммо ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил дар он низ ҷой надошт[36] . Ҳамзамон сарфи назар аз ҷой надоштани меъёрҳое, ки ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро дар конститутсияҳои аввалин танзим намекарданд, ин ҳуқуқ бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардида буд.

Бояд қайд кард, ки қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ба қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон таъсири имконпазир дорад, аз ҷумла, заминаи асосии ҳуқуқӣ дар самти музкурро ба вуҷуд овард.

Ҳамчунин, дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1926 ва Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1935 меъёре, ки дахлнопазирии манзилро ҳифз мекард, вуҷуд надошт. Аммо, дар моддаи 135-уми Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1926 аз манзили шахси маҷбуран баровардани коргарон ва хизматчиёнро бе ҳукми суд ҷиноят эътироф мегардид. Барои чунин ҷиноят ҷазо то 6 сол корҳои ислоҳӣ пешбинӣ гардида буд. Ҷолиб он аст, ки ҳатто дар қисмати зидди молу мулк, ки дар он моддаҳои дуздӣ, ғоратгарӣ, ғоратгарӣ мавҷуд аст – аломатҳои бандубастшавандаи ҷиноят «бо вайрон кардани дахлнопазирии манзил» ба назар намерасанд. Моддаи 97 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1926 – маҷбуран бе ҳукми суд баровардани коргарон, аз манзилҳое, ки ба муассисаю корманзилҳо вобаста карда шуда, ба ғайр аз мавридҳои ба таври маъмурӣ пешбинӣ гардида, ҷиноят эътироф мегардид.

5 декабри соли 1936 Конститутсияи нави ИҶШС қабул карда шуд, ки дар он бори аввал ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил эътироф мегардид. Дар Конститутсияи соли 1936 ИҶШС ҳуқуқҳои сотсиалию иктисодии шарҳрвандон (ба меҳнат, истироҳат, таъминоти моддӣ дар пиронсолӣ, ҳуқуқ ба таълим) пешбинӣ гардиданд, ки аз руи моҳияти худ назар ба ҳуқуқҳои

[36] Основной Закон (Конституция) Союза Советских Социалистических Республик. Принят второй сессией ЦИК СССР первого созыва 6 июля 1923 года и в окончательной редакции II съездом Советов СССР 31 января 1924 года / Конституция (Основной закон) Союза Советских Социалистических Республик. Конституции (Основные законы) Союзных Советских Социалистических Республик: научное издание. – М.: Известия Советов нар. депутатов СССР, 1985. – 744 С.

сиёсӣ ба ҳуқуқҳои табии инсон наздиктар буданд. Дар м. 128 Конститутсияи соли 1936 ИҶШС эълон гардида буд, ки дахлнопазирии манзил кафолат дода мешавад. Аммо, ин меъёри Конститутсия ба Кодекси ҷиноятии ИҶШС дохил карда нашуд. Муқаррарот оид ба дахлнопазирии манзили шаҳрвандон ва хориҷиён ва махфӣ нигоҳ доштани мукотиба низ муқаррар карда шуда буд[37].

Дар Конститутсияи соли 1937 ҶШС Тоҷикистон дахлнопазирии манзил ва махфи будани мукотиба муқаррар карда шуда буд. Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон доираи васеи ҳуқуқу озодиҳоро мустаҳкам намуд, ки муҳимтарини онҳо «Ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳои асосии шаҳрвандон» буд. Тибқи он «Ба шаҳрвандони ҶШС Тоҷикистон дахлнопазирии манзилашон кафолат дода мешавад. Ҳеҷ кас ҳақ надошт, ки бар хилофи иродаи шахсони дар он истиқоматкунанда бе асоси қонунӣ вориди манзил шавад. Дахлнопазирии манзил ва махфияти мукотиба бо қонун ҳифз карда мешавад».

25 декабри соли 1958 «Асосҳои қонунгузории ҷиноятӣ»-и ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ қабул карда шуда шуд. Дар асоси ҳамин «Асосҳо...» кодексҳои ҷиноятии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ қабул карда шуданд[38].

Бори аввал ин дар м. 130 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1960 боби нав «Ҷиноятҳо бар зидди ҳуқуқу озодиҳои интихоботӣ, меҳнати ва дигар шахсии инсон ва шахрванд» ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил пурра муқаррар карда шуда буд, ки тибқи он кофтуковҳои ғайриқонунӣ, аз манзил кучидан ва дигар кирдорҳои ғайриқонунӣ, ки дахлнопазирии манзилро вайрон мекарданд, ҷиноят дониста шуданд. Ба сифати объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо татбиқи ҳуқуқи субъективии шаҳрванд ба дахлнопазирии манзил

[37] Петрухин И. Л. Человек и власть: (в сфере борьбы с преступностью) / И. Л. Петрухин. М., 1999. С. 166; Петрухин И. Л. Человек как социальная ценность / И. Л. Петрухин // Государство и право. – 1999. – №1. – С. 87.

[38] Новиков, В. А. Уголовная ответственность за нарушение неприкосновенности жилища: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2001. – 167 с.

алоқаманданд, эътироф мегардид[39]. Вале, танҳо шахси мансабдор субъекти ин ҷиноятҳо буд. Санксияҳо барои ин ҷиноят ҳадди – танҳо то 1 сол маҳрум кардан аз озодӣ таъин мегардид.

Дар баробари кофтукови ғайриқонунӣ, ғайриқонунӣ аз манзил берун кардан, ки тибқи қонунгузории контрреволютсионӣ ҳамчун кирдори худсарона эътироф карда мешуд, ба кирдорҳои ғайриқонунӣ, ки дахлнопазирии манзилро вайрон мекунанд, ворид гаштан ба манзили истиқоматӣ бар хилофи иродаи соҳибмулк, истифодаи муваккатии манзили истиқомати дар набудани соҳибмулк ва ғайра ҷиноят эътироф мегардиданд. Мафҳуми «дигар кирдорҳои ғайриқонунӣ», ки ҳамчун вайрон кардани дахлнопазирии манзил эътироф мегардиданд ва ба андешаи муҳаққиқон, хусусияти баходиҳи дошта мазмуни онро баъзан на танҳо намояндаи шуури ҳуқуқи оммавӣ, балки корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян кардан наметавонист[40].

Воридшавӣ ба манзил ҳамчун аломати бандубастшвандаи тасарруф дар амалияи судӣ ба таври мушаххкас баррасӣ гардида буд. Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶШС Тоҷикистон аз 22 марти соли 1966, таҳти №31[41], шарҳи аломати бандубастшавандаи ғоратгарӣ ё роҳзанӣ бо роҳи ворид гаштан ба бино, манзил ё дигар иншоот тавсиф мегардид.

Дар қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 5 сентябри соли 1986, № 11 [42] ворид гаштан ба манзил шарҳ дода шуд. Дар он зикр гардид, ки воридшавӣ ба манзил бо мақсади содир намудани ғоратгарӣ, дуздӣ, ки на танҳо пинҳонӣ, балки ошкоро ҳам бо рафъи монеаҳо ва ҳам бо муқовимати одамон, содир карда мешавад. Дар ҳамин Қарор мафҳуми «манзил» дода шуда буд, ки тибқи он манзил иншооте мебошад, ки барои истиқомати

---

[39] Расулов Р. И. Уголовная ответственность за преступления, связанные с проникновением в жилище: автореф. дис. ... канд. юрид. наук // Р. И. Расулов ; Акад. МВД СССР. – М., 1991. – С. 10.
[40] Акоев К. Л. Неприкосновенность жилища как объект уголовно-правовой охраны / К.Л. Акоев // Проблемы уголовной политики и уголовного права: межвуз. сб. науч. тр. / МВД Рос. Федерации, Моск. высш. шк. милиции; [отв. ред. А. В. Наумов]. – М., 1994. – С. 110.
[41] Ласточкина С. Г. Сборник постановлений Пленумов Верховного Суда СССР (СССР, Таджикская ССР) по уголовным делам / С. Г. Ласточкина, Н. Н. Хохлова. Изд. 2-е, перераб. и доп. – М.,2000. – С.190.
[42] Сборник постановлений Пленумов Верховных Судов СССР по уголовным делам: [по состоянию на 1 янв. 1995 г.]. – М., 1995. – С. 310.

доимӣ ё муваққатии одамон (манзилҳои инфиродӣ, хона, ҳуҷра дар меҳмонҳо, котеҷ, манзил дар боғ ва ғайра) пешбинӣ шудааст, инчунин, ҷузъҳои таркибии манзилҳо, ки барои истироҳат, нигаҳдории амвол ё қонеъ кардани дигар ниёзҳои инсон равона гардидаанд (балконҳо, айвонҳо, анборҳо ва ғайра) дохил мешуданд. Аммо биноҳое, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ пешбинӣ нашудаанд (ниҳонҳо, анборҳо, гаражҳо ва дигар утоқҳои ёрирасон, ки аз биноҳои истиқоматӣ ҷудо карда шудаанд) ҳамчун манзили истиқоматӣ эътироф карда намешаванд. Ҳамин тариқ, мавҷуд набудани мафҳуми «манзил» дар қонуни ҷиноятӣ тавассути тавзеҳоти судӣ ҷуброн карда мешуд.

Ин таъриф, ба назари мо, барои муайян кардани мафҳуми «манзил» мувоффиқ буд, гарчанде, ки чунин мафҳум дар қонуни ҷиноятии ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон вуҷуд надошт. Қонунгузории Шуравӣ руйхати мукаммали шахсонеро пешбинӣ мекард, ки ҳуқуқи бе иҷозат ба манзили шаҳрвандон даромаданро доштанд. Ин ҳуқуқро мақомоти тафтишот ва таҳқиқ дар мавридҳое истифода мебурданд, ки барои гузаронидани кофтуков, мусодира (м. 16 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон) ё таъмини даъвои гражданӣ бо роҳи ҳабси амвол ва тавсифи он (м. 126 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон) зарур буд. Қарор дар бораи содир намудани ин амалҳо ҳатман бояд аз ҷониби прокурор дода мешуд. Иҷрочиёни суд ҳуқуқ доштанд, ки дар асоси ҳалномаи суд бе монеа ба манзил ворид шаванд.

Кафолатҳои дахлнопазирии манзил дар он буд, ки шаҳрвандон бо қарори суд ё прокурор ва чун қоида бо додани манзили дигари истиқоматӣ аз манзили истиқоматашон берун карда мешуданд (м.м. 36 - 38 Асосҳои қонунгузории манзилии Иттифоки ҶШС ва ҷуҳуриҳои иттифоқӣ).

Бояд қайд намуд, ки бинобар як давлат будан дар тамоми кодексҳои ҷиноятии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ меъёрҳое ҷой доштанд, ки барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекарданд.

Ҳамин тавр соли 1960 Кодекси ҷиноятии ҶШС Белорус (м. 132)[43], Кодекси ҷиноятии ҶШФСР (м. 136) [44]. Соли 1961 — Кодекси ҷиноятии ҶШС Точикистон[45], Кодекси ҷиноятии ҶШС Арманистон (м. 144)[46], Кодекси ҷиноятии ҶШС Молдавия (м. 135)[47] , Кодекси ҷиноятии ҶШС Гурчистон[48].

Ҳамин тавр, Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 дар м. 136 барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамуд. Тарафи объективии ҷиноят аз чунин кирдорҳо иборат буд: кофтукови ғайриқонунӣ, берун кардани ғайриқонунӣ ё дигар амалҳои ғайриқонунӣ, ки вайронкунии дахлнопазирии манзилро пешбинӣ мекарданд. Субъекти ҷиноят умумӣ буд.

Кариб дар тамоми Кодексҳои ҷиноятӣ ҳамчун тарафи объективӣ чунин кирдорҳо яхеларо пешбинӣ менамуданд: кофтукови ғайриқонунӣ, ғайриқонунӣ берун намудан аз манзил ва дигар кирдорҳо.

Ҳамзамон дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Латвия соли 1962 ва ҶШС Гурчистон дар соли 1961 танҳо кофтукови ғайриқонунӣ нишон дода шудааст. Дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Эстония (м. 133) кофтукови ғайриқонунӣ ва кучонидан, дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Литва кофтукови ғайриқонунӣ ва кучидан, инчунин харакати ғайриқонунӣ кайд карда мешавад.

Дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Украина ва Кодекси ҷиноятии ҶШС Гурҷистон кайд карда шуда буд, ки ин ҷиноятҳоро танҳо шахси мансабдор (субъекти ҷиноят) содир карда метавонад, дар дигар кодексҳои ҷиноятии республикаҳои иттифоқӣ субъекти он нишон дода нашудааст, он метавонист умумӣ ё махсус бошад.

---

[43] Уголовный кодекс Белорусской ССР. Официальные тексты с изменениями и дополнениями на 1октября 1983 г. [Текст]. – Минск: Беларусь, 1984. – 160 С.
[44] Комментарий к уголовному кодексу РСФСР [Текст] / Под ред. Ю._Д. Северина. - М.: Юрид. лит., 1984. – 528 С.
[45] Уголовный кодекс Таджикской ССР [Текст]: С изм. и доп. на I марта1984 г. В сб.: Уголовный кодекс Таджикской ССР. Уголовно-процессуальный кодекс Таджикской ССР. Исправительно-трудовой кодекс Таджикской ССР. – Душанбе: Ирфон, 1984, – С. 133.
[46] Уголовный кодекс Армянской ССР [Текст]: Принят на пятой сессии Верховного Совета Армянской ССР пятого созыва 7 марта 1961 года. – Ереван: Армгосиздат, 1961. – 183 С.
[47] Уголовный кодекс Молдавской ССР [Текст]: утвержден Законом Молдавской ССР от 24 марта 1961 года / / Ведомости Верховного Совета Молдавской ССР. – 1961. – № 10. – Ст. 41.
[48] Уголовный кодекс Грузинской ССР [Текст]: С изм. и доп. на I янв.1984 г. Тбилиси. – Сабчота Сакартвело. – 1984. – 375 С.

Дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон муқаррар гардида буд, ки шахси мансабдор субъекти ин ҷиноят шуда наметавонад. Ғайр аз ин, ҷазоҳо дар ҳамин Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон бо ҷаримаи маъмурӣ маҳдуд карда шуда, дар сурати такрор шудан ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён меомад.

Ҳамин тавр, сарфи назар аз он ки ин м.м. Кодекси ҷиноятии давлатҳои гуногун мебошанд, мазмуни онҳо кариб фарқ намекард. Дар тамоми онҳо амалҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок, аз қабили ғайриқонунӣ кофтуков кардан ва берун кардан пешбинӣ шуда буд. Инҷунин, ҷазо низ камбудии назарраси ин моддаҳои Кодексҳои ҷиноятии ҶШС мебошад. Дар онҳо асосан ҷарима ё аз озоди маҳрум намудан ба муҳлати то 1 сол пешбинӣ гардида буд. Дар баъзе ҳолатҳо чунин кирдор аз ҷониби субъектҳои гуногун (яъне субъекти махсус ва субъекти умумӣ) содир мегардид, аммо ҷазо барои ин гуна кирдорхо як хел буд.

Рушти минбаъдаи таъмини ҳуқуқи-ҷиноятии дахлонопазирии манзил бо ба тасвиб расонидани Пактҳои байналмилали СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон соли 1976 ИҶШС оғоз гардид. Соли 1978 Конститутсиям ИҶШ Тоҷикистон қабул карда шуд, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон тибқи стандартҳои байналмилалӣ муқаррар гардида буданд. Мавзуи ҳуқуқи инсон дар он инъикос ёфта буд. Диққати асосӣ ба ҳуқуқҳои ичтимоию-иқтисодӣ дода мешуд.

Моддаи 55 Конститутсия дахлнопазирии манзили шаҳрвандони ИҶШ Тоҷикистон-о кафолат дода буд. Ҳеҷ кас ҳақ надошт, ки бар хилофи иродаи шахсони дар он истиқоматкунанда бе асосҳои қонунӣ ба манзил ворид шавад.

Эълони истиқлолияти ҶТ 9 сентябри соли 1991 дар таърихи давлату халқи мо саҳифаи нав кушода, имкон дод, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон васеъ карда, онҳо бо мазмуну мундариҷаи нав пур карда шаванд. Ҳамзамон, бо истифода аз вазъи иҷтимоию сиёсии ҷумҳурӣ, хусусан дар шаҳри Душанбе, дар солҳои навадуми асри гузашта ҳодисаҳои аз тарафи шахсони бетараҳҳум ва нопок зӯран соҳибӣ кардани манзилҳои одамон зиёд рӯй

додааст. Бахусус, манзилҳои шахсоне, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои хунини соли 1992 фирорӣ гашта буданд, аз тарафи шахсони ҷиноятпеша тасарруф карда шуданд. Ҳатто ба воситаи таҳдиду зӯрӣ аз манзилашон одамонро берун карда, онро соҳибӣ кардаанд. Ин кирдорҳо дахлнопазирии манзили шахсро вайрон карда, хилофи Конститутсия шуданд.

Бо мақсади пешгирии чунин ҳодисаҳо Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 апрели соли 1994 «Дар бораи чораҳои иловагии ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон дар бобати дахлнопазирии манзил» фармон баровarda буд. Чораҳои дар он пешбинӣшуда то андозае пеши роҳи ин ҷинояткориҳоро гирифтанд. Дар ин робита, танҳо Суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 34 аризаи шаҳрвандонро дар бораи вайрон кардани ҳуқуқи онҳо ба манзил баррасӣ намуда, аз рӯи натиҷаи он 4 парвандаи ҷиноӣ боз карда, 3 даъворо ба суд ирсол намуд. Барои бо роҳи маъмурӣ аз манзил баровардан ду амр дода, ба шуъбаи корҳои дохилӣ як пешниҳод фиристод. Дар маҷмӯъ, танҳо судҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ ва ноҳияи Сино 54 даъвои шаҳрвандонро дар бораи аз манзил баровардани одамон баррасӣ намуданд. Аммо ин чораҳо ҳам садди роҳи ҳуқуқвайронкуниҳо гашта натавонистанд ва ҳоло ҳам ин ҷараён идома дорад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994, ки дар натиҷаи райъпурсии умумихалқӣ қабул шуд, афзалиятҳои ҳифзи ҳуқуқи аз манфиати ҷамъият ба манфиати шахсият иваз карда шуданд. Дар Конститутсия ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил дар м. 22 муқаррар карда шудааст, ки тибқи он «Манзили шахс дахлнопазир аст. Ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истисноии мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст»[49].

Қабули Конститутсияи нав ба тағйир ёфтани объектҳои ҳифзи ҳуқуқӣ оварда расонид ва аз ин рӯ сабаби қабули қонунгузории нав, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ гардид. Илова бар ин, ҳамроҳшавии Ҷумҳурии

[49] Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тоҷикистон ба Шартномаиҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқӣ инсон ба зиммаи он уҳдадориҳо вогузор гардид, то ки ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва пеш аз ҳама таъмини воқеии ҳуқуқҳои эълонкарда тавассути қонуни ҷиноятӣ амалӣ карда шаванд. Ин ҳолатҳо сабаби қабули КҶ ҶТ аз соли 1998 гардиданд[50].

КҶ ҶТ дар масъалаи шарҳи мафҳуми «дахлнопазирии манзил» саҳифаи нав боз намуд. Муайян кардани мазмуни кирдоре, ки вайрон кардани дахлнопазирии манзил ё дигар моликияти шахсро ташкил медиҳад дар м. 147 КҶ ҶТ чунин муайян карда шудааст:

«1) Ғайриқонунӣ даромадан ба манзил бар хилофи хоҳиши шахси дар он истиқоматкунанда ё касеро аз манзилаш маҳрум кардан,

бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он;

б) бо истифодаи мақоми хизматӣ;

в) бо ғайриқонунӣ васл намудани воситаҳои гӯшандозӣ ё дигар воситаҳои махсус дар манзили истиқоматӣ содир шудааст,

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: Дар зери мафҳуми манзил дар ҳамин ва дигар моддаҳои ҳамин Кодекс манзили истиқоматии фардӣ бо биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ба он дохилшаванда, бинои истиқоматӣ новобаста аз шакли моликият ба фонди манзил дохилшаванда, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ аст, ҳамчунин дигар бино ё сохтмони ба фонди манзил дохилнашаванда, вале барои истиқомати муваққатӣ таъин

[50] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21-уми майи соли 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306.

гардидааст, фаҳмида мешавад[51].

Моддаи 147 КҶ ҶТ, ки ҷавобгариро барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил таъмин намуда ғайриқонунӣ даромадан ба манзил бар хилофи хоҳиши шахси дар он истиқоматкунанда ё касеро аз манзилаш маҳрум кардан ҷиноят эътироф мегардад. Аз ин рӯ, ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо (кофтуков, мусодира, тафтиш, дахолат кардан ва ғ.) агар ғайриқонунӣ ва бар хилофи иродаи шахс содир шуда бошанд, бояд ҷиноят ҳисобида мешаванд.

Моддаи 147 КҶ ҶТ дар баробари таркиби асосӣ таркибҳои бандубастшвандаро низ дар бар мегиранд: бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он; бо истифодаи мақоми хизматӣ; бо ғайриқонунӣ васл намудани воситаҳои гӯшандозӣ ё дигар воситаҳои махсус дар манзили истиқоматӣ содир шудааст.

Моддаи мазкур мафҳуми манзилро низ дар бар мегирад ҳангоми ҳуқуқтатбиқкунӣ аҳаммияти ҷиддӣ дорад. Аз ин рӯ, дар муқоиса бо қонунгузории замони шӯравӣ меъёри таъмини ҳифзи ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил дар КҶ ҶТ соли 1998 муфассалтар танзим шудааст. Ҷавобгарӣ вобаста ба вазнинии кирдори ҷиноятӣ муфассал тафовут карда мешавад.

Ҳамин тавр,

1. Ташаккул ва таҳкими меъёрҳое, ки ҷавобгариро барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил дар қонунгузории давлати мо пешбинӣ мекунанд, якчанд марҳилаҳои рушдро паси сар кардааст:

- бавосита истинод оид ба таҷовузҳои ҷиноятӣ ба шахсият ё моликият, ки бар зидди онҳо ҳимоя зарур аст, ёдоварӣ мегардад;

- вайрон намудани дахлнопазирии манзил ҳамчун яке аз шаклҳои худсарӣ;

- ташаккули таркиби мустақили ҷиноятӣ, ки ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил, вобастагӣ дорад.

---

[51] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1998. – № 9. – Мод. 68, 69.

2. Таҳлили таърихи муқаррар шудан ва инкишоф ёфтани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил нишон дод, ки коидаҳои ёдгориҳои ҳуқуқии кадим, ки ҷавобгариро барои таҷовуз ба манзил пешбинӣ мекарданд қонуни ҷиноятӣ набуда, мухофизати манзил аз ҷиҳати моликият ба амал бароварда мешуд. Ҳуқуқи худи ӯ ба дахлнопазирии худ, асосан, ҳамчун ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҷисмонӣ – манъи несту нобуд, харобшавӣ, оташзанӣ ва ғайра дида мешуд. Аммо дар Қонунҳои Хаммурапи (асри XVIII пеш аз милод) масъулият барои даромадан ба манзил дар сурати набудани сохиби он пешбинӣ шуда буд.

3. Дар қаламравӣ ҶТ то соли 1960 меъёре мустақили қонунгузории ҷиноятӣ, ки барои вайрон кардани ҳуқуқи дахлнопазирии манзил ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар менамуд, вуҷуд надошт. Танҳо аз манзили хизматӣ кучонидани коргарон кирдори ҷиноятӣ дониста мешуд. Аммо бо рушди қонунгузории конститутсиони ва ҷиноятӣ дар кишвар меъёре, ки ҷавобгарӣ барои вайрон кардани дахлнопазирии манзилро пешбинӣ мекунад дар кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ворид гардид.

4. Эълони истиқлолияти ҶТ 9 сентябри соли 1991 дар таърихи давлату халқи мо саҳифаи нав кушода, имкон дод, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон васеъ карда, онҳо бо мазмуну мазмуни нав пур карда шаванд. Соли 1994 дар ҶТ Конститутсияи ҶТ қабул шуд. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994, ки дар натиҷаи раипурсии умумихалқӣ қабул шуд, афзалиятҳои ҳифзи ҳуқуқӣ аз манфиати ҷамъият ба манфиати шахсият иваз карда шуданд. Дар Конститутсия ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил дар моддаи 22 муқаррар карда шудааст, ки тибқи он «Манзили шахс дахлнопазир аст. Ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истисноии мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст»[52].

5. Қабули Конститутсияи нав ба тағйир ёфтани объектҳои ҳифзи ҳуқуқӣ оварда расонид ва аз ин ру сабаби қабули қонунгузории нав, аз ҷумла

[52] Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994.

қонунгузории ҷиноятӣ гардид. Илова бар ин, ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шартномаиҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқӣ инсон ба зиммаи он уҳдадориҳо вогузор гардиданд, то ки ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва пеш аз ҳама таъмини воқеии ҳуқуқ ва ҳуқуқҳои эълонкарда тавассути қонуни ҷиноятӣ амалӣ карда шаванд. Ин ҳолатҳо сабаби қабули КҶ ҶТ аз соли 1998 гардиданд. КҶ ҶТ дар масъалаи шарҳи мафҳуми «дахлнопазирии манзил» саҳифаи нав боз намуд. Муайян кардани мазмуни кирдоре, ки вайрон кардани дахлнопазирии манзил ё дигар моликияти шахсро ташкил медиҳад дар м. 147 КҶҶТ муаян карда шудаст. Дар баробари ин, м. 147 КҶ ҶТ ҳифзи пурраи ҳуқуқҳои ҳар як шахс ба дахлнопазирии манзил то ҳол комил нест. Бинобар ин, м. 147 КҶ ҶТ ба такмил ниёз дорад.

## 1.2. Асосҳои криминализатсияи вайрон намудани дахлнопазирии манзил

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба асосҳо, меъёрҳои тасниф ва принсипҳои криминализатсияи кирдор ақидаҳои зиёд вуҷуд доранд[53].

Криминализатсия – ин ҷараёни ошкор намудани намудҳои рафтори инсонии ба ҷамъият хавфнок, дар сатҳи давлатӣ эътироф намудани зарурият, имконият ва мувофиқи мақсад будани пешгирии ҷиноятӣ-ҳуқуқии онҳо, инчунин дар қонуни ҷиноятӣ ҳамчун ҷиноят мустаҳкам кардани онҳо мебошад. Давлат, меъёри мушаххаси ҳуқуқи ҷиноятиро пешбинӣ намуда (хусусан содир намудани кирдорҳои муайяни ба ҷамъият хавфнокро манъ мекунад) ба вусъатёбии хавфноки онҳо эътиноӣ зоҳир намуда, ба онҳо баҳои манфӣ медиҳад, онҳоро маҳкум ва бо таҳдиди татбиқи ҷазои ҷиноятӣ манъ мекунад. Таҳияи меъёри ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ эътинои аввалини давлат (дар шахсияти он тамоми ҷамъият) нисбати ба ҷамъият хавфнокии намудҳои муайяни рафтор, хусусан ҷинояткорӣ мебошад.

Ҳарчанде, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба асосҳои криминализатсия андешаҳои гуногун ҷой доранд, андешаи пешниҳидонамудаи С.Г.Келина вобаста ба асосҳои криминализатсияи дуруст

[53]Лопашенко, Н. А. Уголовная политика / Н. А. Лопашенко. – М. : Волтерс Клувер, 2009. – 608 С.

мебошад, ки олим онҳоро ба ду гурӯҳ муттаҳид менамояд: иҷтимоӣ-психологӣ ва низомӣ-ҳуқуқӣ. Олим ба гурӯҳи аввал, мавҷудияти дараҷаи баланди таҳдиди ҷамъиятӣ; паҳншавии кирдор; мутобиқати манъи қонуни ҷиноятӣ ба тасавуроти муайяни ахлоқии аҳолӣ; таносуби дурусти окибатҳои имплементатсияи мусбӣ ва манфии татбики меъёри қонуни ҷиноятӣ. Ба гуруҳи дуюм, мутобиқати қонуни нави ҷиноятӣ ба Конститутсия, меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ ва конвенсияҳои байналмилалӣ, ба тариқи мурофиавӣ исбот гардидани манъи қонуни ҷиноятӣ ва ҷазои барои ҷинояти нав пешбинӣшуда[54].

Хавфи ҷамъиятии кирдор аломати хатмии ҷиноят буда, моҳияти ҷамъиятии онро ошкор месозад. Ин хусусияти объективии ҷиноят (ҳаракат ё ҳаракатӣ) – расонидани зарари ҷиддӣ (моддӣ, молу мулкӣ ё ҷисмонӣ; ғайримоддӣ – сиёсӣ, ташкилӣ, маънавӣ ва ғ.) ё ба вуҷуд овардани таҳдиди воқеии расонидани чунин зарар ба субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад[55].

Амалҳое, ки муносибатҳои асосии ҷамъиятиро вайрон мекунанд, зиддиҷамъиятӣ ва ғайриқонунӣ дониста шуда, дорои хатари иҷтимоӣ мебошанд. Яъне, ҷиноят ҳамчун кирдори ғайриқонунӣ бо сабаби тобеъ кардани иродаи онҳо маҳдудиятҳои муайянро муқаррар мекунанд. Қонуни ҷиноятӣ аз хоҳиши ҷомеа ба зиндагии осоишта вобаста аст, бинобар ин, танҳо ҷомеа зарурати муқаррар намудани маҳдудиятҳои қонуниро дар ҳаёт бедор мекунад[56].

Таҷовуз ба дахлнопазирии манзил ё дигар молу мулки шахс хатари дараҷаи зиёди ҷамъиятӣ дорад. Дараҷаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии конститутсионии инсон ва шаҳрванд бо муайян кардани дараҷаи хавфи ҷамъиятии рафтор бо роҳи зиёд намудани ҷазо барои вайрон кардани чунин

---

[54] Келина, С. Г. Основания уголовно-правового запрета [Текст]: материалы научн. конференции: Материалы IV Советско-Западногерманского симпозиума по криминологии, уголовному праву и процессу // АН СССР. Ин-т гос. и права; Отв. ред. А. Я. Светлов, Г. И. Чангули. – К.: Наук. думка, 1990. – С. 6-13.
[55] Акинина Н.Ю. Уголовно-правовая характеристика неприкосновенности жилища: дис. … канд. юрид. наук. – Тюмень, 2008. – С. 63.
[56] Тоболкин, П. С. Социальная обусловленность уголовно-правовых норм [Текст] / Павел Семенович Тоболкин. – Свердловск : Сред.-Урал. кн. изд-во, 1983. – 177 с. С. 86.

ҳуқуқҳо вобаста аст. Таъмини татбиқи ин ҳуқуқҳо, ҳолати риояи қонуниятро дар давлат ва дар ниҳоият шароити мусоиди зиндагонии ҳар як инсонро таъмин менамояд.

Асоси навбатии криминализатсияи кирдор, ин дар марҳилаи муайяни ҳаёти ҷамъият нисбатан паҳн шудани кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқоти оморӣ оид ба динамика ва паҳншавии кирдор шарти муҳими криминализатсияи ҷинояти вайрон кардани дахлнопазирии манзил мебошад.

Мақсади кори илмӣ-таҳқиқотии мазкур – ҷамъбасти амалияи тафтишотӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ бо мақсади ба низом даровардан ва таҳлили оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, ошкор намудани фарқиятҳои устувори татбиқи қонунгузорӣ аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муайян кардани сабабҳо ва шароитҳои ба ин мусоидаткунанда, таҳияи таклифу тавсияхо мебошад.

Умумигардонии амалияи тафтишотӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, ки ба ҷавобгарӣ кашидан барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил – нишондиҳандаи муҳими сатҳи самаранокии раванди татбиқи адолатӣ буда, ба омӯзиши мушкилиҳои амалияи тафтишотии ҳуқуқӣ, таҳияи пешниҳодҳо оид ба қонуншиканӣ нигаронида шудааст. Ташаккули истифодаи якхелаи қонунгузорӣ, ошкор намудани камбудиҳо ва таҳлили онҳо, аввалиндараҷа мебошад. Инчунин, ба фикри мо, бе таҳлили динамикаи содиршудани ҷинояти дар м. 147 КҶ ҶТ пешбинӣшуда, пурра ҳисобидани рисола ғайриимкон мебошад. Бинобар ин, зурур мешуморем, таҳлили он барои тасвири васеъи ҷинояткорӣ ба ҷанбаҳои гуногун тақсим карда шавад.

Дар асоси баҳисобгирии содиршавии ҷинояти дар м. 147 КҶ ҶТ, ки аз СМИТ ВКД ҶТ дастрас карда шудааст, маълум мешавад, ки солона дар микъёси ҶТ аз ҷониби мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки дар асоси КМҶ ҶТ ҳуқуқи оғоз намудани парвандаҳои ҷинояти бо аломати ҷинояти дар м. 147 КҶ ҶТ пешбинӣшуда ваколатонида шудаанд, дар соли 2010 - 2021 (ҷадвали №1) содир шуд:

Дар ҶТ солҳои охир ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани дахлнопазирии манзил, мутаассифона, бештар ба мушоҳида мерасанд. Ҳамин тариқ, шумораи оғоз намудани парвандаи ҷинояти тибқи м.147 КҶ ҶТ пешбинӣшуда:




2015 – 80 нафар;

2016- 76 нафар;

2017-72 нафар;

2018-76 нафар;

2019-89 нафар;

2020-102 нафар;

2021-400 нафар.

Аз рӯи натиҷаи омори мазкур метавон ба хулосае омад, ки ин ҷиноят дар қиёс бо дигар ҷиноятҳо то ҳол густурда нашудааст. Аммо, ба назари мо, ин омор комилан дуруст нест. Зеро вайрон кардани дахлнопазирии манзил ҷиноятест, ки дараҷаи баланди латентӣ дорад. Сабаби ин нобоварӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва нобоварӣ ба ифшои ин ҷиноят мебошад. Бештари шаҳрвандон дар сурати поймол шудани ҳуқуқ ба манзил ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намекунанд, баъзеи онҳо ин қонуншиканиро ҷиноят намеҳисобанд ва аз ин рӯ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намекунанд.

Таҳлили парвандаҳои бо м. 147 КҶ ҶТ аз соли 2010 то соли 2021 нишон дод, ки сол ба сол ҳолатҳои вазнинкунандаи вайронкунии дахлнопазирии манзил поён рафта истода, нишонаҳо ва бандубасти ҷиноятӣ бо қ. 2 моддаи мазкур кам шудааст. (Нигаред ба нақшаи №2).




Сарфи назар аз омори муроҷиати шаҳрвандон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба далелҳои поймол шудани ҳуқуқи онҳо ба дахлнопазирии манзил, инчунин, бояд ба мувофиқати манъи ҷиноятӣ-ҳуқуқии вайрон кардани дахлнопазирии манзил ба баъзе ақидаҳои ахлоқии аҳолӣ таваҷуҳ намудан зарур аст.

Ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ дар баъзе сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ҳамчун ҳаёти шахс дар соҳаи махсуси оилавӣ, манзилводагӣ, муносибатҳои шахсӣ, маҳрамона ифода мегардад, ки зери назорати давлат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандон қарор надоранд. Озодии андеша, вохури бо одамони дигар, ё худдорӣ аз чунин робитаҳо, озодии баён, сирри манзил, рӯзномаҳо, дигар сабтҳои шахсӣ, мукотиба, почта, телеграф, паёмҳо, мундариҷаи гуфтугӯҳои телефонӣ ва дигар гуфтугӯҳо ва ғ. ба ин категория ҳуқуқи асосӣ вобаста мебошад.

Доираи ҳуқуқҳои шахсии инсон ва шаҳрванд хеле васеъ ва гуногун аст. Ба инҳо ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ, баробарӣ, дин, ҳифзи саломатӣ, дахлнопазирии

шахсӣ, шаъну шараф, сирри оилавӣ, ҳуқуқ ба манзил, озодии баён, фикр, манзил, молу мулк, мукотиба, алоқаи электронӣ, телеграфӣ ва телефонӣ дохил мешаванд. Ҳуқуқ ба манзил, ҳифзи манзил ва дигар молу мулк ҷузъи ҳаёти шахсии инсон мебошад. Зеро дар давлати демократии ҳуқуқбунёд дахолат ба ҳаёти шахсии ҳар кас манъ гардида, ғайриқонунӣ мебошад.

Ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил ба таърифи ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ асос ёфтааст. Манзил, дар навбати худ, маркази ҳаёти шахсии инсон аст. Вазифаи асосии он таъмини амнияти шахс ё шахсони дар он истиқоматкунанда мебошад. Аз ин рӯ, агар дахлнопазирии манзил вайрон карда шавад, шахси гунаҳкор гуё девореро вайрон мекунад, ки барои ҳифзи манфиати сокини инсон хизмат мекунад. Дар ҳолати чунин вайронкорӣ, манзил иҷрои вазифаҳои муҳимтарин ва бевоситаи худ, яъне ҳифзнамоиро қатъ менамояд.

Бинобар ин, мо бо андешаи олими рус Н.Ю. Акинина розӣ ҳастем, ки тибқи он, асоси ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзилро табиати иҷтимоӣ ва биологии он ташкил медиҳад, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои муҳимтарин – мустақилияти ҳаёти шахсӣ хизмат мекунад[57].

Манзили шаҳрванд, ҳар он чи ки дар он руй медиҳад, ҳаёти шахсии одам аст. Инсон, танҳо дар манзили худ ба нафақа баромада, ҳаёти шахсии худро аз ҷамъият пинҳон дошта метавонад. Манзил барои инсон макone буд, ҳаст ва хоҳад буд, ки дар он ӯ метавонад истироҳат кунад, аз ҳама нохушиҳо, душманон ва омилҳои табиӣ дурӣ ҷӯяд, инчунин, оила барпо кунад, хоҷагиашро пеш барад. Аз ин рӯ, соҳибманзил кӯшиш мекунад, ки манзили худро то ҳадди имкон ҳифз ва ҳимоя намояд. Дар давраҳои гуногун, манзил шаклҳои гуногун дошт, аммо он ҳамеша хусусӣ (шахсӣ) ва дахлнопазир буд. Дар замонҳои қадим – он сангҳо ва деворҳо буд, имрӯз - он биноҳои баландошёна аст. Бинобар ин, қонун, ҳангоми кофтуков корманди оперативӣ, таҳқиқотчи, муфаттиш, прокурорро вазифадор мекунад, ки барои

[57] Акинина, Н. Ю. Уголовно-правовая характеристика нарушения неприкосновенности жилища: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Акинина Наталья Юрьевна ; [Тюмен. юрид. ин-т]. – Сургут, 2008. – 187 С.

ошкор нагардидани маълумоти шахсии шаҳрвандоне, ки дар ин ё он манзил истиқомат мекунанд, чораҳои заруриро андешад. Шахсоне, ки дар ифшои чунин маълумот гунаҳкоранд, тибқи қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Дахлнопазирии манзил яке аз ҳуқуқҳои асосии конститутсионии инсон аст ва шахсе, ки дахнопазирии манзилро вайрон мекунад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад[58]. «Манзили ман қалъаи ман аст» – ин ибора ба ҳуқуқшиноси англисии асри VII Эдуард Кок тааллуқ дорад. Ин маънии онро дорад, ки тамоми инсоният танҳо дар манзил худро бехатар ҳис мекунанд. Баъзан манзил метавонад чандин сирри шахсӣ ва оилавиро нигоҳ дорад, ки соҳибмулк ва (ё) шахси дигаре, ки дар ин ё он минтақаи истиқомат мекунад, намехоҳад, ки ифшо шавад.

Таҳлили сабабҳои ба таври кофӣ фаъолона татбиқ нагардидани муқаррароти м. 147 КҶ ҶТ, дар амал аз мавҷудияти мушкилоти ҷиддӣ дар арзёби хатари ҷамъиятии вайрон кардани дахлнопазирии манзил аз ҳама ва аз ҷониби худи ҷабрдида мебошад.

Ҳамин тавр, мақомоти тафтишоти пешакӣ маҷбур мешаванд, ки ҳатто дар ҳолатҳое, ки ҷабрдидагон амали содиршударо ҳамчун вайроншавии ҷиддии ҳуқуқашон ба дахлнопазирии манзил наҳисобанд ҳам, парвандаи ҷиноӣ боз кунанд.

Мо чунин мешуморем, ки агар ҷабрдида ҳуқуқи муайян намудани вазнинии зараре, ки дар натиҷаи вайрон кардани дахлнопазирии манзил расонида шудааст, дошта бошад, омода намудани хулоса вобаста ба эътирофи чунин кирдор ҳамчун ҷиноят, осон мегардад. Татбиқи равиши пешниҳодшуда тасниф кардани ҷиноят дар қ. 1 м. 147 КҶ ҶТ ва ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ шомил намудани ин ҷиноят, ки танҳо бо дархости худи ҷабрдида амалӣ мегардад мумкин аст.

[58] Шелестюков В.Н. Уголовно-правовые средства обеспечения неприкосновенности жилища: автореф. дис. … канд. юрид. наук. Красноярск, 2006. С. 4.

Пас аз истиқлолият, дар Тоҷикистон демократикунонии ҳаёти ҷомеа оғоз гардид ва Ҷумҳурии Тоҷикистон узви ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ эътиров гардид, ки чунин равандҳо барои беҳтар гардидани ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа равона шудаанд. Арзишҳои демократӣ ин озодии баён, гуногунандешии фикр, озодии дин ва эътиқоди сиёсӣ, ҳуқуқ ба иттилоот, ҳуқуқ ба дахолатнопазириро дар бар мегирад.

Қобили зикр аст, ки яке аз муҳимтарин ҳуқуқҳои дахлнопазири ҳар як шахс ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил мебошад. Имрӯз ҶТ узви комилҳуқуқи бисёре аз созмонҳои ҷаҳонӣ мебошад, ки принсипҳои демократии ҷомеаро дар асоси эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон - СММ, САҲА, Шӯрои Аврупо ва ғайра эълон мекунанд.

Тоҷикистон ба шумораи зиёди созишномаҳо ва оинномаҳои байналмилалии ҳуқуқи башар ҳамроҳ гаштааст. Муқаррароти ин шартномаҳои байналмилалӣ қисми ҷудонашавандаи қонунгузории миллӣ гардиданд. ҶТ Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Конвенсия дар бораи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро эътироф кард. Маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунад. Аз ин рӯ, мо яке аз шартҳои криминализатсияи вайрон намудани дахлнопазирии манзил баррасӣ мекунем. Моддаи 147-и КҶ ҶТ, яъне дахлнопазирии манзил дар баробари дигар ҳуқуқҳои шахсии инсон ва шаҳрванд дар сатҳи байналмилалӣ ҳифз карда мешавад. Тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои ҷудонашавандаи ҳар як шахс, сарфи назар аз миллаташ, бояд аз ҷониби ҳар як давлат эҳтиром карда шавад.

Дар м. 9 Конвенсияи ИДМ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон омадааст, ки «Ҳар кас ҳуқуқ дорад, ки ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ, дахлнопазирии манзил ва дахолатнопазирии мукотибаи ҳифз намояд»[59]. Натиҷаи

[59] «Конвенция Содружества Независимых Государств о правах и основных свободах человека». [Электронный ресурс]. Режим доступа: – URL:

криминализатсия тавассути усулҳои гуногун амалӣ карда мешавад: муайян кардани асосҳо ва ҳудуди ҷавобгарии ҷиноятӣ дар қисми умумии КҶ ҶТ; тағйирот ба қисми махсуси КҶ ҶТ. Ҳамин тариқ, асоси криминализатсияи вайронкунии дахлнопазирии манзил, аз ҷумла, талаботи қонунгузории байналмилалӣ оид ба зарурати ҳифзи ҷиноятии ҳуқуқии дахлнопазирии манзил мебошад.

Асосҳои иҷтимоӣ-ҷиноятии криминализатсияи меъёри ҷиноӣ, ки ҷавобгариро барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил пешбинӣ мекунад, пеш аз ҳама, бояд эҳтиёҷоти шахс ба манзил, минтақае, ки амнияти ҷисмонӣ ва рӯҳиро дар бар гирад, дар амалӣ намудани ҳаёти шахсӣ зарур аст. Манзил – асоси бунёди як оилаи комилҳуқуқ ва идомаи насли инсон мебошад.

Солҳои 90-ум бо пайдоиши дарҳо ва панҷараҳои металлӣ дар тирезаҳои биноҳои истиқоматӣ, камераҳои назорати видеоӣ, домофон ва дар ҳолатои истисноӣ посбон ва ғайра тавсиф мешаванд. Пайдоиши панҷараҳои металлӣ, дарҳо ва дигар низомҳои амниятӣ посух ба заиф гардидани институтҳои давлатӣ мебошад, ки тартибот дар ҷомеаро таъмин мекунанд ва кафолатҳои ҳуқуқҳои шахсиро, аз ҷумла ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро кафолат медиҳанд.

Асоси иҷтимоии криминализатсияро албатта, метавон ба пешрафти илму техника нисбат дод. Ҳамин тариқ, рушди технологияҳои иттилоотӣ, истеҳсоли таҷҳизоти назорати видеоӣ баҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқии кирдорҳое, ки тавассути ин воситаҳо содир шудаанд, хусусан, ба вайрон кардани дахлнопазирии манзил оварда мерасонанд. Масалан, низоми паймоиши моҳвораӣ имкон медиҳад, ки манзил шабонарӯзӣ пайгирӣ карда шавад.

Тавре ки дар боло қайд карда шуд, нақши муҳимтаринро принсипи хатари ҷамъиятӣ мебозад. Ҳифзи ҳуқуқи дахлнопазирии манзил, пеш аз ҳама, ба аҳаммияти баланди он ҳамчун ҳуқуқи фитрӣ вобаста аст. Таҳқиқотчиён

---

http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_6966/b784fd15beb09 4 77215f 719c33369ccc2a59f27f/. (дата обращения: 26.09.2021).

мафҳуми «ҳуқуқи фитрӣ» -ро ҳамчун ҳуқуқи субъективии ҷудонопазири шахсе, ки аз таваллуд ба инсон таалуқ дорад, муайян мекунанд, ки он бевосита, объективона амалӣ гардида, яке аз арзишҳо ё эҳтиёҷоти олии иҷтимоиро дар асоси табиати шахс қонеъ мекунад, инчунин, дар раванди рушди иҷтимоӣ ташаккул меёбад[60]. Ҳуқуқҳои фитрӣ универсалӣ ва фаромиллӣ мебошанд[61], бинобар ин, онҳо, пеш аз ҳама, дар қонунгузории байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

Ҳуқуқҳои фитрӣ иборатанд аз: ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба озодӣ, ҳуқуқи баробарӣ, ҳуқуқ ба шаъну эътибори шахсӣ, ҳуқуқ ба амнияти шахс, ҳуқуқ ба саломатӣ, ҳуқуқ ба махфият, ҳуқуқ ба шаъну шарафи шахсӣ ва номи нек; ҳуқуқ ба озодӣ ва амнияти шахс; ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, сирри мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, почта, телеграф ва дигар паёмҳо; ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва интихоби манзил; ҳуқуқ ба озодии сухан, андеша, виҷдон ва дин; ҳуқуқ ба озодии интихоби миллат ва забони муошират, ба муҳити мусоид, ҳуқуқи муошират бо дигарон ба мисли онҳо, насл, ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи зоҳирии инфиродӣ, ҳуқуқ ба амният, муқовимат ба зулм, ҳуқуқи иттиҳодияҳои ихтиёрӣ дар иттифоқҳо, мурофиаи одилона, ҳуқуқи мардум барои муайян кардани сарнавишти худ, ҳуқуқи миллатҳо ба худмуайянкунӣ, ҳуқуқи кӯмак ба қурбониёни зӯроварӣ, ҳуқуқи муносибатҳои иқтисодӣ[62].

Дахлнопазирии манзил яке аз зуҳуроти ҳуқуқи дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ мебошад, ки мустақилияти шахсро аз назорати давлат ва дахолати шахсони дигар ба он таъмин мекунад. Эҳтиёҷи инсон ба мустақилияти шахсӣ як хусусияти муқаррарии тамоми тамаддунҳо буд.

Ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил, ҳамчун ба ҳуқуқи дахлнопазири таалуқ дошта, пеш аз ҳама дахлнопазирии ҳудудиро таъмин мекунад. Ҳамин тавр,

---

[60]Рассказов Л. П. Естественные права человека: учеб. пособие / Л. П. Рассказов, И. В. Упоров. – СПб., 2001. – С. 16.

[61]Глухарева Л. И. Понятие прав человека: теоретико-правовое и социогуманитарное определение / Л. И. Глухарева // Представит, власть - XXI век: законодательство, коммент., проблемы. 2004. – № 4. – С. 20.

[62] Нуркаева Т. Н. Уголовно-правовая охрана летных (гражданских) прав и свобод человека: (вопросы теории и практики) : автореф. дис. ... д-ра юрид. наук / Т. Н. Нуркаева; Моск. гос. юрид. акад. – М., 2006. – С. 19.

олими рус С. Смирнов дар ин маврид истилоҳи «махфияти ҳудудӣ» -ро истифода мебарад[63]. Манзил барои инсон як навъ минтақаи амниятро ба вуҷуд меорад, ба ӯ имкон медиҳад, ки ба муҳити зист мутобиқ шавад, худро аз фишори зиндагии хеле шадиди муосир муҳофизат кунад. Зарурати мустақилияти инсонӣ ӯро водор мекунад, ки ба худ манзиле созад. Агар манзил функсияи мустақилиятро иҷро накунад, он гоҳ хусияти асосии худро гум мекунад.

Ҳамин тариқ, асоси ҳуқуқи дахлнопазирии манзил хусусияти табии он, ниёзҳои иҷтимоию биологии инсон ба мустақилият мебошад. Ҳар гуна вайрон кардани дахлнопазирии манзил зарари ҷиддӣ мерасонад, яъне тағироти манфӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меорад, ки дахлнопазирии манзили шахсиро таъмин менамоянд. Чунин намудҳои қонуншиканӣ, аз қабили: ворид шудан ба манзил, ворид шудан ба манзил бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он, аз ҷумла: кофтукови ғайриқонунӣ, азназаргузарони, мусодира, назорати видео, сабаби ҳама гуна оқибатҳои манфӣ мегардад. Чунин оқибатҳо метавонанд бо тарзҳои гуногун зоҳир шаванд: вайрон кардани ҳаёти шахсӣ (шахсӣ, оилавӣ, маишӣ) дар оила, тағирёбии ҳолати солимии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, паст задани обрӯ, паст гардидани шаъну шараф.

Тағйирот дар вазъи солимии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ метавонанд гуногун бошанд. Вобаста аз хусусиятҳои психофизиологии шахс, вай метавонад ҳам тарси муқаррарӣ ва ҳам эҳсоси тарсро аз сар гузаронад, ки баъдан метавонад сабаби беморӣи рӯҳӣ гардад. Ҳамаи қонуншиканиҳои дар боло овардашуда асосан оқибатҳои ғайримоддиро ба вуҷуд меоранд, ки ислоҳ кардан ва чен кардани онҳо душвор аст, аммо бо вуҷуди ин, хатари ҷамъиятии оқибатҳо баҳснопазир аст. Ба чунин оқибатҳои ғайримоддӣ зарари маънавӣ ва рӯҳиро дохил намудан мумкин аст. Зарари маънавӣ – ин азоби ҷисмонӣ ва рӯҳӣ

[63]Смирнов С. Приватность / С. Смирнов. – М., 2002. – С. 6.

мебошад[64]. Зарари рӯҳӣ як тағироти занаровар дар соҳаи эмотсионалии шахс дар шакли ҳолати рӯҳии манфӣ (фишори эмотсионалӣ) мебошад.

Илова бар ин, вайрон кардани ҳаёти шахсӣ ва манзил боиси поймол шудани озодии инсон, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва мустақилияти ӯ мегардад.

Бояд қайд кард, ки вайрон намудани дахлнопазии манзил барои содир кардани дигар ҷиноятҳо асос месозад, аз ҷумла: куштор, таҷовуз ба номус, қасдан расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ва ғайра. Тавре таҳлил муайян мекунад, ки вайронкунии дахнопазирии манзил боиси содир кардани ҷинояти вазнин ҳам алоқаманд мешавад. Шахсе, ки дар манзили худ аст, дар ҳолати истироҳат, оромӣ қарор дорад ва бинобар ин барои содир кардани ҷиноят осебпазир мегардад. Ҳамин тавр, шаҳрванд Г., тахминан соати 5 то 6 саҳар ба манзили ҷабрдидагон ворид гардид. Усули воридшавӣ – аз боми манзил тавассути дари балкон ворид гашта, ҷабрдидагони дар ҳолати хоб қарордоштаро бо бензини бо худ дар зарф оварда, оташ зад[65]. *Мисол:* санаи 06.05.2013 сол Э. М., К. Н. бо маслиҳати пешаки барои қонеъ намудани навси шаҳвонӣ, ба манзили истиқоматии Қ. М. даромада бо истифодаи зуровари бо охирин алоқаи ҷинси намудаанд. Дар натиҷаи ин ҳодиса 03.07.2013 аз тарафи прокуратураи шаҳри Гулистон парвандаи ҷинояти оғоз гардидааст[66]. *Инчунин* 06.08.2020 сол Ю. А. аз ҳиссиёти рашқ, ба манзили истиқоматии волидайни собиқ ҳамсараш М. Ф. ғайриқонунӣ даромада, бо истифодаи корди хоҷаги ба узвҳои бадани охирин зада, ки дар натиҷа М. Ф. дар ҷои ҳодиса ба ҳалоқат мерасад. Санаи 28.08.2020 сол аз тарафи прокуратураи ноҳияи Кушониён парвандаи ҷинояти оғоз гардид[67].

Тавре муҳаққиқон қайд менамоянд, барои муайян кардани амали шахси гунаҳкор одатан аҳаммият надорад, ки ҳамлагар чанд вақт дар мазил қарор

[64]Большой юридический энциклопедический словарь / авт. и сост. А. Б. Барихин. – М., 2005 [т.е. 2004]. – С. 244.
[65] Кассационное определение Верховного Суда РФ от 01.12.2005 № 56-о05-58 [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.consultant.ru (дата обращения: 23.09.2021)
[66] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ // Парвандаи ҷиноятии № 39693.
[67] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ // Парвандаи ҷиноятии № 60050.

дошт, аммо дар баъзе мавридҳо ин ҳолат метавонад дар муайян кардани он ки оё амали шахс ҷиноят аст ё не аҳаммияти муҳим дошта бошад. Агар шахс дахлнопазирии манзилро вайрон намуда дар мудати туллони ҳаракатҳои ҷинояткоронаи худро давом дод, ин ҳолат боиси бандубаст шуда метавонад. Ҳамин тавр*:* Санаи 13.05.2019 сол бародарон С. Д., С. Г. бо истифодаи зӯроварӣ ғайриқонунӣ ба дохили ҳавлии манзили истиқоматии Ш. М. ворид шуда дар мудати 25-30 дақиқа, охиринро ва аъзоёни оилаи ӯро лату куб намуда, тартиботи ҷамъиятиро дағалона вайрон намудаанд. Дар натиҷа ин ҳолат аз тарафи ШВКД-и ноҳияи Ҳисор нисбати бародарон С. парвандаи ҷинояти бо м.м. 237 ва 147 КҶ ҶТ оғоз гардид, ки нишонаи мудати 25-30 дақиқа ғайриқоқнуни ҳозир будани гумонбарон дар манзили ҷабрдида, сабаби вайрон кардани тартиботи ҷинояти шудааст, ки аломатҳои таркиби ҷинояти дар м. 237 (Авбошӣ) ташкил намуд[68].

Тавре омори ҷиноят нишон медиҳад, м. 147 КҶ ҶТ дар якҷояги бо дигар моддаҳои қисми махсуси КҶ ҶТ аз ҷумла 104, 110, 130 КҶ ҶТ, ки ҷиноятҳои зидди шахс буда, ҳамчун ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин тасниф карда мешавад татбиқ мегардад.

Дар амалияи судӣ масъалаи бандубасти кирдори шахс ҳангоми ворид гаштани он ба манзил, ки ба тариқи аз дари кушода ба манзил даромадааст, душвориҳоро ба миён меорад. Бинобар ин, новабоста аз, ки ҳангоми баррасии парвандаҳо душвориҳо вобаста ба дуруст банду баст кардани кирдорҳои шахс бо криманилизатсия алоқаманд мебошанд.

Ҳамин тавр, парванда бинобар набудани тарафи субъективии ҷиноят қатъ карда шуд. Тибқи нишондоди Ш., вай ба назди дар рафта, тақ -тақ кардааст, ки ин аз он шаҳодат медиҳад, ки вай барои муошират бо писари хурдсолаш барои гирифтани иҷозат аз истиқоматкунандагони манзил барои ворид шудан ба манзил талош кардааст. Аммо, ҷавоб нагирифта, дарро ба сӯи худ кашида мехостааст фаҳмад, ки чаро касе ҷавоб намедиҳад. У аниқ

[68] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ // Парвандаи ҷиноятии № 25180.

намедонист, ки писари хурдсолаш дар манзил аст ё не, дари манзил қуфл шудааст ё не. Иродаи худи ҷабрдида бо маҳкам будани дари манзил ифода карда нашудааст, бинобар ин Ш., бе ягон монеа, яъне бе иҷрои ягон амали фаъол, ки ба воридшавии ғайриқонунӣ нигаронида шуда бошад (шикастани қулф, ворид шудан аз тиреза ва ғайра), ба манзили даромада дар он ҷо писарашро мебинад ва бо у ҳамсуҳбат мешавад[69]. Аммо, ба андешаи мо набудани дастгоҳҳои қулфшаванда имкони бе монеа гузаштан ба манзилро нишон намедиҳад. Бинобар ин, воридшавӣ, ҳатто бо дари кушода, бояд тибқи м. 147 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад. Вале, бояд қайд кард, ки дар ин мисол ба андешаи мо кирдори болозикр ҳамчун ҷиноят эътироф намегардад ва тарафи субъективии ҷиноят ба инобат гирифта мешавад, инчунин, дар бандубасти он баҳсҳои зиёд пайдо мегарданд. Бинобар ин, дар вайрон намудани дахлнопазирии манзил тарафи субъективии ҷиноят нақши калидиро дорад.

Ба ғайр аз ин усулҳо метавонад бидуни ворид шудан ба манзил, балки бо истифода аз василаҳои техникӣ ё дигар (масалан, барои ғайриқонунӣ насб кардани дастгоҳи шунавоӣ ё дастгоҳи назорати видео) сурат гирад.

Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло, бояд қайд намуд, ки ворид шудан ба манзил бар хилофи иродаи шахсе, ки дар он зиндагӣ мекунад, як амали аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарнок аст, зеро ин амал ба нест кардани ниёзҳои иҷтимоию биологии шахс барои таъмини мустақилияти ӯ дар манзил нигаронида шудааст.

Ҳангоми асоснок кардани вобастагии иҷтимоии ҷинояткорӣ принсипҳои иҷтимоию психологиро, ки мутобиқати иҷтимоии ҷинояткориро таъмин мекунанд, қобили қабул будани онро бо назардошти равандҳои рушди иҷтимоӣ бояд ба назар гирифт. Ин низоми принсипҳо ба инобат гирифтани шуури ҳуқуқӣ, анъанаҳо, сатҳи даъвоҳои ҷазои дар ҷомеа ташаккулёфта, инчунин, консепсияи пайдоиши арзиши ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил асос ёфтааст.

[69] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ // Парвандаи ҷиноятии №78169

Ҳамин тариқ, ворид шудан ба манзил танҳо пас аз розигии возеҳи истиқоматкунанда қабул карда мешавад. Воқеан, анъанаҳои умумӣ қабулшуда бо назардошти шароити миллӣ ё муҳити маҳали истиқомат метавонанд баъзе хусусиятҳо дошта бошанд. Масалан, дар ҷойҳои камаҳолӣ, ҳар як шахс ҳақ дорад ба паноҳгоҳе такя кунад, зеро дар акси ҳол, ӯ метавонад дар шароити шадид (хунукӣ, норасоии ғизо, ҳайвоноти ваҳшӣ ва ғайра) қарор гирад. Чунин анъанаҳо, пеш аз ҳама, ба он алоқаманданд, ки манзил як оташдони оилавӣ аст. Ҳуқуқи ҳар як шахс ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ аз эътиқодоти қадимии ахлоқӣ бармеояд, ки мувофиқи он ҳама чизҳои марбут ба пайвандҳои хун, издивоҷ, муқаддас ва дахлнопазиранд.

Вуруди бидуни маросими бегона ба ин минтақаи осебпазир, ҳамеша як кори бешармона ва ғайриинсонӣ ҳисобида мешуд. Вайрон кардани дахлнопазирии манзил аз ҷониби ҷомеа ба таври гуногун баҳо дода мешавад. Ҳамин тариқ, шуури ҳуқуқии одамон ва урфу одатҳое, ки дар ҷомеа ташаккул меёбанд, вайрон кардани ҳуқуқи дахлнопазирии манзил ҳамчун ҷиноят тасниф карда мешавад, ки ба мавқеи қонунгузор комилан мувофиқ аст.

Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки

1. Ба сифати асоси криминализатсияи кирдор мавҷудият ва дар амалия паҳн гардидани чунин амал ба монанди поймолкунии ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил мебошад. Ин нуктаи назар бо маълумоти омори судӣ, омор дар бораи ҷиноятҳои ба қайд гирифташудаи Вазорати корҳои дохилӣ, тасдиқ карда мешавад.

2. Дар асоси меъёри қонуни ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил пешбинӣ менамояд, бояд меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва мақсаднок муқаррар карда шаванд, яъне принсипҳои криминализатсия, ки мундариҷа ва алоқамандии асосҳои криминализатсияиро инъикос мекунанд. Ба сифати принсипи асосӣ хавфи иҷтимоии кирдор баромад мекунад, ки бо хусусияти зарраровари муайян

карда мешаванд. Хавфи ҷамъиятии вайрон кардани дахлнопазирии манзил дар расонидани зарари ҷиддӣ ба ҳаёти шахсии шахс дар манзилаш, аз даст додани мустаъқилияти ӯ ва дигар оқибатҳои манфӣ, аз ҷумла, дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, иборат аст.

## 1.3. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил мутобиқи қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд (аз ҷумла ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил) вазифаи асосии ҳар як давлати демократӣ мебошад. Ҳимоя ва ҳифзи чунин ҳуқуқҳо ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳам дар сатҳи миллӣ амалӣ карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзилро санадҳои ҳуқуқи байналмилалии зерин муайян менамоянд: Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948[70], Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ[71], ки аз ҷониби СММ қабул шудааст. Дар м. 12 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар қайд мегардад, ки «ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии инсон ҳеҷ дахолати худсарона намудан ва ба дахлнопазирии манзил, сирри мукотибот, шараф ва обрӯи ӯ худсарона суиқасд кардан мумкин нест. Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки дар мавриди чунин мудохила ё суиқасд аз ҳимояи қонун истифода намояд»[72]. Дар баробари ин, дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки қонун муайян кардааст, низ ҷой доранд. Тибқи м. 17 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, «Ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии дахолати худсарона ва ғайриқонунӣ намудан, ба дахлнопазирии манзил, ё сирри мукотиботи ӯ худсарона, ё ғайриқонунӣ суиқасд кардан, ё ба шараф ва обрӯи ӯ

[70] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/ArticleAttachments /Elomiyai-huquqi-bashar.pdf. (санаи муроҷиат: 01.09.2021 с.).
[71] Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/ArticleAttachments/paymoni-baynalkhalqi-oid-ba-HQ-Shahrvandi.pdf. (санаи муроҷиат: 01.09.2021 с.).
[72] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/ArticleAttachments /Elomiyai-huquqi-bashar.pdf. (санаи муроҷиат: 01.09.2021 с.).

ғайриқонунӣ суиқасд намудан мумкин нест. Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки дар мавриди чунин мудохила ё чунин суиқасд аз ҳимояи қонун истифода намояд»[73].

Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва таъсиси ИДМ соли 1995-ум Конвенсияи давлатҳои мустақил дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ қабул карда шуд, ки дар м. 9 он қайд карда шудааст:

1. Ҳаёти шахсӣ ва оилавии ҳар як инсон, дахлнопазирии манзил ва махфияти мукотибаи ӯ эҳтиром карда мешавад.

2. Ҳеҷ гуна мақомоти давлатӣ дар амалисозии ин ҳуқуқ дахолат намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин дахолат дар қонун пешбинӣ гардидааст[74].

Бояд қайд намуд, ки ҳуқуқи байналмилалӣ ҷиҳати танзими масъалаҳои даълнопазирии манзили шахс аҳаммияти калон дорад, ҳамзамон, меъёрҳои он қисми ҷудонопазири низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Таҳқиқи таҷрибаи давлатҳои пасошуравӣ оид ба танзими ҳуқуқии ҷавобгарӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил барои таҳкими қонунгузории амалкунандаи кишвар аҳаммияти калон дорад. Чунин таҳлил пеш аз ҳама барои он зарур аст, ки дар қонунгузории як қатор давлатҳо ба ин масъала, назар ба қонунгузории ҷиноятии ҶТ диққати бештар дода шудааст.

Таҷдиди таҷрибаи ҳуқуқии пешрафтаи давлатҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки низоми ҳуқуқии мамлакат дар заминаи анъанаҳои муқарраршудаи қонунгузории мамлакатҳои пешрафта такмил дода шавад. Ба ақидаи М. Апсел «таҳлили қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ба ҳар як ҳуқуқшинос имконият медиҳад, то ки қонунгузории мамлакати худро беҳтар дарк намояд, зеро хусусиятҳои хоси қонунгузории миллӣ танҳо дар муқоиса бо дигар низомҳои ҳуқуқӣ ошкор карда мешаванд»[75].

[73] Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/ArticleAttachments/paymoni-baynalkhalqi-oid-ba-HQ-Shahrvandi.pdf. (санаи муроҷиат: 01.09.2021 с.).
[74] Международное публичное право [Текст]: сб. документов / сост. и авт. вступ. ст. К. А. Бекяшев, А. Г. Ходаков. – М.: Бек, 1996. Т. 1, 1996. – 570 С.
[75] Апсель М. Методологические проблемы сравнительного права // Очерки сравнительногоправа. – М., 1981. – С. 38.

Дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ масъалаи вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар аксари мамлакатҳо ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна дохил мешаванд. Бештари кирдорҳое, ки дар диспозитсияҳои моддаҳои қонуни ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ, ки ҷавобгариро барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил пешбинӣ намудаанд, якхела нестанд. Онҳо вобаста ба объект, хусусияти кирдор ва оқибатҳои ин ҷиноятҳо, тарзҳои содир гардидан ва аломатҳои субъективии ҷиноят аз якдигар тафовут доранд[76].

Имрӯз дар робита бо тамоюлоти афзояндаи равандҳои ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ, дар бисёр давлатҳои ҷаҳон зарурати ташаккул додани сиёсати нави ҷиноятӣ дар самти дахлнопазирии манзил ба вуҷуд омадааст. Бинобар ин, зиёд гаштани ҳолатҳои вайрон намудани дахлнопазирии манзил аз мубрам будани масъалаи мазкур гувоҳӣ медиҳад.

Чунончи, таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ нишон медиҳад меъёрҳое, ки ҷавобгариро барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил пешбинӣ менамоянд дар тамоми қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, аз ҷумла, Ҷумҳурии Беларус[77], Қазоқистон[78], Молдова[79], Федератсияи Россия[80] пешбинӣ гардидаанд. Ба ҳамин монанд меъёрҳои махсус дар қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои аъзои ИДМ, аз ҷумла, Ҷумҳуриҳои Озарбойҷон[81], Арманистон[82], Қирғизистон[83], Ӯзбекистон[84],

---

76 Акинина Н.Ю. Уголовно-правовая характеристика неприкосновенности жилища: дис. … канд. юрид. наук. – Тюмень, 2008. – С. 72.

77 Уголовный кодекс Республики Беларусь 1999 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL://bel-kodeksy.com/uk_rb/371.1.htm (Санаи муроҷиат: 04.04.2019).

78 Уголовный кодекс Республики Казахстан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://continent-online.com. (санаи муроҷиат: 04.05.2018).

79 Уголовный кодекс Республики Молдова [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://continent-online.com(санаи муроҷиат: 08.05.2018).

80 Уголовный кодекс Российской Федерации [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://contine ntonline.com. (санаи муроҷиат: 04.04.2019).

81 Уголовный кодекс Азербайджанской Республики [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.icnl. org/research/library/files/Azerbaijan/criminal_code_rus. pdf. (санаи муроҷиат: 04.04.2018).

82Уголовный кодекс Республики Армения. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL://www.parliament.am/ legislation. php?sel=show&ID=1349&lang=ru. (санаи муроҷиат: 06.04.2018).

83Уголовный кодекс Кыргызской Республики [Захиаи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://online.adviser.kg/ Document/?doc_id=30222833&page=1. (санаи муроҷиат: 10.04.2018).

84Уголовный кодекс Республики Узбекистан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://fmc.uz/legisl. php?id=k_ug. (санаи муроҷиат: 14.04.2018).

Туркманистон[85], пешбинӣ гардидаанд. Қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои дар боло зикргардида истилоҳи «Вайрон намудани дахлнопазирии манзил»-ро истифода мебаранд.

Бояд қайд намуд, ки муқаррароти КҶ Ҷумҳурии Беларус[86] ба меъёрҳои КҶ ҶТ дар самти дахлнопазирии манзил монанд мебошанд. Сохтори моддаи КҶ Ҷумҳурии Беларус аз ду қисм иборат буда, тибқи қ. 1 он ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил ва дигар моликияти шаҳрвандон пешбинӣ намудааст. Тарафи объективии ҷинояти мазкур дар воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил бар хилофи хоҳиши шахси дар он истиқоматкунанда зоҳир мегардад. Аломатҳои вазнинкунанда дар қ. 2 ҳамин кирдор, агар аз ҷониби шахси мансабдор бо истифодаи мақоми хизматӣ муқаррар шудааст.

КҶ Ҷумҳурии Беларус ҷавобгариро барои вайрон намудани дигар моликияти қонунии шахс пешбинӣ мекунад. Бояд қайд намуд, ки новобаста аз он, ки дар диспозитсияи м. 202 КҶ Ҷумҳурии Беларус аз манзил маҳрум кардани шахс ҳамчун кирдори алоҳида пешбинӣ намегардад, моддаи мазкур барои вайронкардани дахлнопазирии дигар амволи шахс ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамояд. Ба андешаи мо, ворид намудани ин кирдор ба диспозитсияи м. 147 КҶ ҶТ мувофиқи мақсад аст, зеро, он имкон медиҳад, ки дахлнопазириии на танҳо манзили шахс, балки дигар иншоотҳои соҳибмулк ҳифз карда шавад.

Ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил м. 149-и КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон[87] низ пешбинӣ намудааст. Моддаи мазкур айнан ба монанди м. 147 КҶ ҶТ чунин номгузорӣ карда шудааст. Диспозитсияи қ. 1 моддаи мазкур дар муқоиса бо м. 147 КҶ ҶТ маҳдуд буда дар он ҷавобгарии ҷинояти танҳо барои ғайриқонунӣ даромадан ба манзил

---

[85]Уголовный кодекс Туркменистана [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.legislationline.org /ru/documents/action/popup/id/14380/preview. (санаи муроҷиат: 24.04.2018).

[86] Уголовный кодекс Республики Беларусь 1999 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL://bel-kodeksy.com/uk_rb/371.1.htm (санаи муроҷиат: 04.04.2019).

[87] Уголовный кодекс Республики Казахстан 2014 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://online.zakon.kz/m/Document/?doc_id=31575252#sub_id=3920000 (санаи муроҷиат: 04.04.2018).

бар хилофи хоҳиши шахси дар он истиқоматкунанда пешбинӣ гардидааст. Аммо, дар тафовут аз КҶ ҶТ таркиби бандубастшвандаи ин ҷиноят ба таври васеътар баён гардидааст: бо истифодаи аз зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он ё аз ҷониби гурӯҳи ашхос, ё шабона ё ҳамроҳ бо кофтукови ғайриқонунӣ, инчунин, бо ғайриқонунӣи берун кардан аз манзил, бо истифодаи мақоми хизматӣ.

Дар тафовут аз м. 147 КҶ ҶТ дар қ. 2 м. 149-и КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон инчунин барои, кофтукоби ғайриқонунӣ ё шабона содир намудани ин ҷиноят ҳамчун ҳолати бандубастшванда ҷавобгариро пешбинӣ менамояд, ки татбиқи он дар КҶ ҶТ ба фикри мо имкониятҳои муборизаи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ бар зидди вайрон намудани дахлнопазрии манзилро васеъ менамуд. Яке аз умумиятҳои қонунугузории ҷиноятии Қазоқистон, Беларус ва ҶТ дар он аст, ки новобаста аз он, ки дар амалия ин ҷиноятҳо бо мақсади ғаразнок содир мегарданд, ин мақсад хусусияти қонунгузории ҷиноятии ин мамлакатҳо нест.

Вайрон намудани дахлнопазирии манзилро м. 179-и КҶ Ҷумҳурии Молдова чунин муқаррар намудааст: «Ғайриқонунӣ ворид шудан ба ҷои истиқомат, ҷойгиршавӣ ё будубоши ғайриқонунӣи онҳо бар хилофи хоҳиши шахси дар он истиқоматкунанда ё рад намудани тарки он бо талаби шахс, ҳамчунин, кофтуков ва азназаргузаронии ғайриқонунӣ». Ҳамзамон, дар ин моддаи Кодекси ҷиноятӣ ба монанди моддаи КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон аломатҳои бандубастшавандаи бо истифода аз зуроварӣ ё таҳдиди истифодаи зуроварӣ, бо истифодаи мақоми хизматӣ, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ин ҷиноят номбар карда шудаанд.

Мувофики м. 25 Конститутсияи Федератсияи Россия (мибаъд – ФР), манзил дахлнопазир мебошад. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки бар хилофи иродаи шахсони дар он истиқоматкунанда ба манзил ворид шавад, ба истисноӣ ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонуни федералӣ ё дар асоси қарори суд. Тибқи м. 139 КҶ ФР зери мафҳуми «вайрон намудани дахлнопазирии манзил» ғайриқонунӣ даромадан ба манзил бар хилофи хоҳиши шахси дар он

истиқоматкунанда, фаҳмида мешавад[88]. Объекти ин ҷиноят ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванди ФР мебошад. Тарафи объективии ҷинояти пешбинӣгардидаи қ. 1 м. 139 КҶ ФР, дар вайрон намудани дахлнопазирии манзил ифода меёбад. Дар чунин ҳуқуқвайронкунӣ дохил шудани ғайриқонунӣ ба манзили касе фаҳмида мешавад. Масалан, истифода бурдани муваққатии манзили истиқоматӣ дар вақти набудани соҳиби он, ба манзили истиқоматӣ бе иҷозати соҳиби он ва ғайра дохил шудан. Субъекти ин ҷиноят шахси хусусӣ мебошад, ки дахлнопазирии манзилро вайрон мекунад. Предмети ин ҷиноят танҳо шахсоне буда метавонанд, ки аз истифода мақоми хизматии худ ғайриқонунӣ ба манзили шахси дигар истифода ворид мегарданд. Чунин шахсон метавонанд шахсони мансабдор, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигарон бошанд. Тарафи субъективии ин ҷиноят қасди мустақим мебошад. Ҷинояткор медонад, ки вай дахлнопазирии манзилро вайрон мекунад ва мехоҳад ин кирдорро содир намояд.

Дар тафовут аз м. 147-и КҶ ҶТ м. 139-и КҶ ФР ҷавобгарии ҷиноятиро барои касеро аз манзилаш маҳрум кардан ҳамчун кирдори ҷиноятӣ пешбинӣ наменамояд.

Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки монандии ҳадҳои санксияҳо ҳангоми танзими ҳуқуқӣ барои кирдорҳои баррасишаванда назаррас намебошанд. Аммо, вобаста ба аломатҳои бандубастшаванда ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки КҶ ФР танҳо ду ҳолати бандубастшавандаро пешбинӣ намудааст: бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он; б) бо истифодаи мақоми хизматӣ. Вале, дар фарқият аз ҚҶ ФР, КҶ ҶТ чунин ҳолатҳои бандубастшавандаро пешбинӣ намудааст: такроран содир намудани кирдор; бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он; бо истифодаи мақоми хизматӣ; бо ғайриқонунӣ васл намудани воситаҳои гӯшандозӣ ё дигар воситаҳои махсус дар манзили истиқоматӣ содир шудааст. Дар робита ба ин,

[88] Уголовный кодекс Российской Федерации [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://continent online. com. (санаи муроҷиат: 04.04.2018).

тафсилоти аломатҳои бандубастшавандаи КҶ ҶТ нисбат ба КҶ ФР, Ҷумҳурии Молдова ва Беларус хеле назаррас аст. Меъёрҳои КҶ Ҷумҳурии Беларус, КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон дар муқоиса бо КҶ ФР ба КҶ ҶТ наздиктар мебошад. Ҳолати дигари қобили таваҷҷуҳ он аст, ки диспозитсияи м. 147 -и КҶ ҶТ, ки вайрон намудани дахлнопазирии манзил номгузорӣ шудааст, ба моддаҳои қайдгардидаи қонунгузории ҷиноятии қариб тамоми давлатҳои аъзои ИДМ (Беларус, Қазоқистон, Туркманистон, Узбекистон, Молдавия, Россия, айнан чунин номгузорӣ шудаанд ва монандӣ дорад.

Мутобиқи м. 142 КҶ Узбекистон зери мафҳуми «вайрон намудани дахлнопазирии манзил» воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил бар хилофи иродаи шахсоне, ки дар он истиқомат мекунанд бо истифода аз зӯроварӣ, фаҳмида мешавад[89]. Дар тафовут аз м. 147-и КҶ ҶТ, м. 142 -и КҶ Узбекистон ягон аломати бандубастшавандаро дар бар намегирад.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон (минбаъд – КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон) мубориза бар зидди вайрон намудани дахлнопазирии манзилро дар доираи м. 157-и КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон «барои воридшавӣ ба манзил бе асосҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Озарбойҷон, бар хилофи хоҳиши шахси дар он истиқоматкунанда» ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Дар КҶ Ҷумҳурии Туркманистон ба ҳамин монанд, дар доираи м. 148 ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст[90]. Бояд қайд намуд, ки м. 157 КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон, ҷавобгарии ҷиноятиро барои «ғайриқонунӣ даромадан ба манзил бар хилофи хоҳиши шахси дар он истиқоматкунанда дар ҳамун ҳолате ба вуҷуд меояд, ки агар он такроран дар давоми як соли баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ барои ин ҳуқуқвайронкуниҳо содир гардида бошад», пешбинӣ мегардад.

[89] Уголовный кодекс Российской Федерации [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://continent online. com. (санаи муроҷиат: 04.04.2018).
[90] Уголовный кодекс Туркменистана [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.legislationline.org /ru/documents/action/popup/id/14380/preview. (санаи муроҷиат: 10.05.2018).

Моддаи 190 КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон[91] ҷолиби диққат мебошад, ки он барои «ғайриқонунӣ даромадан ба манзил ба дигар иншоотҳое, ки ба онҳо шахс ҳуқуқи моликият дорад бар хилофи хоҳиши ин шахс» ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамояд. Дар муқоиса бо м. 147 КҶ ҶТ, м. 190 КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон дахлнопазирии дигар амволи ғайриманқули шахсро низ таъмин менамояд. Моддаи мазкури КҶ Кирғизистон аломатҳои бастшавандаро дар бар намегирад.

КҶ Ҷумҳурии Арманистон (минбаъд – КҶ Ҷумҳурии Арманистон) дар м. 147 таҳти мафҳуми «вайрон намудани дахлнопазирии манзил»[92] – ғайриқонунӣ даромадан ба манзили шахс бар хилофи хоҳиши ӯ фаҳмида мешавад. КҶ Ҷумҳурии Арманистон чунин аломатҳои бандубастшванда ба монанди бо роҳи зӯроварӣ ва бо истифода аз мақоми хизматиро дар бар мегирад.

Кодекси ҷиноятии Украина дар м. 162 ҷавобгарии ҷиноятиро барои ғайриқонунӣ ба манзил ё дигар моликияти шахс даромадан, санҷиши ғайриқонунӣ ё кофтукови манзил, инчунин, ғайриқонунӣ берун намудани шахсони дар он истиқоматкунанда ё дигар амалҳое, ки дахлнопазирии манзили шаҳрвандонро вайрон мекунанд, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст[93].

Ҳамин тавр, моддаҳои Кодексҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ кирдорҳоеро пешбинӣ намудаанд, ки ҷиноятҳои марбут ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил пешбинӣ менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки кодексҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ ба сифати аломатҳои бандубастшаванда бештар танҳо ду кирдорҳоро пешбинӣ намудаанд: бо истифодаи мақоми хизматӣ ва истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он (КҶ Беларус, Украина, Россия), такроран содир намудани ин

[91]Уголовный кодекс Кыргызской Республики [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://online. adviser.kg/Document/?doc_id=30222833&page=1(санаи муроҷиат: 14.04.2018).
[92]Уголовный кодекс Республики Армения [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.parliament. am/legislation.php?sel=show&ID=1349&lang=ru. (санаи муроҷиат: 20.04.2018).
[93] Уголовный кодекс Украины. – Х.: ООО «Одиссей», 2003. – С. 176.

ҷиноят ва содир намудани ҷинояти мазкур аз ҷониби гурӯҳи муташаккил (КҶ Туркманистон, Молдова).

Таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ нишон дод, ки меъёрҳои махсус барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар онҳо пешбинӣ гардидаанд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили зербоб ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ марбут ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил меъёрҳоеро дар бар мегиранд, ки бевосита ба чунин намуди ҷиноятҳо алоқамандӣ доранд ва ҳамон тавр номгузорӣ карда шудаанд (КҶ Беларус, Молдова, Казоқистон, Россия, Озарбойҷон, Арманистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон).

2. Бо дарназардошти таҷрибаи мусбати қонунгузории давлатҳои иштирокчии ИДМ ва бо мақсади пурзӯр намудани мубориза бар зидди вайрон намудани дахлнопазирии дигар амволи шахс ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ намудан зарур аст. Ба андешаи мо, ворид намудани ин кирдор ба диспозитсияи м. 147 КҶ ҶТ мувофиқи мақсад аст, зеро, он имкон медиҳад, ки дахлнопазирии на танҳо манзили шахс, балки дигар иншоотҳои соҳибмулк ҳифз карда шавад.

3. Бо дарназардошти таҷрибаи мусбати қонунгузории давлатҳои иштирокчии ИДМ пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кофтукоби ғайриқонунӣ ё шабона ё ҳамроҳ бо кофтукови ғайриқонунӣ, инчуни,н бо ғайриқонунӣи берун кардан аз манзил ҳамчун ҳолати бандубастшванда ҷавобгариро пешбинӣ менамояд, ки татбиқи он дар КҶ ҶТ ба фикри мо имкониятҳои муборизаи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ бар зидди вайрон намудани дахлнопазирии манзил муассиртар менамояд.

4. Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ-ро аз рӯйи дараҷаи аломатҳои таркиби ҷиноятӣ вайрон намудани дахлнопазирии манзил шартан ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

- қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти таҳқиқшаванда муайян нагардидаанд (Ҷумҳурии Узбекистон);

- қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти таҳқиқшаванда нисбатан пурра муайян гардидаанд (Озарбойҷон, Белорус, Тоҷикистон, Федератсияи Россия).

5. Объекти ин ҷиноятҳои манзил ва дигар амволи шахсони воқеи эътироф мегарданд.

6. Тарафи объективии ин ҷиноятҳоро дар шакли ҳаракат (ғайриқонунӣ дароматан ба манзил) ва беҳаракатӣ (тарк накардани манзил) зоҳир мегардад.

7. Субъекти ҷиноятҳои мазкур дар қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ якхела мебошад – шахси воқеии ба синни 16 солагӣ расида.

8. Тарафи субъективии ҷиноятҳои мазкур қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ қасди бевосита мебошад.

### 1.4. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил тибқи қонунгузории кишварҳои хориҷии дур

Ҳифзи ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як давлати муосир мебошад. Қонунгузории ҷиноятии бисёр кишварҳои хориҷӣ дорои меъёрҳое мебошанд, ки ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро ҳифз менамоянд. Қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ одатан ба ду низоми асосии ҳуқуқӣ тақсим мешавад: англо-саксонӣ ва романо-олмонӣ. Намунаҳои қонуни англосаксонӣ қонуни ҷиноятии Англия, ИМА, низоми ҳуқуқии романо-олмонӣ – қонуни ҷиноятии давлатҳои Фаронса, Олмон, Испания мебошанд.

Меъёрҳоеро, ки ҳуқуқҳои инсон, бахусус ҳуқуқ ба манзилро муқаррар мекунанд, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишварҳои гуногун ба назар мерасанд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Фаронса аз солҳои 1946 ва 1958 ва Конститутсияи Олмон моддаҳое ҷой доранд, ки даромадан ба манзили шахси

дигар, гузаронидани кофтуков ва тафтиши беасосро манъ мекунанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд.

Конститутсиям Италия, ки 22 декабри соли 1947 қабул шудааст, дар боби I «Ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрвандон» он, дахлнопазир будани манзил пешбинӣ гардидааст. Кофтуков ва ҳабси амвол ғайр аз холатҳои муқаррар намудаи қонун гузаронида шуда наметавонад[94].

Конститутсияи Испания аз 29 декабри соли 1978 дар боби I «Дар бораи ҳуқуқу вазифаҳои асосӣ» эълон мекунад: «Манзил дахлнопазир аст. Бе иҷозати соҳибмулк ворид шудан ба манзил ё кофтукови он, ба истисноии холатҳои дастгир кардани шахс дар манзили зист манъ аст»[95].

Дар м. 34 Конститутсияи Португалия аз 2 апрели соли 1976, муқаррар гардидааст, ки дахлнопазирии манзил ва махфияти мукотиба бо қонун ҳифз карда мешавад. Дахолат ба манзили шаҳрвандон бар хилофи хоҳиши онҳо танҳо дар мавридҳои таъиноти судӣ ва дар ҳолатҳои пешбинӣнамудаи қонун мумкин аст. Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки шабона бе ризоияти шахсони истиқоматкунанда ба манзил ворид шавад[96].

Қонуни асосии Финляндия дар боби 10 муҳофизати моликияти хусусиро эълон мекунад. Шахсият, шаъну шараф ва дахлнопазирии манзили ҳар як шахс ҳифз карда мешавад. Қонун метавонад чораҳоеро муқаррар намояд, ки дахлнопазирии манзилро вайрон кунанд ва барои таъмини озодиҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ ё ошкор кардани ҷиноят заруранд.

Дахлнопазирии манзил дар Британияи Кабир новобаста аз мавҷуд набудани конститутсия ҳифз карда мешавад. Ба андешаи А.Горбунов, маҳдудияти ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил, инчунин, ҳар як ҳуқуқи дигар дар Британияи Кабир вобаста ба амалҳои ҳокимияти судӣ муқаррар карда мешавад, на ҳокимияти иҷроия[97].

---

94 Конституции государств Европейского Союза [Текст] / ред. Л.А. Окуньков [и др.] ; Институт законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве РФ. – М. : Инфра-М – Норма, 1997. – С. 424-425

95 Ҳамон ҷо: С. 363

96 Ҳамон ҷо: С. 529

97 Горбунов, А. Гарантии личной свободы в Англии [Текст] / [Александр Владимирович] Горбунов. –

Конститутсияи Эстония дар соли 1992 дар баробари манзил эълони ҳуқуқ ба дахлнопазирии дигар моликияти хусусии шахс аз ҷумла ҷои корро низ муқаррар кардааст[98].

Конститутсияи Булгория на танҳо даромадан, балки бе иҷозати соҳибманзил дар манзил қарор доштанро низ манъ мекунад (м.33).

Ҷолиб он аст, ки дар конститутсияи Шветсия, ки соли 1974 қабул шудааст, муқаррарот вобаста ба дахлнопазирии манзил пешбинӣ гардидааст. Дар он танҳо манъи кофтукови манзил нишон дода шудааст. Дар Конститутсияи Босния ва Ҳерсеговина аз 14 декабри соли 1995 дар бораи ҳифзи манзил чизе гуфта нашудааст. Ҳамзамон, ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзилро Конститутсияи мамлакатҳои Осиё ва Африка, Аморати Муттаҳидаи Араб[99], Лубнон[100], Эрон[101] кафолат медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки кодексҳои ҷиноятии баъзе давлатҳои хориҷӣ моддаҳоеро дар бар мегиранд, ки барои вайрон кардани ҳуқуқи дахлнопазирии манзил ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар мекунанд.

Одатан, вайрон кардани дахлнопазирии манзил дар кодексҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷи дар фасли ҷиноятҳое, ки ба ҳифз и ҳуқуқу озодиҳои асосии конститутсионии инсон ва шаҳрванд вобастаанд, дохил мешавад. Аз ҷумла, чунин ҳолат дар Кодекси ҷиноятии Гурҷистон (м. 7, боби XXIII – ҷиноятҳо вобаста ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон)[102], Кодекси ҷиноятии Сан-Марино (м. 135 боби II – ҷиноятҳо бар зидди озодии шахс)[103]; Кодекси ҷиноятии Франсия (боби VI – дар бораи таҷовуз ба шахс, фасли I – таҷовуз ба ҳаёти шахси)[104]; Кодекси ҷиноятии Швейтсария (Қисми I – ҷиноятҳо ва ҷиноятҳо зидди

---

Ростов-на-Дону: Донская речь, 1905. – 53 С.

[98] Конституция Республики Болгария https://www.concourt.am/armenian/legal_resources/world_constitutions/constit/bulgaria/bulgar-r.htm

[99] Якуб, Ю. А. Объединенные Арабские Эмираты [Текст] : история политико-государственного развития : XIX в. – начало 70-х XX в. / Юсеф Абдалля Якуб; Ун-т дружбы народов им. Патриса Лумумбы. – М.: Наука, 1978. – С. 92-93

[100] Дадиани, Л. Я. Государственный строй Ливана [Текст] / Л. Я. Дадиани. – М. : Юрид. лит., 1973. – 87 С.

[101] Конституции государств Ближнего и Среднего Востока [Текст] / пер. под ред. [и сост.] д-ра юрид. наук И. Д. Левина. – М.: Изд-во иностр. лит., 1956. – С. 189

[102] Уголовный кодекс Грузии [Текст]: нормативный документ. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2002. – С. 201-202

[103] Уголовный кодекс Республики Сан-Марино [Текст]. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2002. – 253 С.

[104] Уголовный кодекс Франции [Текст] нормативный документ. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2002. – С. 381

озодӣ)[105] дида мешавад.

Дар м. 226-4 Кодекси ҷиноятии Фаронса вайрон намудани дахлнопазири манзио ҳамчун кирдори ҷиноятӣ эътироф карда мешавад, ки чунин тасниф гардтдааст: «Дар натиҷаи фиреб, таҳдид, зӯроварӣ ё маҷбуркунӣ даромадан ё қарор доштан дар манзили шахси дигар, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун иҷозат додааст». Ин қоида дар фасли аввал «Дар бораи дахолат ба дахолатнопазирӣ» -и боби IV «Дар бораи таҷовуз ба шахс» -и Кодекси ҷиноятии Фаронса пешбинӣ шудааст. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ду амали алтернативӣ пешбинӣ шудааст: воридшавӣ ва қарор доштан дар манзили шахси бегона. Моддаи 432-8-и Кодекси ҷиноятии Фаронса ҷавобгариро низ барои истифода аз мансаби хизматӣ ё мақоми хизмати давлатӣ пешбинӣ менамояд.

Дар Кодекси ҷиноятии Испания низ як қатор моддаҳо мавҷуданд, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил ва барои будубоши бе иҷозати соҳибмулк пешбинӣ мекунанд.

Ҷазо барои чунин кирдор аз 6 моҳ то 2 сол маҳрум кардан аз озодӣ пешбинӣ гардидааст. Ҳолатҳои бандубастшаванда низ пешбинӣ гардидаанд: тарсондан ба соҳибманзил, истифодаи зӯровари ҳангоми ворид гаштан ба манзили шахс. Барои чунин амалҳои бандубастшванда аз 1 то 4 соли аз озоди маҳрум намудан ҷазо дода мешавад. Субъекти ҷиноят тибқи Кодекси ҷиноятии Испания шахси воқеие мебошад, ки ба синни 14 расидааст.

Инчунин м. 205 КҶ Испания ҷавобгарии ҷиноятиии хизматчиёнро барои ворид шудан ба манзили шахси дигар, барои ворид шудан ба идораи (ҷои кор) шахси дигар ва ворид шудан ба бинои шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ мекунад. Ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 4 то 8 сола пешбинӣ гардидааст[106].

Дар тафовут бо КҶ Фаронса, КҶ Испания на танҳо барои бо роҳи зуроварӣ ё тарсондан ба манзил даромаданро, балки худи ҳолати

[105] Уголовный кодекс Швейцарии [Текст]. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2002. – 350 С.
[106] Уголовный кодекс Испании [Текст]. – М.: Зерцало, 1998. – С. 69

дохилшавиро низ ҷиноят эътироф менамояд. Ин меъёр ба ғайр аз манзил, идора, биноҳои шахси ҳуқуқиро низ ҳифз менамояд.

Масъалаи ҷои содир гардидани ҷиноят низ ҷолиб ба назар мерасад. Аксари кишварҳои ҷаҳон танҳо барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил ва ё дигар молу мулк ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд. Ҳамзамон қонунгузории ҷиноятии баъзе кишварҳо мафҳуми манзилро васеъ муайян намуда, ба он ҷойҳо барои ибодат (м. 406 КҶ Исроил) ё дигар биноҳое биноҳои пӯшида манзил, майдони девордор, боғ, биноҳои кишоварзӣ[107].

Моддаи 186 КҶ Швейтсария ба чунин биноҳои ҳифзшаванда утоқи пӯшидае, ки барои хизматрасонии иҷтимоӣ ё бино барои фаъолияти касбӣ ва истеҳсолиро дохил менамояд. Моддаи 439 КҶ Белгия ҳама гуна биноҳое, ки шахс онҳоро ишғол кардааст, аз ҷумла, утоқи кориро низ дохил менамояд[108] .

Баъзе кишварҳо барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил ҷавобгарӣ муқаррар мекунанд, ки танҳо агар соҳиби манзил ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шикоят ё ариза пешниҳод карда бошад (м. 182 КҶ Сан-Марино, м. 109 КҶ Австрия,[109] м. 165 КҶ Литва[110]). Бояд қайд намуд, ки тибқи КҶ ҶТ танҳо дахлнопазирии манзил таъмин мегардад на ин ки дахлнопазирии дигар моликият.

Моддаи 193 КҶ Лаҳистон ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо барои вайрон кардани манзили шахси дигар, ва барои тарк накардани манзил бо дархости соҳиби он муқаррар мекунад. Оид ба дигар молу мулк чизе муқаррар нагардидааст[111].

Кодекси ҷиноятии Дания, дар боби «Ҷиноятҳо бар зидди шаъну шарафи шахсӣ ва ҳуқуқҳои шахсии шахсӣ», банди 264 ҷавобгарии ҷиноятиро

---

[107] Закон об уголовном праве Израиля [Текст] (Act on criminal law of Israel) / пер. с иврита; пер. М. Дорфман, науч. ред. Н. И. Мацнев. – СПб.: Изд-во Р. Асланова "Юрид. центр Пресс", 2005. – 412 С.

[108] Уголовный кодекс Бельгии [Текст]: нормативный документ / ред. Н. И. Мацнева; пер. с фр. Г. И. Мачковского. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2004. – 561 С.

[109] Уголовный кодекс Австрии [Текст] The Austrian Penal Code / Ассоциация юридический центр; пер. с нем. Л. С. Вихровой. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2004. – 352 С.

[110] Уголовный кодекс Литовской Республики [Текст]. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2003. – 470 С.

[111] Уголовное законодательство зарубежных стран (Англии, США, Франции, Германии, Польши, Японии) [Текст]: сб. законодательных материалов / ред. И. Д. Козочкин ; Московский гос. ун-т им. М. В. Ломоносова. Юридический факультет. – М.: Зерцало, 1999. – С. 35

пешбинӣ мекунад, агар шахс ғайриқонунӣ ба манзили шахси дигар ё ягон ҷои дастнорас ворид мегардад. Ин модда ҷавобгагриро вазнин менамояд, агар ин амалҳо бо мақсади таъмин кардан ё ошно кардани касе бо маълумот дар бораи сирри тиҷоратии ширкат ё дигар ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда сурат гирад.[112]

Мафҳуми «вайрон кардани дахлнопазирии манзил» дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Мамлакатҳои ҷаҳон дар кодекси ҷиноятии худ шаклҳои содир кардани ин кирдори аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнокро муайян накардаанд ва ё танҳо истилоҳи «ворид шудан ба манзил»-ро истифода мебаранд.

Ба ҷои ин, дар баъзе кишварҳо, истилоҳ ба таври васеъ муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, дар КҶ Гурҷистон чунин шакли вайрон кардани дахлнопазирии манзил, аз қабили кофтукови ғайриқонунӣ (м. 160); КҶ Сан-Марино вайрон кардани дахлнопазирии манзилро барои машғул шудан ба фаъолияти инфиродӣ бар хилофи иродаи шахсе эътироф мекунад, ки ҳуқуқ ба хориҷ кардани ҷинояткорро дорад (м. 182); дар КҶ Швейтсария – агар шахс сарфи назар аз дархости доимии соҳибмулк дар бораи тарк кардани бино ба иҷрои талаби ӯ шитоб накунад (м. 186).

Меъёре, ки барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил ҷавобгариро муқаррар мекунад, дар КҶ Ҷумҳурии Булғористон ба таври муфассал танзим карда шудааст. Мувофиқи м. 170 КҶ Ҷумҳурии Булғористон ворид шудан ба манзили каси дигар, ки бо истифода аз зӯроварӣ, таҳдид, фиреб, сӯиистифода аз ҳокимият ё бо истифода аз воситаҳои махсус содир шудааст, ҷиноят ҳисобида мешавад. Инчунин, тарк накардани манзили каси дигар, сарфи назар аз талаби қатъии тарк кардани он, вуруд ба манзили каси дигаре шабона ё ба тарзи мусаллаҳона ё ду ва зиёда шахсон содир кардааст, низ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Амалҳое, ки ба манзил, воситаҳои

[112]Уголовный кодекс Дании / Ассоц. юрид. центр ; науч. ред. и авт. предисл. канд. юрид. наук С. С. Беляев ; пер. с дат. и англ.: С. С. Беляев, А. Н. Рычева. – СПб., 2001. – С. 193.

нақлиёт ё биноҳои кории шахси ҳифзшудаи байналмилалӣ нигаронида шудаанд, ба ҷавобгарии сахттар кашида мешаванд[113].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили кирдорҳоеро, ки барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил равона гардидаанд, як хусусиятҳои ҷунин кирдорҳоро қайд намудан зарур аст:

- дар кодексҳои ҷиноятии баъзе мамлакатҳои алоҳида аллакай худи ҳолати вайрон кардани дахлнопазирии манзил ҳамчун ҷиноят эътироф карда шудааст, агар он бе розигии молик содир гардида бошад (м.160 КҶ Гурчистон, м. 405 КҶ Исроил, м. 86 КҶ Швейтсария).

-дигар кишварҳо вайроншавии ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро танҳо дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои бандубастшванда, аз қабили истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он, ҷиноят эътироф мекунанд ( м. 109 КҶ Австрия), м. м. 432-8 КҶ Фаронса, м. 439 КҶ Белгия).

Қонунгузории ин давлатҳо бо тарзи гуногун холатҳои бандубастшвандаро барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил муайян мекунад. Ҳамин тавр, тибқи м. 440 КҶ Белгия, содир намудани ин ҷиноят шабона, аз ҷониби ду ва зиёда шахсон, доштани силоҳ, ҳамчун ҳолати вазнинкунанда эътироф карда мешавад. Мутобиқи КҶ Австрия, агар вайрон кардани дахлнопазирии манзил бо қасди истифодаи зӯроварӣ ё дуздии ашё ҳамроҳ шуда бошад, агар яке аз шарикон силоҳ дошта бошад ва аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир шуда бошад, ҳолати вазнинкунанда эътироф карда мешавад (м. 109). Тибқи КҶ Исроил, агар шахс ҳангоми ворид шудан ба манзил бо худ силоҳи оташфишон ё силоҳи сард дошта бошад (м. 408).

Чун қоида, ҷазо дар кодексҳои ҷиноятии ин кишварҳо вазнин намебошад. Ҳамин тавр, тибқи КҶ Фаронса барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати як сол ё ҷарима; дар КҶ Гурҷистон – ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ё ҷарима; дар КҶАвстрия ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз

[113]Уголовный кодекс Республики Болгария / Ассоц. юрид. центр; науч. ред. канд. юрид. наук., проф. А. И. Лукашов; пер. с болг. Д. В. Милушев; авт. вступ. ст. Й. И. Айдаров. – СПб., 2001. – С. 128.

озодӣ ба муҳлати то як сол, пешбинӣ шудааст.

Дар баробари ин содир намудани ин ҷиноят дар ҳолатҳои вазнинкунанда бо афзоиши хавфи ҷамъиятӣ ва муҳлатҳои зиёди маҳрумият аз озодӣ тавсиф мешавад. Ҳамин тавр, ҷазои ҳадди аксар барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил дар КҶ Исроил пешбинӣ шудааст, агар он бо мақсади дуздӣ ва бо доштани силоҳи оташфишон содир шуда бошад. Барои чунин амалҳо мутобиқи м. 408 ҷазои 14 соли зиндонро пешбинӣ мекунад.

Дар кишварҳои низоми англо-саксонӣ, институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил хусусиятҳои хос дорад. Қонуни ҷиноятии ИМА бо КҶ федералӣ ва КҶ Ню-Йорк муаррифӣ карда мешавад. Дар ИМА 53 низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ низ мавҷуданд[114].

Дар КҶ ИМА, зери мафҳуми «вайронкунии дахлнопазирии манзил», вайрон кардани соҳибият ё воридшавии ғайриқонунӣ, қасдан ворид шудан фаҳмида мешавад. Зери мафҳуми бино – ҳама гуна бино, иншоот, нақлиётҳои заминӣ ё киштӣ, ки барои истиқомати якшаба ё тиҷорат дар он ҷо истифода мешавад, фаҳмида мешавад.[115] Кирдори ҷиноятӣ аз он иборат аст, ки шахс ғайриқонунӣ ба ҳар ҷой бо ҳуқуқи моликият ҳифзшаванда ворид мешавад ё дар он ҷо қарор мегирад[116].

Шахсе гунаҳкор дониста мешавад, ки агар бе ҳуқуқ ё иҷозат: а) ба манзил ворид шавад; б) бо роҳи фиреб розигӣ гирифта, дастрасиро ба ҳама гуна бино таъмин мекунад; в) пинҳонӣ дар дохили манзил мемонад; г) бо шикастани қулф ё зӯрӣ ба бино ворид мешавад; д) тавассути лавозимоти гушкунӣ ва назорати электронӣ ҳуқуқи моликиятро вайрон мекунад[117]

Ҳамин тавр, вайронкунии дахлнопазирии манзил дар КҶ ИМА ба таври васеъ шарҳ дода мешавад ва ҳама гуна воридоти ғайриқонунӣ ба бино,

---

[114] Уголовное законодательство зарубежных стран (Англии, США, Франции, Германии, Польши, Японии): сб. законо- дат. материалов / Моск. гос. ун-т им. М. В. Ломоносова, Юрид. фак.; авт. предисл. И. Д. Козочкин. – М., 2001. – С. 118
[115] Малиновский А. А. Уголовное право зарубежных государств: учеб. пособие [для преподавателей, аспирантов и студентов юрид. вузов] / А. А. Малиновский. – М., 1998. – С. 35.
Никифоров Б. С. Современное американское уголовное право / Б. С. Никифоров, Ф. М. Решетников; отв. ред. В. А. Власихин; АН СССР, Ин-т США и Канады, Ин-т совет, гос. стр-ва и законодательства. – М., 1990. – С. 145.
[117] Малиновский А. А. Указ. соч. – С. 35.

новобаста аз усулро дар назар дорад. Илова бар ин, ҳама гуна ворид шудан ба бино бо мақсади содир кардани ҷиноят – ҷинояти мустақил ҳисобида мешавад.

Тибқи КҶ Пенсилвания (ИМА) вайрон кардани «дахлнопазирии манзил», «поймол кардани ҳуқуқи соҳибмулк» маънои ворид гаштани ғайриқонунӣ ба манзил ё дигар объекти ғайриманқулро дорад. Ин ҳама гуна бино, ҳатто ҷои кор, воситаи нақлиёти заминӣ буда метавонад, ки барои истироҳати шабона ё барои иҷрои корҳои муайян истифода мешавад. Шахс барои содир намудани ҷинояти вайрон кардани дахлнопазирии манзил дар ҳолатҳои зерин гунаҳкор дониста мешавад агар:

- қулф ё дарро шикаста ба манзил даромада бошад;
- пинҳонӣ дар бино қарор дошта бошад;
- бо роҳи фиреб ба ягон бино дастрасӣ пайдо карда бошад;
- дастгоҳи гӯшкунӣ ё камераи видеоӣ насб намуд бошад.
- зарари ҷисмонӣ расонида бошад;
- ярок истифода бурда бошад[118].

Ҷазо барои вайрон кардани ҳуқуқи «соҳибмулк» то 10 сол маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ шудааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳар як иёлоти ИМА КҶ худро дорад, ки аз ин рӯ аксар вақт вайрон кардани дахлнопазирии манзил ҳамчун ***Burglary*** (тоҷ. ғоратгарӣ) ҳисоб мешавад. ***Burglary*** ҷинояти мушаххас мебошад. Ин маънои истифодаи манзил барои содир кардани ҷинояти дигар: дуздӣ, ғоратгарӣ, куштор ё таҷовузро дорад. Ҷазо барои ***Burglary*** анҷом додани нақшаро (куштори одам ё ғорат кардан) талаб намекунад, барои полис кофӣ аст, ки танҳо ин нияти ҷиноятиро дар суд исбот намояд[119].

ҚҶ ИМА 3 дараҷаҳоро пешбинӣ менамояд: – барои ***Burglary*** дараҷаи III – то 7 сол, барои дараҷаи II – то 15 сол ва барои дараҷаи I – то 25 сол маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ гардидааст.

---

[118] Конституция и законодательные акты [Текст]: Перевод с английского / Сост.: Лафитский В. И.; Под ред. и со вступ. ст.: Жидков О. А. – М.: Прогресс-Универс, 1993. – 768 С.
[119] Николайчик, В. М. Уголовный процесс США [Текст] / В. М. Николайчик. – М.: Наука, 1981. – С. 109

Фарқи вайрон намудани дахлнопазири манзил аз ***Burglary*** дар он аст, ки объекти асосии дахлнопазири манзил ин худи манзил бошад, объекти асосии ***Burglary*** ин предмети дигаре, ки дар дохили ҳамин манзил аст, мебошад. Ҳамин тавр, агар суратгир пинҳонӣ бо мақсади аксбардорӣ намудани «ситора» вориди манзили ӯ гардид, ин амали ӯ на ҳамчун ***Burglary***, балки ҳамчун «вайрон кардани моликияти дигар» бандубаст карда мешавад. Тибқи КҶ Ню-Йорк, ҳолатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят доштани силоҳ ва дигар лавозимоти ҷангӣ мебошад. Ҷазо барои чунин кирдор аз 4 то 7 сол маҳрум сохтан аз озодӣ мебошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани он аз синни 14-солагӣ оғоз мегардад[120]. Бояд қайд намуд, ки дахлнопазирии манзили амрикоиҳо на танҳо аз ҷониби Кодексҳои ҷиноятии ҳар як иёлот, балки КҶ федералӣ низ ҳифз карда мешавад.

Дар ИМА барои кофтукови манзил қарори махсус зарур аст. Аммо, чунин қарор дар сурате ба даст овардан мумкин аст, ки масъули ин кофтуков зарурияти гузаронидани онро бо савганд собит ва тасдиқ намояд. Ғайр аз ин, дар қарор бояд ҷои кофтуков дақиқ нишон дода шавад. Боз, сарфи назар аз кӯшишҳои зиёд барои ба даст овардани ҷунин қарор, дар тағйироти 4-уми Конститутсияи ИМА мушаххас нагардидааст, ки ин қароро маҳз кӣ бояд диҳад. Ин масъала ба ихтиёри мақомот гузошта шудааст.

Кодекси ҷиноятии Олмон дар боби VII «Амали ҷиноятии зидди тартиботи ҷамъиятӣ», параграфҳои 123 ва 124 ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил пешбинӣ мекунад. Дар диспозитсияи параграфи 123 чунин омадааст: «шахсе, ки ба таври ғайриқонунӣ ба манзил, бинои саноатӣ ё бинои ҳифзшаванда ё ба биноҳои алоҳидае, ки барои хизматрасонии ҷамъиятӣ ё нақлиёт пешбинӣ шудаанд, ворид мегардад ё дар чунин биноҳо бе ваколати дахлдор қарор дошта, талаботи шахси ваколатдорро оид ба тарк намудани ин бино иҷро намекунад»[121]. Диспозитсия вайронкунии дахлнопазирии манзилро ба таври васеъ шарҳ

[120] Николайчик, В. М. Уголовный процесс США [Текст] / В. М. Николайчик. – М.: Наука, 1981. – С. 108

[121] Уголовный кодекс ФРГ / МГУ им. М. В. Ломоносова, Юрид. фак., Каф. уголов. права и криминологии; пер. с нем. и предисл. А. В. Серебренниковой. – М., 2001. – С. 86.

медиҳад, зеро, на танҳо манзилҳо таҳти ҳимояи қонуни ҷиноятӣ қарор мегиранд, балки инчунин дигар биноҳои истеҳсолӣ ва муҳофизатӣ, биноҳои алоҳидае, ки барои хидматрасониҳои ҷамъиятӣ ё нақлиёт пешбинӣ шудаанд.

Манзил дар КҶ Олмон як мафҳуми умумӣ буда, ҳама биноҳоеро муттаҳид мекунад, ки ба будубоши як ё якчанд нафар хизмат мекунанд. КҶ Олмон мафҳуми «манзил»-ро ба таври васеъ шарҳ медиҳад: ба ин мафҳум на танҳо манзил ба маънои аслии ин калима, балки биноҳои пӯшидае, ки барои хизматҳои муайян пешбинӣ шудаанд ба ин мафҳум дохил мешавад. Инчунин, таҳти мафҳуми «манзил» утоқҳоеро фаҳмида мешаванд, ки дар онҳо як ё якчанд нафар қарор дошта метавонанд.

Тибқи қонунгузории Олмон, таҳти истилоҳи «воридшавӣ» бар хилофи иродаи шахси дар он истиқоматкунанда ва ҳатто агар як қисми бадан ворид шуданро, фаҳмида мешавад. Илова намудан зарур аст, ки мувофиқи қонунгузории Олмон на танҳо аз ҷиҳати ҷисмонӣ, балки бо садои муайян, доду фарёд, занги шабона, хатто тавассути телефон вайрон гаштани дахлнопазирии манзил мумкин аст. Мутобиқи параграфи 123, агар соҳибмулк ақаллан як маротиба тарк кардани манзилашро талаб карда бошад ва агар ин дархост иҷро карда навашад, ин бехаракатӣ ҳамчун вайронкунии ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил ҳисоб мегардад. Ҳамин тариқ, ҳам харакат ва ҳам бехаракатӣ ҷазо дода мешавад[122]. Параграфи 124 КҶ Олмон, ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷинояти вайрон кардани дахлнопазирии манзилро пешбинӣ мекунад, ки ин бо роҳи зӯроварӣ ва ё аз ҷониби гурӯҳи вайрон намудани дахлнопазири манзил, мебошад.

Кодекси ҷиноятии Ҳолланд дар м. 138 барои ворид шудан ба манзил сарфи назар аз манъи шахсони дар он қарордошта ҷазо пешбинӣ менамояд[123].

Дар Англия қоидаи вайрон кардани дахлнопазирии манзил ба таври

---

[122] Серебренникова, А. В. Уголовно-правовая охрана человека и гражданина на неприкосновенность жилища по УК Российской Федерации и УК Германии [Текст] / [Анна Валерьевна] Серебренникова // Вестник Московского университета. Сер. 11, Право. – 2003. – № 3. – С. 68

[123] Уголовный кодекс Голландии [Текст] / науч. ред. Б. В. Волженкин. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2000. – 253 С.

махсус ҳифз карда нашудааст, вале, ҳифзи манзил бо дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ (ҳуқуқи моликият) пайваст карда шудааст.

Пас аз таҳлили қонунҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ қайд кардан зарур аст, ки дахлнопазирии манзил ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ҳифз карда мешавад. Муҳимтарин санадҳои байналмилалӣ Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандӣ мебошанд. Ҳар як давлат ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзилро яке аз муҳимтарин ҳуқуқҳои инсон медонад. Тасдиқи ин андеша он аст, ки дар тамоми қонунгузории кишварҳои хориҷӣ, ки мо мавриди таҳлил қарор додаем, ҳам Конститутсия ва ҳам кодексҳои ҷиноятӣ ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзилро кафолат медиҳанд ва ҳимоя мекунанд.

Дар натиҷаҳои таҳлили қонунгузории кишварҳои хориҷи дур дар самти дахнопазирии манзил ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Дар Англия ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико манзил дар баробари дигар ҳуқуқҳо, аз ҷиноятҳо ба монанди дуздӣ, дахолат ба моликияти хусусӣ ва ғайра ҳифз карда мешавад. Худи мафҳуми «манзил» ва «дахлнопазирии манзил» дар КҶ Олмон ба таври равшан ва васеъ тавсиф карда шудаанд. На фақат даромадани ҷисмонӣ, балки ҳуҷум кардани қисми бадан, инчунин садоҳое, ки истироҳати соҳибмулкро халалдор месозанд, занги шабона дар назди дар ё занги телефонӣ ҳамчун дахолат ба дахлнопазирии манзил, эътироф карда мешаванд.

2. Як нуктаи муҳими кодексҳои ҷиноятии Олмон, Фаронса, Лаҳистон, Испания, Шветсия, Дания дар он аст, ки онҳо на танҳо барои ҳамла ба манзили шахси дигар, балки барои тарк накардани он бо дархости соҳибон низ ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекунанд. Меъёрҳои кодексҳои ҷиноятии Испания, Швейтсария, Полша ва Олмон мафҳуми нисбатан васеъи «манзил» овардаанд. Ба манзил на танҳо ҷой истиқомат, балки замини девордор, наклиёт, бинои идора ва ғайра низ дохил мегарданд.

3. Аксари кишварҳои ҷаҳон танҳо барои манзил ё дигар молу мулк ҳимояи ҷиноӣ доранд. Дар баробари ин, қонунгузории ҷиноятии баъзе кишварҳо мафҳуми манзилро васеъ намуда, дар он ҷойҳо барои ибодат (м. 406 КҶ Исроил), биноҳои пӯшида манзил, майдони девордор, боғ, биноҳои кишоварзӣ (м. 186 КҶ Швейтсария), биноҳои пӯшидае, ки барои хизматрасонии иҷтимоӣ ё бино барои фаъолияти касбӣ ё истеҳсолӣ пешбинӣ шудаанд (м. 109 КҶ Австрия), ҳама гуна биное, ки аз ҷониби шахс ишғол шудааст, аз ҷумла кормaнзил (м. 439 КҶ Белгия)-ро дохил менамоянд.

4. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ вобаста ба дахлнопазирии манзил имкон медиҳад, ки тамоюлҳои асосии амалияи ҷаҳонӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил муайян карда шаванд.

# БОБИ 2. ТАВСИФИ ҶИНОЯТӢ-ҲУҚУҚИИ ВАЙРОН НАМУДАНИ ДАХЛНОПАЗИРИИ МАНЗИЛ

## 2.1. Объект ва предмети ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил

Он ҳолатро исбот кардан зарур нест, ки ҳар кас бояд манзили шахсии худро дошта бошад ва ин ниёз ҳам дар табиати биологӣ ва ҳам дар табиати иҷтимоӣ зоҳир мегардад. Бояд қайд намуд, ки инсон ҳамчун мавҷуди зинда бояд макони худ ё худуди мушаххаси худро дошта бошад, ки дар он ҷо ӯ бароҳат бошад. Ҳатто занбурҳо кутти худро ҳифз мекунанд ва барои ворид шудан ба он коидаҳои зиёдеро риоя кардан лозим аст.

Аз ҷониби дигар, табиати иҷтимоии манзил минтақаи муайяни пушидаеро дар назар дорад, ки инсонро аз таҷовузи душманон, ҳайвонҳои даранда, аз садоҳои бегона ҳифз мекунад, худуде мебошад, ки инсон дар он истироҳат карда метавонад, яъне ҳаёти шахсии худро, ки дахолат ба он беиҷозат манъ аст, амалӣ намояд[124].

Мазмуни ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил ва дигар моликияти шахс дар м. 22 Конститутияи ҶТ ифшо шудааст. Дар адабиёти илмӣ дар зери дахлнопазирии манзил манъи ғайриқонунӣ даромадан ё ба тариқи дигар ворид шудан ба бино бар хилофи хоҳиши шахсони дар он истиқоматкунанда ё қонунан истифодабаранда фаҳмида мешавад[125].

Тавре ки Л.А.Красавчикова дар замони худ дуруст қайд кардааст, ки қонунгузор дахлнопазирии ҷисмонии сохтор ё қисми онро дар назар надорад. «Дахлнопазирии манзил – дахлнопазирии на ин ки объекти моликияти манзил ё объекти ҳуқуқи иҷорагир тибки шартномаи манзил, балки яке аз унсурҳои ҳаёти шахсии шаҳрвандон мебошад»[126].

---

[124] Акинина Н.Ю. Уголовно-правовая характеристика неприкосновенности жилища: дис. … канд. юрид. наук. – Тюмень, 2008. – С. 29.

[125] Коркунов, В. М. Конституционные основы положения личности в уголовном судопроизводстве [Текст] / В. М. Коркунов [Под ред. В._А._Познанского]. – Саратов: Издательство Саратовского университета, 1987. – 163-164 С.

[126] Красавчикова, Л. О. Личная жизнь граждан под охраной закона. [Текст] / Л. О. Красавчикова. – М.: «Екатеринбург», – 2007. – С. 61

И.Л.Петрухин дар идомаи ин мавқеъ қайд намудааст, ки мафҳуми «даҳннопазирӣ» бо мафҳуми «сир» алоқаманд мебошад. Он чи ки дахлнопазир аст, аз мақомоти давлатӣ махфӣ нигох дошта мешавад ва баръакс, сир дахлнопазир аст. Ҳамин тариқ, дахлнопазирии манзилро метавон сирри ҳар чизе, ки рӯй медиҳад, маънидод кард[127].

Бояд қайд намуд, ки Конститутсияи ҶТ ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзилро ҳамчун ҳуқуқи мустақил медонад, ки мазмуну кафолатҳои махсуси худро дорад, дар айни замон он яке аз қонуниятҳои ҳуқуқи ҳифзи ҳаёти шахсӣ мебошад. Он «унсури» озодии инсон буда, ба инсон шароити ҳаётӣ муҳайё месозад, дахолат накардан ба соҳаи ҳаёти шахсии ӯро кафолат медиҳад. Азбаски дахлнопазирии манзил барои «таъмини дахолатнопазирии шахс ва оилаи ӯ» пешбинӣ шудааст, амалӣ шудани ҳифзи дахолатнопазирии шахси воқеиро бе таъмини дурусти ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзили ӯ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҷинояте, ки ба вайрон кардани дахлнопазирии манзил дахл дорад хусусияти ғайримолумулкӣ доранд. Ва ба онҳо набояд худи манзил, балки ҳуқуқи инсон ба дахлнопазирии манзил ҳисобида шаванд.

Унсури навбатии ҳатмии сохтории ҳар гуна муносибатҳои иҷтимоӣ робитаи ҷамъиятӣ мебошад, ки ҳамеша ба таври дуруст мазмуни худи муносибатҳои иҷтимоӣ ҳисобида мешавад, ки дар он моҳият ва хосиятҳои асосии он зуҳур меёбанд. Аз ин рӯ, дуруст муайян кардани моҳияти робитаи иҷтимоӣ, ки бо таҷовузи ҷиноятӣ вайрон гаштаанд, имкон медиҳад, ки объекти таҷовузшаванда муайян карда шавад.

Робитаи иҷтимоӣ ҳамчун унсури муносибатҳои ҷамъиятӣ пайваста аз дигар унсурҳои сохтории муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷудонашаванда аст. Аз як тараф, ба мазмуни он субъектҳои муносибатҳои ҷамъияти таъсир мерасонанд, зеро махз онҳо шакли муайяни таъсири мутакобила ва робитаи

[127] Петрухин, И. Л. Личная жизнь: пределы вмешательства [Текст] : общественно-политическая литература / [Игорь Леонидович] Петрухин. – Москва: Юридическая литература, 1989. – 192 с.

байнихамдигарии онҳо мебошанд. Илова бар ин, онро аз объектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷудо кардан мумкин нест.

Ягона асоси ҷавобгарии ҷиноятиро содир намудани кирдоре ташкил медиҳад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят аст. Дар ҳолати ҷой надоштани ҳатто яке аз аломатҳои таркиби ҷиноят, кирдор ҳамчун ҷиноят эътироф намегардад[128]. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ сохти таркибии ҳар як ҷиноят аз чор унсури асосӣ объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии ҷиноят иборат мебошад[129]. Бандубасти дурусти ҷиноятҳо бе муайян кардани объекти ҷиноят ғайриимкон аст. Муайян намудани объекти ҷиноят ба мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда имконият медиҳад, ки моҳияти кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок пешгирӣ карда шавад. Таҳлили ҷиноятӣ-ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳоро, аз тавсифи аломатҳои объективии ин ҷиноятҳо, ки ба онҳо объект ва тарафи объективӣ дохил мешаванд, оғоз намудан зарур аст. Дар адабиёти илмӣ ба сифати объекти ҷиноят бештар муносибатҳои ҷамъиятӣ эътироф мегарданд. Ҳамин тавр, дар адабиёти илмӣ объекти ҷиноят – «муносибатҳои ҷамъиятие дониста мешаванд, ки аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз мегарданд»[130].

Таърифи объекти ҷиноят ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҳама рушдёфта буда, дар бораи механизми расонидани зарар тасаввуроти возеҳтарин медиҳад. Сохтори муносибатҳои ҷамъиятӣ робитаи иҷтимоии байни субъектҳо иборат мебошад, ки ин робита предмети муносибатҳои ҷамъиятиро ташкил медиҳад. Нақши предмет дар он зоҳир мегардад, ки он барандаи муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ буда, ҳамчун асоси муносибатҳои байни субъектон хизмат мекунад. Ҳамин тариқ, таҷовуз ба предмет ҳамеша

---

[128] Юлдошев Р.Р. К вопросу определения понятия «Основания уголовной ответственности» // Труды Академии МВД Республики Таджикистан, 2009, № 12. – С. 221-232.; Кудратов Н.А., Бахтовари М. Юридическая характеристика объекта и предмета незаконного получения кредита // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҳтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, 2017, № 2/1. – С. 254-259.

[129] Ниг.: Кудратов Н.А Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд. – Душанбе, 2013 – С. 16.

[130] Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Кудратов. Н.А. Ҷиноятҳои иқтисодӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе 2015. – С.6.

таҷовуз ба муносибати ҷамъиятие мебошад, ки ба предмет асос ёфтааст[131]. Тавре ки В.К. Глистин қайд кардааст: «Таҷовузи ҷиноятӣ ба ягон предмет таъсир расонида, ба ин васила ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Предмет на танҳо бо муносибат «алоқаманд» аст, балки дар баробари дигар унсурҳо моҳияти муносибат ва мавқеи субъектҳоро муайян мекунад». Предмети муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дахлнопазирии манзилро таъмин мекунад, дар ин ҳолат предмети ҳуқуқи маънавии шахс барои амалисозии ҳаёти шахсии худ дар манзилаш мебошад. Аммо, ин ҳуқуқро тавассути эҷоди предмети ҳифзшаванда, ки метавонад махфиятро аз омилҳои беруна нигоҳ дорад, амалӣ кардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, ҳангоме ки дахлнопазирии манзил вайрон карда мешавад, дахолатнопазирии ҳуқуқҳои истиқоматкунандагони он вайрон карда мешавад. Аммо, возеҳ аст, ки ҳангоми вайрон кардани дахлнопазирии манзил, худи шакл дахлнопазир боқӣ монда, ҳолати мустақилият ва танҳоӣ дар манзили истиқоматии ӯ вайрон карда мешавад. Агар ягонагии (дахлнопазирии) шакл вайрон карда шавад, он гоҳ ҳуқуқи моликият, соҳибӣ, истифода вайрон карда мешавад. Дар ин ҳолат, мо метавонем дар бораи қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк сухан ронем (255 КҶ ҶТ). Дар ин ҳолат, ҳуқуқи моликият ба манзил, ки дар моддаи 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, вайрон мегардад.

Ҳамин тавр, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду ҳуқуқи мустақилро пешбинӣ менамояд: ҳуқуқ ба манзил (моддаи 36) ва ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил (моддаи 22).

Ҳуқуқ ба манзил бар асоси қонун (ҳуқуқи моликият, шартномаи иҷтимоии меҳнатӣ, уҳдадориҳо (иҷора, кироя, зер иҷора ва ғайра) ба вуҷуд меояд. Дахлнопазирии манзил бояд на танҳо дар ҳолатҳое таъмин карда шавад, ки шахс соҳибмулк бошад ё ин манзилро тибқи иҷора (зериҷора), иҷора ё дигар асосҳои ҳуқуқӣ ишғол кунад, балки инчунин ҳангоми

[131] Глистин В. К. Проблема уголовно-правовой охраны общественных отношений (объект и квалификация) / В. К. Глистин; Ленинград, гос. ун-т. – Л., 1979. – С. 54.

истифодаи воқеии манзил (ба расмият надароварда). Масалан, бе қарори суд дар манзили худсарона сохта шуда кофтуков гузаронидан мумкин нест[132].

Ҳуқуқ ба манзил ва ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил бо ҳам алоқамананд. Агар субъект ҳуқуқи манзил надошта бошад ё онро аз даст дода бошад, на ҳама вақт боиси қатъ шудани ҳуқуқи дахлнопазирии манзил мегардад.

Вайрон кардани дахлнопазирии манзил бо расонидани таъсири ҷинояткорона тавассути предмети ин муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки он манзил мебошад, сурат мегирад. Ҳамзамон, чунин таҷовузкорӣ дахлнопазирии ҳаёти шахсиро низ вайрон мекунад. Воқеан, ки бе дахолат ба манзил вайрон кардани дахлтнопазирӣ ҳаёти шахси ғайриимкон аст, аз ин рӯ, таъсири ҷинояткорона ба предмети муносибатҳои ҷамъиятӣ равона гардидааст.

Объекти ҷиноятро ба таври амудӣ ба умумӣ, навъ, намуди ва бевосита тақсим мекунанд ва ба таври уфуқӣ дар сатҳи объекти бевосита бошад ба объекти асосӣ, иловаги ва факултативӣ ҷудо мекунанд.

Пеш аз тавсифи объекти бевоситаи воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил, муайян кардани объектҳои умумӣ, навъ ва намуди ҷиноятӣ, ки анъанавӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷинояти тавсиф карда мешавад. Ба андешаи А.И.Чучаев, объекти умумии ҷиноят ин маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки таҳти ҳимояи қонуни ҷиноятӣ қарор гирифта шудаанд[133]. А.Н. Красиков бошад, зери мафҳуми умумии ҷиноятҳо маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро мефаҳмад, ки объекти он бошад ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст. Чунин ҳуқуқҳо тибқи боби 19-и КҶ ҶТ ҳифз шудааст. Т. Шарипов таҳти объекти намудаи ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятиро, ки ба ҳифзи шахс равона шудаанд бо мақсади риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсонро дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардаро мефаҳмад.

[132]Лопаткина Н. Реализация принципа неприкосновенности жилища в уголовном судопроизводстве / Н. Лопаткина // Рос. юстиция. 2003. № 11. С. 51.
[133] Уголовное право Российской Федерации. Общая часть: Учеб. / СВ. Афиногенов [и др.]; под ред. Б.В. Здравомыслова; Московская гос. юрид. акад. 2-е изд., перераб. и доп. М., 1999. С.112

Мавқеи баррасии объектҳои умумӣ, хели ва намудии ҷиноятҳо ҳамчун муносибатҳои иҷтимоӣ, тавре ки дар боло зикр шуд, аз ҳама асосноктар аст.

Ҳангоми муайян кардани объекти бевосита, муҳаққиқон нуктаи назари гуногунро изҳор мекунанд. В.Н. Винокуров ва В.Н. Шелестюков чунин ақида доранд, ки объекти бевоситаи ин ҷиноят қобилияти шахс барои озодона амалӣ кардани ниёзҳои моддӣ ва маънавии худ мебошад, ки соҳаи ҳаёти шахсии ӯро ташкил медиҳанд. Ин имконият, ки бо ҳуқуқ таъмин гардида, ба ҳуқуқи субъективии дахлнопазирии манзил табдил меёбад[134].

Хатогии ин нуктаи назар дар он аст, ки аввалан чунин ниёзро на танҳо дар манзил, балки дар як ё дигар бино (офис, қаҳвоманзил ва ғайра) низ, минтақаи деворбанд ва ғайра амалӣ кардан мумкин аст. Сониян, чунин тафсир зуҳуроти ҳаёти шахсиро, масалан, тиҷорат ва ҳаёти оилавӣ аз доираи ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ хориҷ мекунад. Шумораи зиёди таҳқиқотчиён дар муайян кардани объекти бевоситаи ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил назарияи муносибатҳои ҷамъиятиро дастгирӣ мекунанд.

Ба андешаи В.Ю.Малахова ва Р.И. Расулов, объекти бевоситаи ин ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки вобаста ба татбиқи ҳуқуқи конститутсионӣ оид ба дахлнопазирии манзил ба миён меоянд[135]. Тибқи андешаи В.Н Новиков, объекти бевоситаи ин ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки бо таъмини ҳуқуқи дар Конститутсия эълонгардида алоқаманд мебошанд[136]. Ба андешаи В.В. Агилдин, объекти ин ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки ҳуқуқи шаҳрвандро ба дахлнопазирии манзил кафолат медиҳанд[137]. В.Ю. Малахова ва Р.И. Расулов зери мафҳуми объекти бевоситаи ин ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятиеро

---

[134]Винокуров В. Значение непосредственного объекта преступления, предусмотренного ст. 139 УК РФ, для определения понятия «жилище» / В. Винокуров, В. Н. Шелестюков // Уголов. право. 2006. № 1. – С. 18

[135] Малахова, В. Ю. Уголовно-правовая охрана неприкосновенности жилища в Российской Федерации [Текст] : дис. ... канд. юрид. наук : 12.00.08 / Вероника Юрьевна Малахова ; Науч. рук. С. И. Никулин ; Моск. акад. МВД России – М., 2001. –С. 66, Расулов, Р. И. Уголовная ответственность за преступления, связанные с проникновением в жилище [Текст] // дис. …канд. юрид. наук : 12.00.08 / Расул Ислам оглы Расулов ; акад. МВД СССР, – М., 1991. – 191 С.

[136] Новиков, В. А. Уголовная ответственность за нарушение неприкосновенности жилища [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Валерий Анатольевич Новиков. – М., 2001. – С. 54

[137] Агильдин, В. В. К вопросу об уголовной ответственности за нарушение неприкосновенности жилища / В. В. Агильдин // Академический юридический журнал. – 2021. – Т. 22. – № 2(84). – С. 127-133.

мефаҳманд, ки ҳангоми аз тарафи шаҳрванд амали сохтани ҳуқуқ ба манзилаш ба вуҷуд меоянд[138].

Э.Ю. Авшеев объекти бевоситаи ин ҷиноятро ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ҳифзи манзилро аз воридшавии ғайриқонунӣ таъмин мекунанд, шарҳ медиҳад. Ин таърифҳоро дастгирӣ намудан мумкин аст, аммо, онҳо моҳияти объекти ҷиноятро ба таври возеҳ ифода намекунанд.

Бо дарназардошти он, ки шахс маҳз дар манзил ҳаёти шахсии худро амалӣ мекунад: ин соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ, ҳаёти оилавӣ, дигар фаъолиятҳои ҳаётӣ инсон мебошад, ки хусусӣ, шахсӣ, пинҳонӣ сурат гирифта объекти дахолати давлат ё дигар шаҳрвандон буда наметавонад. Ҳамин тавр, *объекти бевоситаи ҷинояти м. 147 КҶ ҶТ муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба амалисозии ҳуқуқи инсон ба дахолатнопазирии шахсӣ, дар робита ба таъмини дахлнопазирии манзил мебошад. Объекти бевоситаи ин ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳаёти хусуии шахс дар ҳама чанбаҳои он (ҳаёти маҳрамона, оилавӣ, тиҷоратӣ ва ғайра) тавассути амалӣ намудани талабот ба манзил мебошад.*

Ҷинояти пешбинӣнамудаи м. 147 КҶ ҶТ ба вайрон кардани ҳаёти шахсии, ки дар манзил ба вуҷуд меояд равона, гардидааст. Зери мафҳуми ҳаёти хусусӣ дар ин ҳолат бояд фаъолияти ҳаётии шахс дар соҳаи оилавӣ, шахсӣ ва муносибати маҳрамона фаҳмида шавад, ки таҳти назорати давлат, созмонҳо ва шаҳрвандон қарор намегиранд. Ҳаёти шахсӣ дар манзил амалӣ мегардад ва танҳо ба як шахс тааллуқ дорад, ки у метавонад мустақилона доира ва ҳудуди онро, аз ҷумла маълумоти маҳрамона ва дигар маълумотҳоро дар бораи зиндагӣ муйаян намояд[139]. Илова бар ин, ҳаёти тиҷоратии шахс низ метавонад қисман дар манзил сурат гирад. Масалан, манзил метавонад барои фаъолияти хусусии духтур, омӯзгор, адвокат ва ғайра истифода шавад. Ҳамин тариқ, объекти бевоситаи вайрон кардани

[138]Малахова В. Ю. Уголовно-правовая охрана неприкосновенности жилища в Российской Федерации : дис. ... канд. юрид. наук / В. Ю. Малахова; Моск. акад. МВД России. – М., 2001. – С. 66; Расулов Р. И. Указ. соч. С. 10.

[139] Шевченко И. А. Уголовно-правовая охрана неприкосновенности частной жизни: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / И. А. Шевченко. Красноярск, 2005.23 с.

дахлнопазирии манзил муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳаёти хусусӣ мебошад, ки тавассути манзил таъмин карда мешавад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ се намуди объекти бевоситаро ҷудо менамоянд: асосӣ, иловагӣ ва факултативӣ. Зарурат ба чунин таснифот вакте ба миён меояд, ки ҳамон як ҷиноят ҳамзамон якчанд муносибатҳои ҷамъиятиро вайрон мекунад. Объекти бевоситаи иловагӣ дар ҷиноятҳои ба истилоҳ бисёробъекта ҷой дорад. Ин муносибати мушаххаси ҷамъиятӣ буда, расонидани зарар ё таҳдиди зарар шарти ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Аммо, объекти иловагии мустақим бо объекти дигари умумӣ мавҷуд аст ва бояд ҳамеша дар таркиби асосии ҷиноят инъикос ёбад. Аз ин бармеояд, ки ягон объекти иловагӣ дар вайрон кардани дахлнопазирии манзил ҷой надорад. Объекти факултативии ихтиёрии ҷиноят - ин робитаи мушаххаси ҷамъиятӣ мебошад, ки дар баробари объекти асосӣ ба он низ эҳтимоли расонидани зарар дар сурати таҷовуз ба объекти асосӣ мавҷуд аст. Объекти факултативӣ аксар вақт дар таркиби ҷинояти бандубастшавнада инъикос карда мешавад.

Дар қисми 2 м. 147 КҶ ҶТ ҷавобгарӣ барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил, ки бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он содир шудааст, пешбинӣ гардидаст. Дар ин ҳолат, ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳаёти шахсӣ, ки тавассути манзил таъмин карда мешаванд, инчунин муносибатҳои ҷамъиятие, ки дахлнопазирии ҷисмонӣ ва рӯҳии инсонро таъмин месозанд зарар расонида мешавад . Дар сурати вайрон намудани ҳуқуқи дахлнопазирии манзил аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ (қ. 2 м.147 КҶ ҶТ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар баробари объекти асосӣ, инчунин ба муносибатҳои ҷамъиятие заррар расонида мешавад, ки фаъолияти муътадили мақоми давлатиеро, ки дар он ин шахс фаъолият менамояд, халалдор месозад.

Дар сурати вайрон кардани дахлнопазирии манзил бо истифода аз мақоми хизматӣ, объекти факултативӣ муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд,

ки манфиатҳои қонунӣ ва тартиби фаъолияти корхонаҳо ва ташкилотҳои ғайридавлатии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратиро ҳимоя менамоянд.

Агар ҳангоми содир намудани ҷинояти баррасишаванда молумулки соҳибмулк вайрон ё нест карда шавад, ё ин ки ба саломатии истиқоматкунандагон зарари миёна ё вазнин расонида шавад, ба ин кирдорҳо баҳодиҳии мустақили ҳуқуқӣ додан зарур мебошад.

Предмети ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамеша мавқеи махсусро ишғол кардааст. Баҳсҳо дар бораи ҷойгоҳи ӯ дар низоми ҷинояткорӣ имрӯз ҳал нашудаанд. Аксарияти мутлақи олимон бар ин назаранд, ки предмет ва объекти ҷиноят падидаҳои гуногуни ҳуқуқӣ ҷиноятӣ мебошанд, зеро, предмет дар таркиби ҷиноят бо объекти ҷиноят алоқаманд аст, онро модели идеалии ҳамон предметет ҳисоб кардан лозим аст, ки вобаста ба он ҷиноят содир шудааст.

Аммо, оид ба мавқеи предмети ҷиноят дар таркиби ҷиноят ақидаи ягона мавҷуд нест. Дар баробари ин, баъзе олимон предметро ифодаи берунии объекти ҷиноят мешуморанд. А.Н.Треинин қайд менамояд, ки объект бояд он чизеро дар бар гирад, ки вобаста ба он ё нисбати он ҷиноят содир шудааст, аммо предмет бар хилофи объект зарар намебинад[140].

А.А.Пионтковский воқеан объект ва предмети ҷиноятро муайян карда, чунин мешуморад, ки азбаски предмет на ҳама вақт мавҷуд аст, бинобар ин, аввалан, онро аломати мустақили ҷиноят ҳисобидан дуруст нест ва дуюм, дохил намудани предмети ҷиноят ба таркиби объект тамомияти мафҳуми аз ҷониби умум қабулшудаи аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷиноятро зери шубҳа мегузорад[141].

---

[140] Трайнин, А. Н. Общее учение о составе преступления [Текст] / [Арон Наумович] Трайнин. – М.: Госюриздат, 1957. – С. 182

[141] Пионтковский, А. А. Уголовное право. Особенная часть. Преступления против личности [Текст] : учеб. пособие для юрид. ин-тов / А.А.Пионтковский ; Всесоюзный ин-т юридических наук. – М. : Юридическое издательство НКЮ СССР, 1938. – 136 С.

П.С.Матышевский ба предмети ҷиноят чунин таъриф медиҳад: ашёҳо, арзишҳои муайяни олами моддие мебошанд, ки барои онро шахс ба моли ба субъектҳои муносибатҳои ҷамъияти тааллукдошта таҷовуз мекунад[142].

Ҳамин тавр, предмети ҷиноят ашёи олами моддие мебошад, ки вобаста ба онҳо ҷиноят содир шудааст; ин унсури факултативии таркиби ҷиноят мебошад, ки на дар ҳама ҷиноятҳо зоҳир мешавад. Аҳаммияти ҷиноятӣ-ҳуқуқии субъекти ҷиноят дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мешавад:

1. Ба маҷмӯи аломатҳои таркиби ҷиноят дохил шудани предмети ҷиноят мукаммалии тартиб додани онро таъмин намуда, ба халли муваффақиятноки масъалаҳои бандубаст мусоидат мекунад;

2. Предмети ҷиноят метавонад ҳамчун меъёри фарқ кардани кирдорҳои ҷиноятии ба ҳам монанд хизмат кунад.

3. Предмети ҷиноят инчунин метавонад яке аз меъёрҳои фарқ кардани кирдори ҷиноятӣ ва ғайриҷиноӣ бошад;

4. Ин ё он аломати предмети ҷиноят метавонад ҳолатҳои сабуккунанда ё вазнинкунандаи ҷиноят бошанд.

Бе муқаррар намудани предмети ҷиноят дар бисёр мавридҳо муайян намудани объекти ҷиноят душвор мегардад. Дар ҳолате маълум нест, ки амали ҷиноятӣ ба кӣ ва чӣ, ба кадом предмети моддӣ равона карда шудааст, то он вақт объекти ин ҷиноиҳоро муайян кардан ғайриимкон аст.

Ба ибораи дигар, ҷинояткор дар баробари таҷовуз ба предмет, ҳамзамон ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таҷовуз менамояд. Мавҷудияти предмети тибқи м. 147-и КҶ ҶТ баҳснок аст. Ба андешаи олимон В.А.Новиков ва В.Н.Шелестюков, мафҳуми «манзилро» -ро метавон ба тарафи объективии ҷиноят нисбат дода, онро макони содиршавии он тавсиф намуд.[143]

---

[142] Матышевский, П. С. Преступления против собственности и смежные с ними преступления [Текст] / П. С. Матышевский. – К.: Юринком, 1996. – 240 С.
[143]Новиков В. А. Указ. соч. С. 83; Шелестюков В. Н. Указ. соч. – С. 64-65.

Ба андешаи дигар олимон, яъне Суслова С.И. ва Авшеев Е.Ю манзил, бешубҳа метавонад ба предмети ҷиноят мансуб дониста шавад[144].

Ҳамин тавр, мушкилот дар фаҳмиши якхела оид ба манзил аз як тараф, ҳамчун предмети ҷиноят, аз тарафи дигар, ҳамчун макони содир гардидани ҷиноят ба вуҷуд меояд.

Таҳлили ҷиноятӣ-ҳуқуқии м. 147 КҶ ҶТ гувоҳӣ медиҳад, ки предмети аломати ҳатмии объекти ин ҷиноят мебошад. Мувофиқи қ.1 м. 147 КҶ ҶТ, предмети ин ҷиноят манзил мебошад. Ҷой содир гардидани ин ҷиноят як қисми фазои ҷисмонӣ аст, қаламраве мебошад, ки дар диспозитсияи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ тавсиф шудааст[145].

Манзил бо чунин хусусиятҳо ба монанди қаламрав, фазо тавсиф мешавад ва ба ин маъно манзил бо «ҷои» содир гардидани ҷиноят мувофиқ меояд. Аммо, манзил ба маънои ҳуқуқии ҷиноятӣ на танҳо аз рӯи шакл, балки аз рӯи мундариҷа ҳамчун амали сохтани ҳаёти шахсии истиқоматкунандагон дар ҳудуди манзил тавсиф мешавад. Аз ин рӯ, манзилро наметавон ҳамчун макони ҷиноят ҳисоб кард, зеро, он мундариҷаи худро аз даст медиҳад, яъне ҳуқуқи шахс барои амалӣ кардани ҳаёти шахсии худ дар манзил. Амалҳои ҷиноятӣ, ки дар манзил содир карда мешаванд, масалан, ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳаёти шахсӣ, бо хавфи мустақили иҷтимоӣ тавсиф мешаванд, ки бо ҷои содиршавии он зиёд ё кам намешавад. Аз ин рӯ, манзил бояд на ҳамчун макон, балки ҳамчун предмети ҷиноят эътироф карда шавад ва онро ҳамчун як падидаи ягонаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ муаррифӣ кардан мумкин аст: манзил ҳамчун манфиати иҷтимоӣ дар шакли маҳдудкунии фазоии маҳалли зист, инчунин, маҷмӯи ҳуқуқҳо ба он вобаста, ки муҳимтаринаш ҳуқуқ ба дахлнопазирии он мебошад.

[144]Суслова С.И. Современные подходы к пониманию неприкосновенности жилища: уголовно-правовой и межотраслевой аспекты / С.И. Суслова, А.В. Бычков // Всероссийский криминологический журнал. – 2017. – Т. 11, № 2. – С. 299–307; Авшеев Э. Ю. Уголовно-правовая охрана права не неприкосновенность жилища: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / Э. Ю. Авшев; Ростов, юрид. ин-т МВД. – Ростов на/Д, 2005. – С. 18.
[145] Акоев К. Л. Место совершения преступления и его уголовно-правовое значение: автореф. дис. ... кан. юрид. наук / К. Л. Акоев. – М., 1989. – С. 13.

Тавре дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки мавҷудияти мафҳуми дақиқи «манзил» барои татбиқи дақиқи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ зарур аст, зеро, барои гузаронидани амалиёти муайяни тафтишотӣ дар манзил (масалан, кофтуков) иҷозати махсус ва чораи дахлдорро талаб карда мешавад. Ғайр аз ин, ҳалли ин масъала барои дуруст татбиқи қонуни ҷиноятӣ ҳангоми дахолати ғайриқонунӣ ба манзил мусоидат мекунад[146]. Ҳамин тавр, ба андешаи муҳаққиқон, мушаххас намудани мӯҳтавои мафҳуми «манзил» барои такмили м. 147 КҶ ҶТ муҳим мебошад.

Мавриди зикр аст, ки кафолати муҳими таъмини амалисозии ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил мавҷудияти заминаи возеҳи консептуалӣ мебошад. Тафовут дар таърифҳо метавонад боиси тафсири мухталифи як зуҳурот ва боиси маҳдуд шудани ҳуқуқ гардад. Таҳқиқот оид ба масъалаи кафолатҳои ҷиноӣ-ҳуқуқии дахлнопазирии манзил таърифи пешакии мафҳуми «манзил»-ро талаб мекунад, зеро, бо назардошти хусусиятҳо, нақши он дар ҳаёти инсон хусусиятҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои дар ин замина ба вуҷуд омадаро муайян менамоядд. Бинобар ин, ҳангоми муқаррар намудани чавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил мушаххас намудан зарур аст, ки кадом бино ба ин мафҳум дохил мешавад.

Истилоҳи «манзил» муддати тӯлонӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии сатҳҳои гуногун истифода мешавад. Ба ғайр аз Конститутсия, он дар Кодекси манзили ҶШС Тоҷикистон, КҶ ҶТ, КМҶ ҶТ ва як қатор дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба сарчашмаҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ истифода мегардад. Бо вуҷуди ин, дар тӯли солҳои зиёд, дар қонунгузорӣ мафҳуми ягонаи «манзил» вуҷуд надошт, ва бинобар ин мафҳуми мазкур як дар робита ба намудҳои алоҳидаи он ва соҳаҳои ҳуқуқ фаҳмида мешуд.

Имрӯз қонунгузории миллӣ мафҳуми ягонаи «манзил»-ро пешбинӣ менамояд, ки дар КҶ ҶТ омадааст.

---

[146] Мепаришвили, Г. Д. Неприкосновенность жилища: уголовно-процессуальные аспекты (На материалах Грузии) [Текст] / / Государство и право. – М. – Наука. – 1995. – № 5. – С. 100-106. С.

Дар қонунгузории амалкунанда мафҳуми «манзил» бори аввал дар м. 147 КҶ ҶТ бо Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории вобаста ба ратификатсияи Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ» соли 2004 ворид гардид[147].

Мувофиқи ин модда зери мафҳуми «манзил» – манзили истиқоматии фардӣ бо биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ба он дохилшаванда, бинои истиқоматӣ новобаста аз шакли моликият ба фонди манзил дохилшаванда, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ аст, ҳамчунин, дигар бино ё сохтмони ба фонди манзил дохилнашаванда, вале барои истиқомати муваққатӣ таъин гардидааст, фаҳмида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳуқуқи гражданӣ бо истилоҳи манзил пеш аз ҳама объектҳои ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои молумулки фаҳмида мешаванд, ки дорои низоми махсуси ҳуқуқӣ мебошанд. Манзил амволи ғайриманқул аст ва илова бар ин мақсади мушаххас дорад. Манзил мафҳуме мебошад, ки он хона, ҳуҷра, манора, коттеджро дар бар мегирад, ки барои истиқомати туллонӣ пешбинӣ шудааст. Биноҳои алоҳидаи истеҳсолӣ, таҳманзилҳо, анборҳо, гаражҳо, биноҳои васлшаванда, контейнерӣ ва дигар иншооти ёрирасон, инчунин, биноҳо барои будубоши муваққатӣ (меҳмонхона, беморманзил) ё маҷбурӣ (зиндон) манзили истиқоматӣ ҳисобида намешаванд.

Суди Олии ИҶШС дар қарори қаблан эътиборноки пленум "Дар бораи таҷрибаи судӣ дар парвандаҳои ҷиноятӣ алайҳи моликияти шахсӣ" аз 11 сентябри соли 1986, №11 манзилро ҳамчун иншооте муайян кардааст, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатии одамон (шахси воқеӣ) пешбинӣ шудааст.

Аммо санади мазкур ягон ҷоиҳои муваққатии қарор доштани одамонро, ки барои истиқомат пешбинӣ нагардида буданд, дар бар намегирад (масалан, купеи қатора, кабини киштӣ, кабина ва кузови мошини боркаш, мошини

147 Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории вобаста ба ратификатсияи Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ» аз соли 2004.

сабукрав, палатаи беморманзил, кулба, хирман ва ҷойҳои шабеҳе, ки одамон шабона, барои хӯрокхӯрӣ ва ғайра истифода менамоянд[148]. Ҳамзамон, ғоратгарӣ аз кабина, ки ҳамчун манзили муваққатии экипажи киштӣ хизмат мекунад, ҳамчун дуздие, бо ворид шудан ба манзил бандубаст мегардад [149].

Биноe, ки шароити зисти он барои саломати мусоид аст, метавонад барои истиқомати доимӣ мувофиқ дониста шавад, агар он ба таври конструктивӣ боиси р задан ё инкишофи беморӣ, бад шудани саломатии шахсони дар он истиқоматкунанда нагардад, истиқомат дар чунин ҳуҷра набояд бо хатари ҳаёт алоқаманд бошад. Аз ин рӯ, объекти муносибатҳои ҳуқуқии манзил наметавонад ҳуҷрае бошад, ки масалан, фурӯпошӣ, бе нури табиӣ, таҳманзил, намӣ ва ғайра таҳдид мекунад. Аммо, бояд илова кард, ки мутаассифона, мушкилоти манзил дар ҶТ имрӯз хеле муҳим аст.

Дар баъзе ҳолатҳо, манзил метавонад барои истиқомат корношоям дониста шавад. Сабабҳо муҳлати истифодабарии он, нодуруст истифода бурдан, офати табиӣ ва дигар ҳолатҳо шуда метавонанд. Баҳсҳо дар бораи мувофиқ будани бино барои истиқомати доимӣ дар асоси хулосаи мақомоти санитарию эпидемиологӣ бо назардошти дараҷаи фарсудашавии ҷисмонии бино, ҳолати иншооти он, ҷойгиршавии бинои истиқоматӣ ва дигар нишондиҳандаҳо ҳал карда мешаванд. Масалан, манзилҳои садамавӣ, барои истиқомати доимӣ корношоям дониста мешаванд. Барои муайян кардани манзилҳои барои зист номувофиқ сари вақт ва бо тартиби муайян азназаргузаронии ҳолати онҳоро гузаронидан зарур мебошад.

Меъёри навбатӣ – «таъинот» имконияти истиқомат намудан мебошад, ки манзилро аз биноҳои барои дигар максадҳо истифодашударо – савдо, анбор, идораю таълимӣ ва ғайра тафовут карда шавад, инчунин биноҳои ёрирасоне, ки барои манзил истифода бурда намешаванд. Манзил бояд барои зист имкон диҳад. Аз рӯи ин нишондод манзил ба манзилҳои деҳқонӣ ва боғӣ, ки аз ҷиҳати хусусияти муҳандисию меъмории худ то ҳадди имкон ба бинои

---

[148]Сборник постановлений Пленумов Верховных Судов СССР (Таджикской ССР) по уголовным делам. – С. 3
[149]Обзор судебной практики по делам о хищениях // Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации: расшир. уголовно-правовой анализ / под общ. ред. В. В. Мозякова. – М., 2002. – С. 330.

истиқоматӣ наздиканд ва имрӯз аз ҷиҳати сатҳи ҷойгиршавӣ ҷудо карда мешавад. Гарчанде ки ҳадафи хонаи истироҳатӣ бо мақсади истифода барои истироҳати шахс ё оила мебошад. Аммо, ба андешаи мо, дача максади бевосита надошта шахс дар он доимӣ истиқомат кунад, ба мақсад мувофиқ аст, ки ин объекти алоҳида ба «манзил» дохил карда шавад. Дар ҳақиқат, аксар вақт хонаи истироҳатӣ барои истиқомати доимӣ ё дарозмуддат истифода мешавад, ки дар он ҷо ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ сурат мегирад, ки муҳофизатро талаб мекунад.

Барои истиқомат таъин гардидани манзил ҳамчун кафолати муайяни ҳуқуқии истифодаи фонди манзил танҳо бо мақсади конеъ гардонидани талаботи шаҳрвандон ба манзил хизмат мекунад[150].

Ҳуқуқи манзил на танҳо манзилҳои истиқоматӣ (аз ҷумла биноҳои бисёрхонагӣ) ва коттеҷҳои тобистона, ки барои истиқомати доимӣ пешбинӣ шудаанд, балки квартираҳои алоҳида ва дигар биноҳои ҷудогона (масалан, ҳуҷраҳои ҷудогона дар квартираҳо), хобгоҳҳо, пансионатҳо, манзилҳои махсусро низ дар назар дорад.

Ҷанбаи дахлнопазирӣ манзил василаест, ки шахсро бо фазои ҳифзшавандае, ки ӯ ҳамарӯза ё як муддати муайян дар он қарор дорад, таъмин мекунад. Манзил ҳамчун объекти муносибатҳои шахсии ғайриамволӣ, пеш аз ҳама, барои муайян кардани сарҳади ҳаёти шахсии шаҳрвандони дар он истиқоматкунанда пешбинӣ шудааст. Аз ин лиҳоз, ворид шудан ба манзили истиқоматӣ низ ҳамла ба фазои шахсии дар он истиқоматкунандагон маҳсуб мешавад.

Масъалаи тасниф кардани биноҳое, ки ба фонди манзил дохил намешаванд, хеле мушкил аст. Ба ин гуна биноҳо манзилҳое дохил мешаванд, ки бо мақсадҳои иқтисодӣ сохта шудаанд, аммо бо тартиби муқарраргардида ба қайд гирифта нашудаанд ва бинобар ин қонунан мақоми бинои истиқоматӣ надоранд; биноҳои худсарона ё иншооти сохтмони нотамом, ки

150 Золотарь, В. А. Советское жилищное право [Текст] : учеб. пособие для юрид. ин-тов и фак. / В. А. Золотарь, П. Н. Дятлов. – Киев: Вища шк. Изд-во при Киев. ун-те, 1985. – С. 17

барои истиқомат истифода мешаванд. Ҳамин тариқ, маҳкумшуда П. аз ҳукми суди кассатсионӣ ва назоратӣ шикоят бурда, ишора намуд, ки манзиле, ки ӯ ба он ворид гардид аз ҷониби комиссияи давлатӣ қабул нагардидааст ва ба фонди манзил дохил карда нашудааст[151]. Мавҷудияти объектҳое, ки ба фонди манзил дохил карда нашудаанд, аз ҳад зиёд мебошанд, зеро, бинобар монеаҳои бюрократӣ, бисёр одамон бо он мушкилот дучор мегарданд, ки биноҳои худро қонунӣ карда наметавонанд. Солҳои зиёд одамон дар манзилҳое, ки ба истифода дода нашуда ё дар биноҳои худсарона сохта шуда беиҷозат истиқомат мекунанд, зеро, ҳуқуқи ба расмият даровардани онҳоро надоранд.

Масъалаи тааллуқ додани моликияти умумии бинои истиқоматӣ ба мафҳуми «манзил» баҳснок аст. Амволи умумии бинои истиқоматӣ соҳаҳои умумиро: зинапояҳо, аробаҳои маъюбӣ, даромадгоҳҳо, долонҳо ва ғайраро дар бар мегирад. Амволи умумӣ ба манзилҳо тааллуқ дорад – предмети асосӣ он нақши хизматӣ дорад. Бо назардошти ҳадафи он - барои истифодаи якҷояи истиқоматкунандагони як бинои истиқоматӣ, кормандони хизматрасон ва одамони дигар моликияти умумиро ба манзил мансуб донистан нодуруст аст. Ҳамчун далели ин, қарори судро иқтибос овардан мумкин аст, ки дар он муқаррар карда шудааст, ки истироҳатгоҳе, ки аз он дучарха дуздидашуда буд як қисми долони даромадгоҳи бинои бисёрқабата буда, бинобар сабаби берун аз ҳуҷраҳо ҷойгир гардиданаш онро ҳамчун манзил эътироф кардан мумкин нест[152].

Аммо, дар амалия ҳолатҳои худсарона забт кардани минтақаҳои умумӣ ва пайвастани онҳо ба бинои истиқоматӣ, яъне тағирот дар конфигуратсияи фазои манзили истиқоматӣ ҷой дорад. Мувофиқи шиносномаи техникӣ, минтақаи беиҷозат забтшуда дар асл манзили зист аст. Пеш аз қабули қарори суд дар бораи баргардонидани моликият ба ҳолати аввала, минтақаҳои умумии беиҷозат забтшуда бояд бо оқибатҳои минбаъда ба вуҷудмеомада

[151] Бойгонии суди н. Синои ш. Душанбе // Парвандаи ҷиноятии №411/14.
[152] Бойгонии суди н. Сино ш. Душанбе // Парвандаи ҷиноятии №1-351/16.

манзил эътироф карда шаванд, яъне бо таъмини ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар сурати ворид шудани ғайриқонунӣ ба ин биноҳо. Аммо, бояд қайд намуд, ки қонуни ҷиноятӣ на вайронкунӣ ва забти беиҷозати минтақаи умумиро, балки ҳуқуқи субъективии дахлнопазирии манзилро ҳифз мекунад.

Дар робита ба хонаҳои истироҳатӣ баъзе муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки ҳангоме ки соҳибмулк онро муваққатан ҳамчун манзил истифода мебарад, маҳз дар ҳамин давра он манзил эътироф мегардад. Агар соҳибмулки хонаи истироҳатӣ дар он зиндагӣ накунад, балки лавозимоти хоҷагӣ ё амволи дигарро нигоҳ дорад, дар чунин ҳолат он наметавонад манзил ҳисобида шавад, зеро дар он ҳеҷ инсон зиндагӣ намекунад[153].

Додгоҳи шаҳри Душанбе дуздии амволи шахси дигарро аз дача ба сифати дуздӣ эътироф накард, тавзеҳ дод, ки дуздӣ моҳи январи соли 2018 содир гардидааст, вақте соҳибонаш дар он ҷо истиқомат намекарданд ва он ҳамчун анбор истифода мегардид. Бо вуҷуди ин, ҳукм бо шикоят бекор карда шуд. Аммо, тавре дар адабиёти илмӣ қайд мегардад дачаҳо, ки барои истиқомати муваққатии одамон мутобиқ карда шудаанд, новобаста аз мавсим, манзил эътироф мегарданд[154].

Мушкилии дигар худи мафҳуми «манзил» мебошад, ки онро таҳқиқотчиён хеле васеъ шарҳ медиҳанд. Масалан, И.Л. Петрухин қайд менамояд, ки мафҳуми «манзил» на танҳо ба утоқҳои истиқоматӣ, балки ба ҷойҳои умумӣ (долон, ошманзил, ҳаммом, балкон), таҳманзил ва боломанзил, веранда, биноҳои ёрирасон, биноҳои ёрирасони маишӣ, хайма, мошин, утоқи алоҳида дар беморманзил, шикор, манзили боғ, гаражи шахсӣ, купе, кабина, ҳуҷраҳо дар меҳмонхона, осоишгоҳ, манзили истироҳатро дар бар мегирад.[155]

Таҳқиқотчиёни дигар ба манзил меҳмонхона, санатория, манзили истироҳат, дигар биноҳои шабеҳ, инчунин, купеи қатора, гараж, мошин,

---

[153] Копылов В. Понятие «жилища» в УК / В. Копылов // Законность. 2005, № 9. –С. 26-28.
[154] Бойгонии суд н. И. Сомонӣ. Парвандаи ҷиноятии №1-171.
[155]Петрухин И. Л. Личная жизнь: пределы вмешательства. С. 94; Петрухин И. Л. Личные тайны: (человек и власть) / И. Л. Петрухин; Ин-т государства н права Рос. акад. наук. – М., 1998. – С. 95.

хаймаи сайёҳӣ ва дигар биноҳое, ки шахс муваққатан дар он қарор дорад, дохил менамоянд[156]. Бо номбар намудани ин ё он объектҳо, таърифи оптималии мафҳуми «манзил»-ро додан душвор аст. Ҳалли ин мушкилот, муҳаққиқон мафҳумҳои зерини «манзил»-ро, ки тавассути аломатҳои гуногун муайян шудаанд, пешниҳод мекунанд.

Малахова В.Ю. пешниҳод менамояд, ки зери мафҳуми манзил ҳама гуна биноҳои дорои ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқ, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ ё ҷойгиршавии шаҳрвандон пешбинӣ шудаанд, ки дар он онҳо метавонанд маҷмӯи вазифаҳои ҳаётан муҳимро иҷро кунанд, фаҳмида шавад[157]. Аммо, қайд намудан лозим аст, ки таърифи пешниҳодгардида биноҳо ё иншоотҳоеро, ки дар онҳо шаҳрвандон бидуни ба расмият даровардани манзил истиқомат мекунанд, инчунин, биноҳое, ки ба шаҳрвандон дар асоси шарти ӯҳдадорӣ дода мешаванд (иҷора, қарз, зериҷора, ва ғайра) дарбар намегирад.

В.Н. Шелестюков ва В.Н. Винокуров манзилро ҳамчун бинои истиқоматии инфиродӣ, ки ба он манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ дохил карда шудаанд новобаста аз шакли моликият, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ ё мутобиқ кардашуда, инчунин дигар биноҳо ё иншооти қисми ҷудонашавандаи он, ки барои истиқомати муваққатӣ пешбинӣ шудааст, новобаста аз истиқомати воқеӣ, инчунин макони будубоши муваққатиро дохил менамояд[158].

Ҳангоми тавсифи мафҳуми «манзил», муҳаққиқон ба мазмуни аломати «мувофиқат» чунин мазмунро дохил мекунанд:

а) мутобиқшавӣ барои шабгузаронӣ ва чойигшавии амволи муайян дар он барои қонеъ кардани ниёзҳои рӯзмарра;

---

Лопаткина Н. // Рос. юстиция. 2003. № 11. С. 51; Малеина М. И. Личные неимущественные права граждан: понятие, осуществление, защита / М. И. Малеина. – М., 2001. – С. 189; Красавчикова Л. О. Личная жизнь граждан под охраной закона / Л. О. Красавчикова. – М., 1983. – С. 63; Бондарь И. В. Тайна частной жизни н право граждан на неприкосновенность жилища: техн.-юрид. аспекты формулирования / И. В. Бондарь // Проблемы юридической техники: сб. ст. / под ред. В. М. Баранова. Н. – Новгород, 2000. – С. 497.

[157] Малахова В.Ю. Указ. соч. – С. 141.

[158]Шелестюков В. Н. Уголовно-правовые средства обеспечения неприкосновенности жилища: автореф. дис. ... канд. юрид. наук/В. Н. Шелестюков. – Красноярск, 2006. – С. 9.

б) набудани дастрасии озод ба бино (мавҷудияти деворҳо, дарҳо).[159] Зери чунин хусусият комилан ҳама бино дохил мешаванд: гараж, тагманзил ва ғайра. Ҳамин тариқ, хусусияти «мувофиқ будан» ё «мувофиқат»-и манзил барои истиқомат дар маънои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ наметавонад ба таърифи мафҳуми «манзил» дохил карда шавад.

И.А. Шевченко қайд менамояд, ки манзил ҳамчун фазои ҷудогонае, ки барои зиндагӣ мутобиқ ё пешбинӣ шудааст, фаҳмида мешавад[160]. Ин таъриф хеле васеъ аст ва комилан ҳама биноҳоеро дар бар мегирад, ки дар он шахс метавонад доимӣ ё муваққатӣ истиқомат кунад ё истад.

Муҳаққиқон пешниҳод мекунанд, ки дар таркиби бандустшаваандаи тасарруф, ки бо воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил содир шудааст, танҳо манзилҳои ба фонди манзил дохилкардашуда бояд ҳамчун манзил эътироф карда шаванд[161], ки ба андешаи мо ин ақида нодуруст аст, зеро, шумораи зиёди одамон дар биноҳое истиқомат мекунанд, ки мақоми манзили истиқоматиро надоранд (кулбаҳои муваққатӣ, притсепҳо-манзилҳо ва ғайра). Бо сабабҳои дар боло зикршуда, бисёр одамон маҷбуранд дар биноҳое истиқомат кунанд, ки ба фонди манзил дохил намешаванд. Бо дарназардошти он, ки амволи ба истилоҳ инвентаризатсия (чӯбҳо, притсепҳо, манзилҳои васлшаванда) дар ҳеҷ куҷо ба инобат гирифта нашудааст, ҳаҷми воқеии чунин манзилҳоро муайян намудан ғайриимкон аст[162].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло мо метавонем хулоса барорем, ки истиқомати одамон дар биноҳо ва иншооти муваққатӣ як тадбири маҷбурӣ буда, аз мушкилоти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа далолат мекунад. Ҳамин тавр, бинобар муносибати маҳдуд ба мафҳуми «манзил» дар таркиби дуздӣ, ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро нисбати амволи ашхосе,

---

[159]Винокуров В. К Уголов. право. 2006. № 1. – С. 18.

[160]Шевченко И. А. Уголовно-правовая охрана неприкосновенности частной жизни : автореф. дис. ... канд. юрнд. наук / И. А. Шевченко. – Красноярск, 2005.– 23 С.

[161]Там же.

[162] Кроткова Н. В. Права человека и новое российское законодательство / Н. В. Кроткова // Государство и право. 2003. №6. – С. 107.

ки дар манзил ба он дохил намешаванд, пурра таъмин кардан ғайриимкон аст.

Бояд қайд намуд, ки аз нуктаи назари дахлнопазирӣ мафҳуми «манзил» назар ба он маъное, ки дар КҶ ҶТ оварда шудааст васеътар мебошад. Ҳамин тавр, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони он» аз 5 августи соли 2009 манзили истиқоматӣ дар бинои бисёрхонагӣ – қисмати муайяни таркибии бинои бисёрхонагӣ, ки дар намуди асл (натура) ҷудо карда, барои истифодаи мустақилона ба мақсади зист пешбинӣ шудааст[163]. Ба фикри мо, манзил ҳамчун объекти ҳуқуқи моликият ва объекти ҳуқуқи дахлнопазирӣ бояд тафсирҳои гуногун дошта бошад, зеро, сухан дар бораи ҷиҳатҳои гуногуни мафҳуми «манзил» меравад.

Ба ақидаи И.В.Шишко, ҳангоми муқаррар кардани диспозитсияи меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ, риояи талаботи техникаи қонунгузорӣ зарур аст. Диспозитсияи меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд аз як ҷумла иборат бошад ва аз ин рӯ, ҳамаи нишонаҳои таркиб бояд ба ин як ҷумлаи ягона мувофиқат кунанд. Талабот барои риоя кардани техникаи пешниҳоди диспозитсияи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки бояд кутоҳ бошад, қонунгузорро водор месозад, ки аломатҳои хоси падидаи ҳуқуқиро дар як ҷумла ифода намояд[164] Чунин талабот ба таърифҳое, ки ба моддаҳои КҶ ворид карда шудаанд, татбиқ карда мешавад. Аз ин сабаб, қонунгузор маҷбур аст, ки дар меъёрҳои КҶ ҶТ мафҳумҳои заруриро (бинои истиқоматӣ, фонди манзил, манзили истиқоматии инфиродӣ ва ғайра) барои муайян кардани мафҳуми «манзил» аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид кунад. Мафҳуми «қонуни манзил» – маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳоро оид ба истифодаи фонди манзил танзим мекунанд[165]. Ҳамин тариқ, таърифҳое, ки аз дигар қонунҳо гирифта шудаанд ва ба КҶ ворид карда шудаанд, як қатор мушкилотро ба миён меоранд.

---

[163] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил» аз 5 августи соли 2009

Шишко И. В. Экономические правонарушения. Вопросы юридической оценки и ответственности / И. В. Шишко. – СПб., 2004. – С. 60.

[165] Большой юридический энциклопедический словарь. – С. 177.

Ба намудҳои биноҳои истиқоматӣ дохил мешаванд: бинои истиқоматӣ, як қисми бинои истиқоматӣ; ҳуҷра, як қисми ҳуҷра, хона. Аз ин рӯ, дар таърифи мафҳуми «манзил», ки дар эзоҳи м. 147 КҶ ҶТ оварда шудааст ин биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ба он дохилшаванда, бинои истиқоматӣ новобаста аз шакли моликият ба фонди манзил дохилшаванда, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ аст, ҳамчунин, дигар бино ё сохтмони ба фонди манзил дохилнашаванда ва барои истиқомати муваққатӣ таъин гардидааст, фаҳмида мешавад. Ба чунин объектҳо ба монанди бинои истиқоматии инфиродӣ бо биноҳои истиқоматӣ ва ғайриманқул, ки ба он дохил карда шудаанд, нолозим аст, зеро, он бо мафҳуми умумии «манзил» фаро гирифта шудааст. Аз ин рӯ, дар ин қисм таъриф ба талаботи риояи кӯтоҳии пешниҳоди меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷавобгӯ нест. Ҳамин тариқ, аз таърифи муайяншудаи «манзил» калимаҳои зеринро истисно кардан мумкин аст: «истиқоматии фардӣ бо биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ба он дохилшаванда».

Ҳамин тариқ, ҳама мафҳумҳо пеш аз ҳама ба танзими муносибатҳои мусбии ҷамъиятӣ дар бахши манзил (истифодаи фонди манзил, эътироф кардани манзил, талаботи санитарӣ ва техникии манзил ва ғайра) нигаронида шудаанд. Агар манзил дар қонунгузории манзил объекти ҳуқуқи манзил бошад, ки дорои як қатор хусусиятҳо: ҷудокунӣ, мувофиқ будан, амволи ғайриманқул; дар ҳуқуқи гражданӣ – объекти ҳуқуқи гражданӣ, ки оид ба он бастани аҳдҳои ҳуқуқии гражданӣ (харид – фурӯш, мубодила, иҷора, кироя ва ғайра) мумкин аст, пас ба маънои ҳуқуқии ҷиноятӣ манзил ҳамчун фазое фаҳмида мешавад, ки дар он ҳаёти шахсии инсон, анҷом дода мешавад. Дар робита ба ин, на ҳама аломатҳоре, ки манзилро тавсиф мекунанд, дар қонуни ҷиноятӣ мувофиқанд.

Манзил ҷойгоҳе мебошад, ки дар он ҳуҷҷатҳои шахсӣ, мукотиба, аксҳо, аудио, сабти видео ва дигар ашёи шахсӣ, ки ба шахс тавсиф мешаванд, нигоҳ дошта мешаванд. Манзил як фазое мебошад, ки дар он ҳаёти шахсии инсон

сурат мегирад: оила, рӯҳонӣ (хондани китобҳо, тамошои филмҳо, иҷрои расму оинҳои динӣ ва дигар фаъолиятҳо), муошират (муошират бо аъзоёни оила, дӯстон, ҳамкорон). Агар манзил чунин аломатҳои функсионалӣ надошта бошад, он манзил намебошад. Масалан, як бинои истиқоматӣ, ки барои нигоҳ доштани масолеҳи сохтмон пешбинӣ шудааст, наметавонад ба сифати манзил тасниф карда шавад, зеро, чунин манзилҳои истиқоматӣ хусусияти функсионалии худро гум кардаанд. Ҳамин тариқ, яке аз хусусиятҳои асосие, ки манзил бояд ба маънои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ дошта бошад, қобилияти таъмини дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ мебошад. Аломати дигари ҳатмӣ он аст, ки он барои истиқомат пешбинӣ шудааст.

Бо назардошти ду хусусияти ҳатмӣ мафҳуми «манзил», бояд ду намуди биноро дар бар гирад:

1) манзил, новобаста аз шакли моликият ё биноҳои бесоҳибе, ки ба фонди манзил дохил карда шудаанд;

2) дигар биноҳо ё иншооте, ки ба фонди манзил дохил карда нашудаанд. Ҳарду намуди биноҳо барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ пешбинӣ шудаанд ва махфиятро таъмин мекунанд.

Биноҳои истиқоматӣ, ки ба фонди манзил дохил мешаванд, метавонанд моликияти давлатӣ ва шахсӣ бошанд. Аммо, бинои истиқоматии бесоҳиб, ки қаблан ба корманзилҳои давлатӣ тааллуқ дошт (фонди манзили идоравӣ), аммо, ҳангоми моликияти онҳо ба моликияти маҳаллӣ дода нашудааст, бояд ҳамчун бинои истиқоматии ба фонди манзил дохилшаванда тасниф карда шаванд. Бояд қайд кард, ки мувофиқи қонунгузорӣ фонди манзил вобаста ба шакли моликият ба: хусусӣ ва давлатӣ тақсим карда мешавад. Ба фонди манзил инҳо дохил мешаванд: Тибқи моддаи 10 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон фонди манзил вобаста ба шакли моликият ба намудҳои зерин тақсим мешавад:

1) фонди манзили давлатӣ;

2) фонди манзили хусусӣ.

Фонди манзили давлатӣ аз фонди манзили ҷумҳуриявӣ, коммуналӣ ва фонди манзили мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот иборат аст.

Фонди манзили хусусӣ аз манзилҳои истиқоматие, ки дар моликияти шаҳрвандон ё шахсони ҳуқуқии ғайридавлатӣ ё иттиҳодияҳои онҳо қарор доранд, иборат аст.

Мутобиқи қисми 4 моддаи дар боло номбаршуда, фонди манзил вобаста ба мақсадҳои истифодабарӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

1) фонди манзили истифодаи иҷтимоӣ;

2) фонди манзили махсусгардонидашуда;

3) фонди манзили шахсӣ (инфиродӣ);

4) фонди манзили истифодаи тиҷоратӣ.

Дар амал, ҳангоми ҳифзи дахлнопазирии манзил дар биноҳои истиқоматии инфиродӣ бо маҷмӯи биноҳои ёрирасон, ки ба ин бинои истиқоматӣ хизмат мерасонанд мушкилотҳо ба вуҷуд меоянд. Дар эзоҳи м. 147 КҶ ҶТ чунин ашёро ба монанди бинои истиқоматии инфиродӣ бо биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ зикр кардааст. Ҳамин тариқ, биноҳои ёрирасоне, ки ба бинои истиқоматӣ дохил намешаванд, мувофиқи ин таърифҳо ба манзил тааллуқ надоранд.

Дар тавсифи биноҳои истиқоматӣ аҳаммиятнок далели ба объекти амволи ғайриманқул дохил гардидани онҳо мебошанд аз ин рӯ бо замин зич алоқамандан. Аз ин рӯ, метавон андеша кард, ки қитъаи замине, ки дар он бинои истиқоматӣ ҷойгир аст, низ бояд дахлнопазир бошад. Аммо, як шарти дигар бояд таъмин карда шавад: ин замин бояд бо девор иҳота карда шавад ё ба таври дигар ба таври возеҳ нишон дода шавад, ки вуруд ба ин ҳудуд бе иҷозати соҳиби он маън аст. Зеро, қитъаи замин дахлнопазир буда наметавонад.

Ҳамчун далел, метавон «Ҳукми Суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсонро аз санаи 1 декабри соли 1996, Лоизиду зидди Туркия» -ро мисол овард, ки дар

он суд қитъаи заминро ҳамчун унсури таркибии мафҳуми «манзил» эътироф накард[166].

Дар Тоҷикистон, дар баробари биноҳои бисёрқабата, намуди инфиродӣ сохтмон хеле фаъол инкишоф меёбад. Ҳамчунин тамоюли «ҷудокунии» возеҳи биноҳои истиқоматии алоҳида вуҷуд дорад, ки он дар ҳузури деворҳои баланд, камераҳои дар тамоми ҳудуди замин ва бино зоҳир мешавад. Ҳамин тариқ, дар шароити бегонашавии шахсият аз ҷомеа аҳаммияти ҳаёти хусусӣ меафзояд, ки он бояд на танҳо дар манзил, балки дар тамоми қаламрави қитъаи замини манзили инфиродӣ низ таъмин карда шавад.

Моликияти манзил ҳамчун маҷмӯи амвол дорои қаламрави пӯшида буда, ҳуқуқи дахлнопазирии ҳаёти хусусиро таъмин мекунад, яъне. набудани дастрасии ройгон на танҳо бевосита ба бинои истиқоматӣ, балки ба дигар объектҳои хоҷагӣ (гараж, ҳаммом ва ғайра), инчунин ба ҳудуди қитъаи замини алоҳида низ бояд таъмин карда шавад.

Ҳангоми муайян кардани манзил ҳамчун объекти дахлнопазирӣ меъёрҳои дигаре, ки дар боло номбар шудаанд, асос гирифта мешаванд. Масалан, барои ҳуқуқи гражданӣ факти аз тарафи шахсони алохида супурдани манзил аҳаммият надорад. Биноҳои истикоматӣ ва чузъҳои ба истифода додашудаи бинои истиқоматӣ, сарфи назар аз истиқомат будан ё набудани онҳо ба маънои гражданӣ манзил эътироф карда мешаванд.

Манзил бояд ҳамчун ҳуҷрае фаҳмида шавад, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатии одамон (манзил, ҳуҷра, истиқомати тобистона, ҳуҷраи меҳмонхона ва ғайра) пешбинӣ шудааст. Манзил ба кисмҳои он баробар карда мешавад, ки дар онҳо амвол нигоҳ доштан мумкин аст (балкон, айвон, анбор ва ғайра), ба истиснои утокҳои ёрирасоне, ки бевосита ба манзил алоқаманд нестанд (гараж, анбор ва ғайра). Дар асари илмии Е.А.Вологина мафҳуми «манзил» на танҳо биноҳои истиқоматӣ, балки санаторияҳо, манзилҳои истироҳат, ҳуҷраҳои хобгоҳ, ҳуҷраҳо дар дайрҳо, хаймаҳои

[166]Европейский Суд по правам челрвека: избр. решения: сборник. В 2 т. М., 2000. Т. 2. С. 362-390.

туристиро ифода мекунад. Мавқеи муаллиф аз он иборат аст, ки ба мафҳуми «манзил» ба ғайр аз майдони истиқоматии худ, ки объекти иҷора шуда метавонад, яъне утоқҳо, ҳуҷраҳо дар бинои истиқоматӣ, инчунин бояд объектҳои ёрирасонеро низ дар бар гиранд, ки ба манзил пайвастанд ва дар болои манзили зист ё ҳудуди манзил ҷойгир шудаанд.[167]. Аммо мафҳуми «манзил» наметавонад биноҳои ёрирасон, таҳманзилҳо, анборҳо, гаражҳо ва дигар биноҳоеро дар бар гирад, ки аз биноҳои истиқоматӣ ҷудо карда шудаанд, ки барои истиқомати одамон истифода намешаванд, инчунин, ба ҷои будубоши муваққатии одамон дар онҳо тааллуқ надоранд (каютаҳо, купеҳои қатораҳо), кабина ва ғ. кузови боркаш, дохили мошин ва ғ.) Ҳарчанд ғорат аз кабина, ки ҳамчун паноҳгоҳи муваққатӣ хизмат мекунад, ҳамчун ғоратгарӣ бо ворид шудан ба манзил ба ҳисоб меравад[168].

На танҳо шахсоне, ки манзили доимӣ ё муваққатӣ доранд, балки ҳама шахсоне, ки дар он истиқомат мекунанд, ба дахлнопазирии манзил ҳуқуқи комил доранд. Аз ин бармеояд, ки воридшавии ғайриқонунӣ ба ҳар як ҳуҷрае, ки дар он гурӯҳҳои одамон муваққатан истиқомат мекунанд (казармаҳо ва биноҳои хизматчиёни ҳарбӣ, палатаҳо дар беморманзилҳо, камераҳо, ҳуҷраҳо дар манзилҳои кӯдакон ва ғайра) бояд рафтори ғайриқонунӣ, тафтиш ё кофтуков дар он манъ карда шавад.

Тафсири васеи мафҳуми «манзил» боиси имконпазир шудани ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ба ин мафҳум мегардад, ки моҳиятан бемаънист, зеро, ҳадафи ин ҷазо маҳрум кардан аз баъзе ҳуқуқҳо, аз ҷумла ҳуқуқи дахолатнопазирӣ мебошад.

Баҳри ҳалли мушкилоти муаянсозии мафҳуми манзил ошкор сохтани мафҳумҳои «ҷои истиқомат» ва «ҷои будубош» зарур мебошад. Ҷойи

---

[167] Вологина, Э. А. Конституционное право советских граждан на неприкосновенность жилища: Автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Москов. ВШМ МВД СССР. – М., 1981.– 66-68 С.

[168] Постановление Пленума Верховного Суда СССР от 26 апреля 1984 года №2 «О некоторых вопросах, возникающих в судебной практике при применении указов Президиума Верховного Совета СССР от 26 апреля 1982 года» с изменениями, внесенными постановлением Пленума от 21 июня 1985 года № 8 [Текст] / / Сборник постановлений Пленума Верховного Суда СССР 1924-1986 / ред. В. И. Теребилов ; сост. : Е. А. Смоленцев, Г. И. Бушуев, В._И._Замятин. – М.: Изд-во "Известия Советов Нар. депутатов СССР", 1987. – С. 573. – 1039 с.

истиқомат ин як бинои истиқоматӣ, ҳуҷра, утоқи корӣ, манзили махсус (хобгоҳ, паноҳгоҳ, манзили махсус барои пирони танҳо, пансионат барои маъюбон, собиқадорон), инчунин дигар манзилҳои истиқоматӣ, ки дар он шаҳрванд доимӣ ё асосан ҳамчун соҳибмулк истиқомат мекунад, тибқи шартномаи иҷора (зер иҷора), шартномаи кироя ва дигар асосҳои ҳуқуқӣ мебошад. Ҷои будубош ҳамчун меҳмонхона, санатория, манзили истироҳат, пансионат, кемпинг, базаи туристӣ, беморманзил ва дигар муассисаи шабеҳе, ки дар он муваққатан истиқомат кардан мумкин аст, фаҳмида мешавад. Бо истинод ба ин муҳаққиқон мафҳуми «манзил», «ҷои истиқомат» ва «ҷои будубо»" истифода мебранд[169].

Аммо, агар мо онҳоро ҷудо намоем, пас ду мафҳуми комилан мустақил ба вуҷуд меоянд: «манзил» ва «ҷои будубош», ки ҳолатҳои махсус дар робита ба мафҳуми умумии «биноҳо» мебошанд. Ҳамин тариқ, мо метавонем дар бораи ду мафҳуме сухан ронем, ки аз ҷиҳати мундариҷа ва ҳаҷми хусусиятҳое, ки онҳоро тавсиф мекунанд, яксон нестанд. Илова бар ин, манзил ва ҷои будубош барои ҳама аҳаммияти гуногуни психологӣ доранд. Агар макони будубош ҷои кӯтоҳмуддати будубош бошад, пас манзил оташдони манзил (оила) аст, ки дар он ҳар як ашё аз ҳама гуна рӯйдодҳое, ки дар ҳаёти ҳама аҳаммият доранд.

Бо назардошти муҳлатҳои гуногуни истиқомат (доимӣ, муваққатӣ), аҳаммияти гуногуни психологӣ барои шахс, имкони таъмини махфият ин мафҳумҳо бояд тафовут карда шаванд. Мафҳуми «ҷои будубош»-ро метавон бо хусусиятҳои гуногун тавсиф кард: барои зиндагӣ пешбинӣ шудааст, мувофиқ ба зиндагӣ ва ғайра, аммо, он чунин хусусияте надорад, ки қобилияти таъмини пуррагии махфият дошта бошад.

Шумораи зиёди амволи ғайриманқул як падидаи маъмулист, зеро, бисёриҳо бинобар монеаҳои бюрократӣ наметавонанд манзили худро қонунӣ кунанд. Чунин ходисаҳое низ чой доранд, ки одамон солҳо боз дар манзилҳои

---

[169] О праве граждан Российской Федерации на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства в пределах Российской Федерации: закон Рос. Федерации от 25 июня 1993 г. № 5242-1: [в ред. Федерал, закона от 18 июля 2006 г. № 121-ФЗ] // Рос. газ. От 10 августа 1993 года.

ба истифода доданашуда ва ё дар биноҳои худсарона истиқомат мекунанд, ки қитъаҳои заминро ба кайд гирифтан мумкин нест.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки муаллифон пешниҳод кардаанд, ки ҳаёти шахсии инсон ҳамчун омиле муайян карда шавад, ки манзилро аз дигар ҷойҳое, ки одамон истиқомат мекунанд, ҷудо мекунад.

Аз ҷиҳати дахлнопазирии манзил якчанд категорияи объектҳоро ҷудо кардан мумкин аст. Пеш аз ҳама, инҳо биноҳои истиқоматии як оилавӣ, биноҳои истиқоматӣ (ҳуҷраҳо, хонаҳо ё биноҳои якҳуҷрагӣ) мебошанд, ки тарҳрезӣ шудаанд ва барои истиқомати доимӣ равно шудаанд. Ба ин категория бояд биноҳои ёрирасоне низ дохил карда шаванд, ки барои зист таъин нашудаанд, вале, қисми таркибии биноҳои истиқоматӣ мебошанд (дар зери як бом вокеъ).

Дар таҷрибаи судӣ биноҳои ёрирасон, аз қабили анборҳо, айвонҳо, балконҳо, лоджияҳо, боломанзилҳо, гаражҳо аксар вақт ба манзил баробар карда мешаванд, ба шарте, ки онҳо дар зери як бом бо манзилҳои истиқоматии як ҳуҷра ё бинои якҳуҷрагӣ ҷойгир бошанд.

Ба андешаи мо, объектҳое, ки барои истиқомат мутобиқ карда нашудаанд ва барои истиқомат истифода бурда намешаванд ба манзил шомил намудани онҳо ягон асос надорад. Онҳо бояд ҳамчун моликияти шахс эътироф карда шаванд. Ба ғайр аз биноҳое, ки барои истиқомати доимӣ мувофиқ ва таъин шудаанд. Манзил, ба фикри мо, бояд биноҳое хисоб карда шаванд, ки ба фонди манзил дохил шуда, барои истиқомати муваққатии шахсони алоҳида пешбинӣ шудааст. Ба ин гурӯҳ тавре аллакай қайд карда шуд, хобгоҳҳо, манзилҳои хизмати маишӣ, манзилҳои сайёр ва ғайра дохил мешаванд. Ба манзил биноҳои истиқоматии фонди иҷтимоӣ ҳам барои истиқоматӣ доимӣ равона шудаанд (аз ҷумла, интернатҳои пиронсолон ва маъюбон, пансионатҳои ветеранҳои ҷанг ва меҳнат) ва барои истиқомати муваққати (масалан, хобгоҳҳои гарнизони барои ҷойгир кардани хизматчиёни ҷарбӣ, манзилҳои бачагон, мактаб-интернатхо ва ғайра) бояд

дохил шаванд.

Дар адабиёти илмӣ нисбат ба имконияти муайян кардани воситаҳои нақлиёт ҳамчун манзил муносибати дуруст мавҷуд аст. И.Л. Петрухин истинод ба манзил ва автомобили шахсиро ҳангоми сафарҳои дур пешниҳод мекунад[170]. Ба андешаи Г.Д. Мепаришвили, автомобили шахсии шаҳрвандон дар мавридҳое ҳамчун манзил эътироф кардан мумкин аст, ки он барои истироҳати шабона истифода мешавад[171]. Автомобилро В.Е.Коновалов ва В.Ю.Шепитко ба «манзил» шомил медонанд [172].

Агар он ҳолатеро ба инобат гирем, ки автомобил дар ҳамчун ҷои истиқомати муваққатии одамон (масалан, ҳангоми истироҳат) истифода мешавад ё махсус бо тамоми таҷҳизотҳои барои зиндаги, аз ҷумла ҳаммом ҷойи хоб ва ғ. ҷиҳозонида шуда бошад, пас мо низ метавонем бо чунин изҳоротҳо розӣ шавем.

Мавқеи олимоне, ки таклиф мекунанд, ки купе дар вагони поезд ҳамчун манзил эътироф карда шаванд, ҷолиби диққат аст. Аз ҷумла, дар баъзе мавридҳо, масалан, ҳангоми будубоши тӯлонӣ бо фаъолияти касбӣ, манзили муваққатӣ эътироф кардани купеҳои қаторaҳо пешниҳод мекунад. Купеи поездо танҳо дар мавридҳои муайян, масалан, ҳангоми будубоши дуру дароз ҳамчун манзили муваққати эътироф кардан мумкин аст.

Оид ба ҳамчун манзил эътироф намудани қитъаҳои замин миёни олимон ақидаҳо гуногунанд. Ҳамин тавр, масалан, И.Л. Петрухин чунин мешуморад, ки қитъаҳои замине, ки бо манзил ҳаммарзанд ва аз гирду атрофи он аниқ ҷудо шудаанд, режими манзилро доранд[173].

Бояд қайд намуд, ки қитъаи замине, ки ба шаҳрванд дар асоси ҳуқуқи истифодабарӣ тааллуқ дорад, бояд низоми дахлнопазирӣ дошта бошад. Агар

---

[170] Петрухин, И. Л. Личная жизнь: пределы вмешательства [Текст] : общественно-политическая литература / [Игорь Леонидович] Петрухин. – Москва: Юридическая литература, 1989. – 192 С.
[171] Мепаришвили, Г. Д. Неприкосновенность жилища: уголовно-процессуальные аспекты (На материалах Грузии) [Текст] / / Государство и право. – М. – Наука. – 1995. – № 5. – С. 100-106.
[172] Коваленко, О. Співвідношення норм житлового та кримінального права в судовій практиці: окремі питання [Текст] / О. Коваленко / / Право Украйни. – 2000.- № 7. – С. 91-93.
[173] Петрухин, И. Л. Личная жизнь: пределы вмешательства [Текст] : общественно-политическая литература / [Игорь Леонидович] Петрухин. – Москва: Юридическая литература, 1989. – 192 С.

дар қитъаи замин девор, огоҳӣ, лимит, сарҳад ва дигар аломатҳо мавҷуд бошад, дар он лавҳае бо навиштаҷоти «Вуруд бидуни иҷозати соҳибмулк манъ аст!» бояд мавҷуд бошад. Мавҷудияти деворҳо, воситаҳои техникӣ ва муҳофизатӣ аломати моликият ба бино ё дигар иншоот мебошад, ки дар онҳо арзишҳои моддӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Дар м. 22 Конститутсияи ҶТ қайд шудааст, ки ба ҳар кас дахлнопазирии манзил кафолат дода мешавад, аммо дар баробари манзил дахлнопазирии моликияти дигар низ кафолат дода мешавад.

Албатта, аз бисёр маънои «манзил» мо мафҳуми беҳтарин, мукаммал ё умумӣ пайдо карда наметавонем. Ҳар як муаллиф ақидаи илмии худро дорад. Ҳамзамон, ба андешаи мо маҳз ҳаёти шахсии инсон ҳамчун омиле муайян карда шавад, ки манзилро аз дигар чойҳое, ки одамон истиқомат мекунанд, тафовут мекунад.

Мафҳуми «манзил»-ро бо ду роҳ муайян кардан мумкин аст: номбар намудани тамоми объектҳое, ки метавонанд ҳамчун манзил хизмат кунанд, яъне ки онҳо ба талаботи муайяни санитарию гигиении зисту зиндагонӣ мувофиқ бошанд ва нишондиҳандаи хусусиятҳои пурмазмуни манзил – мувофиқ ё мутобиқшавӣ пешбӣ карда шудаанд. Аломатҳои манзили истиқоматие, ки мафҳуми мувофиқат ва мутобиқшавӣ барои истиқомат ошкор мекунанд, бояд инҳоро дар бар гиранд: а) мувофиқ будан барои шабгузаронӣ, б) мавҷудияти молу мулки муайян дар он барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти рӯзгор, в) набудани дастрасии озод ба манзил (мавҷудияти деворҳо, дарҳо). Дар баробари ин, мавҷудияти амвол дар бино аломати ҳатмии тасниф кардани бино ба манзили истиқоматӣ нест[174].

Тавре қайд намудем, имконияти ба сифати манзил эътироф намудани купе, кабинаи киштӣ, ҳуҷраи беморхона ҳангоми дар онҳо будани (истиқомат кардани) шахс, бояд ба чунин хулосе омад, ки ин ҷойҳои истиқомат бояд ба манзил мансуб дониста шаванд, зеро, ин ҷойҳо барои

[174] Акинина Н.Ю. Уголовно-правовая характеристика неприкосновенности жилища: дис. … канд. юрид. наук. – Тюмень, 2008. – С. 89.

истиқомат имконият медиҳанд. Купеҳои қатора, палатаҳои беморхонаҳо низ бояд ба ҷойҳои истиқомат, ки аз рӯи қонуни ҷиноятӣ ба мафҳуми манзил баробаранд, эътироф карда шаванд. Мафҳуми манзил бояд чунин фаҳмида шавад: биноҳое, ки барои истиқомати доимӣ ва муваққатӣ пешбинӣ шудаанд (ҳуҷраҳо, хонаҳо ё биноҳои якҳуҷрагӣ), новобаста аз асосҳои ҳуқуқии пешниҳоди онҳо, шакли моликият, таъиноти махсус ва ё иҷорагир аз манзил танҳо истифода мебарад, ё истиқомати якчанд нафар. Инчунин, биноҳои ёрирасонро дар бар мегирад, ки барои истиқомат пешбинӣ нашудаанд, вале, биноҳои истиқоматиро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, манзил бояд ҳамчун бинои истиқоматии инфиродӣ фаҳмида шавад, ки биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ ба он дохил карда шудаанд, биноҳои истиқоматӣ, новобаста аз шакли моликият, ҳам ба фонди манзил дохиланд ва ҳам ба фонди манзил дохил карда нашуда, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ ё мутобиқ карда шудаанд, инчунин дигар бино ё иншооте, ки дар шафати манзил ва қисми таркибии он буда, барои истиқомати муваққатӣ таъин, мувофиқ ё мутобиқ карда шудаанд, сарфи назар аз ҷои истиқомати воқеӣ, инчунин, ҷои истиқомати муваққатӣ.

Ба андешаи муҳаққиқон, мушаххас намудани мӯҳтавои мафҳуми «манзил» барои бандубасти дурусти моддаи баррасишаванда муҳим мебошад. Тибқи луғати С.И. Ожегов «манзил» – як биное, ки дар он шахсон истиқомат мекунанд ё метавонан истиқомат кунанд, тавсиф дода мешавад[175].

Агар калимаи «манзил», тарҷума аз калимаи руси «жилище», ки дар қонунгузории ҶТ, истифода бурда мешавад, аз руйи тарҷумаи фарҳангӣ барраси намоем, маълум мешавад, ки тарҷумаи калимаи мазкур маънои пурраи он калимае, ки дар забони русӣ вуҷуд дорад, дар бар намегирад. Инчунин, калимаи «манзил» дар забони тоҷики дигар ҳам маъноро доро мебошад. Аз ҷумла мутобиқи Фарҳанги Тоҷикӣ ба Русӣ зери таҳрири Д. Саймиддинов, С.Д.Холматова, С. Каримов, вожжаҳои «манзил» ва

[175] Толковый словарь Ожегова. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://slovarozhegova.ru/word.php?wordid=7787 (дата обращения: 31.11.2021)

«манзилгоҳ» як-реша буда, баробар ба маънои бинои истиқоматӣ, хонаи истиқоматӣ, ҳуҷраи истиқоматӣ, ҷои истиқомат, истгоҳ, ҷойи истодан боз маънои қабристон, ҷойи дафн, қабр, пешбинӣ шудааст[176].

Фарҳанги ислоҳоти ҳуқуқ зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, ҳуқуқшиноси шоистаи ҶТ, Маҳмудов М.А., калимаи «манзил»-ро дар алоҳидаги тамоман барраси намекунад ва танҳо бо ҳамроҳи дигар калима аз ҷумла, «манзили идоравӣ» бо маънои навъи истиқоматие, ки ба фонди манзили дар ихтиёри ҳукуматҳои маҳаллӣ, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо таъллуқ дошта, ба фонди манзили идоравӣ дохил мешавад, қайд мекунад[177]. Лекин калимаи русии «жилище» дар фарҳанги мазкур ҳамчун калимаи «истиқоматгоҳ» бо маънои – «дар ҳуқуқи конститутсиони ҷойинтихоб шудае дар назар дошта мешавад, ки махсус баро истиқоматии озоди инсон таъйин шудааст». Мафҳуми констутсионӣ-ҳуқуқии «истиқоматгоҳ» аз «манзили истиқоматӣ" васеътар аст, зеро, он на фақат ҳуҷраҳо ва ҳонаҳои истиқоматӣ (дигар қисмҳои ба он мансуб), балки дигар иншоотеро дар бар мегирад, ки барои истиқомат чун анъана истифода мешаванд (масалан, капааҳои лӯлиён, ярангаҳо ва ғайра). Таҷрибаи суди хориҷӣ ба истиқоматгоҳҳои мувофиқи конститутсияи ҳифзшаванда манзилгоҳҳои худсохт, шалашҳо низ дохил мекунад, ки агар онҳо сифати хона барои истиқоматии инсон хизмат мекунад. Бо андешаи олими мазкур меҳмонхона, беморхона, маҳбас – ҳамчун истиқоматгоҳ ба ҳисоб намераванд. Илова бар ин адемик Маҳмудов М.А. калимаи «истиқоматгоҳи иловагӣ» ҳамчун сохтмони алоҳидае, ки ба муҳлати дуру дарози хизматӣ пешбинӣ шуда, ҳамагӣ ва ё на кам аз нисфи он барои истиқомат таъйин гардидааст, муайян мекунад [178]. Чунин нуктаи назар, яъне ҳаммаънои калимаи русии «жилище» ба калимаи тоҷикии «истиқоматгоҳ»,

---

[176] Фарҳанги Тоҷики ба Руси нашри дувум бо илова, такмил ва ислоҳ, зери таҳрири Д.Саймиддинов, С.Д.Холматова, С.Каримова. – Душанбе, 2006. – С. 330

[177] Фарҳанги ислоҳоти ҳуқуқ (нашри дуюм), зери таҳрири академиеи Академияи ҶТ., д.и.ҳ., профессор, ҳуқуқшиноси шоистаи ҶТ, Маҳмудов М.А.. Душанбе: «Эр-граф», 2009. – С. 275

[178] Фарҳанги ислоҳоти ҳуқуқ (нашри дуюм), зери таҳрири академиеи Академияи ҶТ., д.и.ҳ., профессор, ҳуқуқшиноси шоистаи ҶТ, Маҳмудов М.А.. –Душанбе: «Эр-граф», 2009. – С.186-187

ки пурра мафҳуми калимаи мазкурро дар бар мегирад, дар татқиқотҳои худ олимони соҳаи филология ва ҳуқуқшиноси тарафдор мебошанд [179]. Фарҳанги тавсирии забони тоҷики зери таҳрири С. Назарзода ва дигар олимон, калимаи «манзил» – ҳамчун ҷои фуруд омадан, фуромадгоҳ, истгоҳ, маскан, хона, қабристон, ки мазмунан байни ҳамдигар фарқияти калон доранд, маънидод кардаанд. Калимаи «истиқоматгоҳ» бошад аз тарафи олимони мазкур аниқ ҳамчун маҳали истиқомат, ҷои зист, манзил, муайян карда шудаанд [180].

Ҳамин тавр, калимаи «манзил» бинобар маънои маҳдуд доштанаш, бо калимаи «истиқоматгоҳ» иваз кардан ё акалан дар қавс ишораи иловаги намуданро талаб мекунад.

Мушкилоти ҷабрдидаи ҷиноят низ дар қонуни ҷиноятӣ хануз ба кадри кифоя инкишоф наёфтааст. Одатан, ҷабрдида шахси воқеие мебошад, ки дар натиҷаи ҷиноят бевосита зарари маънавӣ, ҷисмонӣ ё молӣ расонида шудааст. Қобили зикр аст, ки мафҳуми ҷабрдида дар КҶ ҶТ ҷой надорад, ба ҷои он КМҶ ҶТ ин мафҳумро дар бар мегирад. Ҷабрдида тибқи қонуни ҷиноятӣ ҳамеша танҳо шахси воқеӣ – шахсе мебошад, ки дар муносибатҳои ҷамъиятӣ иштирок мекунад. Ҷабрдида унсури иловагии таркиби ҷиноят мебошад, ки бо объекти ҷиноят зич алоқаманд аст.

Таҳлили меъёри пешбинӣнамудаи м. 147 КҶ ҶТ имкон медиҳад, ки дар ин ҷиноят ҷабрдидаро ҳамчун аломати ҳатмӣ пешбинӣ карда шавад. Сухан дар бораи шахсе меравад, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят ҳуқуқи дахлнопазирии манзилаш поймол шудааст.

Мавриди зикр аст, ки ҷабрдидаи ҷиноят – шахсе эътироф мегардад, ки қонунан соҳиби манзили истиқоматӣ ё дигар шахс мебошад, манзилро муваққатан ё доимӣ истифода мебарад ё дар он истиқомат дорад.

Ба андешаи мо иҷозатро бояд шахсе диҳад, ки соҳиби қонунии манзил мебошад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мо чунин мешуморем, ки

[179] Шокиров Т.С. Фарҳанги тоҷики-русии истилоҳоти ҳуқуқ. – Ҳуҷанд, 2013. – С. 73

[180] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷилди 1, (нашри дувум) зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2010. – С.584

ҷабрдида эътироф намудани шахсе, ки танҳо дар манзил истиқомат мекунад ва бар хилофи иродаи ӯ ба манзил ворид шудааст, ба талаботи қонунгузории амалкунанда мувофиқат намекунад. Ҷабрдидаи ин ҷиноят шахсе мебошад, ки танҳо дар асоси қонунӣ соҳиби манзил мебошад.

Ҷабрдидагони ҷиноят тибқи қ. 2 м. 147 шахсе мебошад, ки зарари ҷисмонӣ ё маънавӣ дидааст, агар ӯ дар таҳдиди зӯроварӣ ифода карда шавад.

Илова бар ин, дохил кардани ҷои истиқомат ба мафҳуми «манзил» ва фарогирии он бо қонуни ҷиноятӣ, монеаҳоро эҷод мекунанд, ки ҳимояи шаҳрвандонро на он қадар таъмин мекунад, балки ба ҷудоии одамон дар ҷомеа мусоидат мекунанд. Барои ҶТ манфиатҳои умумӣ ва ҳамкории муштарак хеле муҳим аст. Таъмини монеаҳои иловагӣ метавонад ба оқибатҳои манфӣ оварда расонад, масалан: надоштани қобилияти муоширати намудан, дар як гурӯҳ зиндагӣ кардан, танҳоӣ, мушкилот дар бунёди оила ва ғайра.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳо хулоса кардан мумкин аст, ки:

1. Объекти бевоситаи ҷиноят дар м. 147 КҶ ҶТ пешбинӣгардида муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба амалисозии ҳуқуқи инсон ба ҳаёти шахси дар робита ба таъмини дахлнопазирии манзил мебошад. Объекти иловагии воситаи таркиби бандубастшавандаи қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё давлатӣ ва саломатии ҷабрдида мебошад.

2. Аломати ҳатмии ин ҷиноят, ки барои баҳодиҳии ин ҷиноят аҳаммияти махсус дорад, ҷабрдида мебошад, ки зери он бояд ҳар як гуна шахсони воқеӣ новобаста аз шаҳрвандӣ, ки аз рӯи қонун соҳиби манзил мебошанд, муваққатан ё доимӣ онро истифода мебарад ё дар он истиқомат мекунад, ба ҳисоб меравaнд. Ҷабрдидагони ин ҷиноят тибқи қ.2 м. 147 КҶ ҶТ метавонанд дигар шахсон низ ба ғайр аз шахсони дар боло зикршуда, ки ҳуқуқашон ба дахлнопазирии манзил поймол карда нашудааст (дар ҳолати зӯроварӣ нисбати шахси роҳгузар, ки кӯшиши пешгирии намудани воридшавии ғайриқонунӣро амалӣ месозад) шуда метавонанд.

3. Предмети ин ҷиноят манзили истиқоматии фардӣ бо биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ба он дохилшаванда, бинои истиқоматӣ новобаста аз шакли моликият ба фонди манзил дохилшаванда, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ аст, ҳамчунин, дигар бино ё сохтмони ба фонди манзил дохилнашаванда, вале, барои истиқомати муваққатӣ таъин гардидааст, мебошад.

4. Мафҳуми «манзил» ду намуди биноҳоро дар бар мегирад:

1) биноҳои истиқоматӣ, ки ба фонди манзил дохил мешаванд (новобаста аз шакли моликият) ё соҳибмулк;

2) бино ё иншооти дигаре, ки ба фонди манзил дохил карда нашудаанд. Ҳарду намуди биноҳо барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ пешбинӣ шудаанд ва махфиятро таъмин мекунанд.

5. Калимаи «манзил» бинобар мафҳуми маҳдуд дошта бо калимаи «истиқоматгоҳ», ки пурра эквиваленти калимаи руси «жилище» мебошад, иваз ё дар кафс дар назди калимаи «манзил» навишта шавад.

## 2.2. Таҳлили аломатҳои тарафи объективии вайрон намудани дахлнопазирии манзил

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ равиши умумие эътироф гардидааст, ки мутобиқи он тарафи объективии таркиби ҷиноят одатан маҷмӯи аломатҳои пешбинӣнамудаи қонуни ҷинотӣ, ки зуҳуроти берунии ҳодисаи барои ҷомеа хатарнокро тавсиф мекунанд, кирдоре, ки ба объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ таҷовуз мекунад, инчунин шартҳои объективии ин таҷовуз фаҳмида мешавад.

Тарафи беруна зоҳиршавии рафтори инсон объективона дар шакли ҳаракат ё беҳаракатӣ, ки ба тағйири муҳити иҷтимоӣ нигаронида шудааст, амалӣ мегардад. Аломатҳое, ки ба тарафи берунии кирдори ҷиноятӣ хос мебошанд, ба аломатҳои тарафи объективӣ тааллуқ доранд.

Аломатҳое, ки тарафи объективиро тавсиф мекунанд, дар кодекс нисбат ба аломатҳои дигар унсурҳои таркиби ҷиноят бештар ба назар мерасанд. Албатта, на танҳо тарафи объективӣ ва аломатҳои он дар диспозитсияи

моддаи қонуни ҷиноятӣ пурра инъикос гардидаанд, балки хусусиятҳои ин ё он ҷиноят, хавфи ҷамъиятии он, усулҳои содир кардани ҷиноят, окибатҳои хавфноки ҷиноятӣ, равшантар ифода гардидаанд. Аз ин рӯ, бандубаст ва тафриқа аксари вақт маҳз тавассути тарафи объективии ҷиноят сурат мегирад, гарчанде ки ҳангоми ҳуқуқтатбиқкунӣ вобатса ба он низ хатогиҳо зиёданд[181].

Аломатҳои тарафи объективии ҷинояти мушаххас дар диспозитсияи меъёри ҷиноятӣ инъикос меёбанд. Агар дар диспозитсияи меъёр нишондиҳандаи мавҷудияти оқибатҳои барои ҷомеа хатарнок вуҷуд надошта бошад, пас ин таркиби ҷиноят расмӣ аст. Ҳамин тариқ, ҷиноят аз лаҳзаи содир шудани кирдори барои ҷамъият хавфнок анҷомёфта ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, тарафи объективии ҷиноят танҳо бо як аломат – кирдори барои ҷамъият хавфнок (ҳаракат, беҳаракатӣ, оқибат ва робитаи сабабӣ) тавсиф хоҳад шуд.

Аҳаммияти тарафи объективии пеш аз ҳама дар он аст, ки:

а) тарафи объективӣ унсури таркибӣ ҷиноят мебошад;

б) аломатҳои тарафи объективӣ хавфи ҷамъиятии ҷиноятро бештар муайян месозанд, зеро, ин аломатҳо ҳангоми криминализатсияи баъзе кирдорҳо ба назар гирифта мешаванд, яъне онҳо аз ҷониби қонунгузор ҷиноят эътироф гардида, ҷазо дода мешавад;

в) тарафи объективии ҷиноят барои бандубасти дурусти ҷиноят аҳаммияти калон дорад;

г) ба назар гирифтани аломатҳои тарафи объективӣ ба суд имкон медиҳад, ки дар ҳар як ҳолат вазнинии ҷинояти содиршударо дуруст муайян намуда, мувофиқи он ҷазои ба ҷинояти мувофиқ таъин намояд;

д) тарафи объективии ҷиноят имкон медиҳад, ки як ҷиноят аз ҷинояти дигар, инчунин, кирдори ҷиноятӣ аз ҷиноятҳои ташаккулнаёбанда тафовут карда шавад;

---

[181] Кудрявцев, В. Н. Объективная сторона преступления [Текст] / [Владимир Николаевич] Кудрявцев. – М. : Госюриздат, 1960. – 244 С.

е) тарафи объективии ҷиноят муайян менамояд, ки ҷиноят чи тавр, дар кадом шароит, макон, замон, вазъият содир шудааст, бо кадом восита ва усулҳо содир гардидааast;

ж) ошкор намудани тамоми аломатҳои тарафи объективии таркиби ҷиноят ба муқаррар намудани гуноҳ мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, аломатҳои асосии тарафи объективӣ инҳоянд: ҳаракат ё беҳаракатӣ, оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, робитаи сабабӣ байни кирдори аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарнок ва оқибати барои ҷамъият хавфнок, ҷой, вақт, шароит, вазъ, воситаҳо ва усулҳои содир кардани ҷиноят.

Аломати ҳатмии тарафи объективии таркиби ҳама гуна ҷиноят кирдори барои ҷамъият хавфнок мебошад, ки дар ду намуди рафтори ҷиноятӣ: ҳаракат ё беҳаракатӣ ифода меёбад. Тавассути амал содир намудани ҷиноят ин рафтори фаъоли ихтиёрии шахс мебошад, ки бо шуури шахси ҷинояткор идора карда мешавад. Мафҳуми кирдор дар қонуни ҷиноятӣ ҳаракатҳои бадани инсон, ифодаи мимики, имову ишора ва ғайраро дар бар мегирад.

Тафовутҳои сохторӣ дар диспозитсияҳои моддаҳои қисми махсуси КҶ ҶТ, ки бо мавҷудияти оқибатҳо ҳамчун аломати асосии тарафи объективии таркиби ҷиноят алоқаманданд, барои тафовут намудани ин ҷиноятҳо бо таркибҳои моддию расмие, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ қабул шудааст.

Қонун ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил бо фарорасии ҳама гуна окибатҳои барои ҷамъият хавфнок алоқаманд намекунад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки м. 147 КҶ ҶТ аз рӯи таркиб расмӣ мебошад. Ҳамин тавр, ҷиноят аз лаҳза ғайриқонунӣ даромадан ба манзил бар хилофи хоҳиши шахси дар он истиқоматкунанда ё касеро аз манзилаш маҳрум кардан, новобаста аз фарорасии оқибатҳои зараровар, ки масалан метавонад дар ифшои маълумоти шахсӣ ё расонидани зиррар ба саломатӣ зоҳир мегардад хотимаёфта эътироф мегардад. Ҳамзамон ин маънои онро надорад, ки фарорасии окибатҳои барои ҷамъият хавфнок аз ҷониби мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда ва ё суд бе баҳогузории ҳуқуқӣ

мемонанд. Чунин ҳолатҳо аксар вақт, дар бандубаст ва таъини ҷазо таъсир мерасонанд. Аз ҷумла, ҷинояти дорои аломатҳои бандубастшаваанда (масалан, содир намудани ҷиноят дар ҳолати мастии майзадагӣ, мадҳушӣ аз маводи нашъаовар ё таҳти таъсири моддаҳои психотропӣ ва дигар моддаҳои мадҳушкунанда) ҳолати вазнинкунанда мебошад (банди «н») м. 62 КҶ ҶТ).

Дар вақти омӯзиши маводҳои таҳлилӣ оид ба содиршавии ҷнояти дар м. 147 КҶ ҶТ пешбинӣ шуда, як зуҳуроти дигар, ки дар қ. 2 моддаи мазкур ишора нашудааст, лекин ҳамчун ҳолати вазнинкунанда дар м. 62 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, муайян карда шуд, ки аксариати ҷиноятҳои бо вайронкунии дахлнопазирии манзил дар ҳолати мадҳушии (спирти, маводи нашъадор ва психотропӣ) содир шудаанд. Мисол: рузи 24.10.2016 сол О.К. дар ҳолати масти ғайриқонунӣ ба манзили шаҳрванд С.К. ворид шуд. Дар натиҷа ҳаракати О.К. бо қ. 1 моддаи 147 КҶ ҶТ банду баст карда шуд. Ин ҳолатҳо хеле зиёданд, ки тахминан 50% тамоми ҷиноятҳоро ташкил мекунад (Нақшаи №3). Ҳолати мадҳуши (спиртӣ, нашъадор ва психотропи) боиси содир намудани ҷиноятҳои вазнин бо вайрон кардани дахлнопазирии мешаванд. *Мисол:* Ҷ.У. рузи 23.08.2013 сол дар ҳолати масти, ки дар асоси ташхиси судди тибби дараҷаи вазнинииаш миёна муқаррар карда шуд, ба манзили истиқомматии Н.З. даромад. Дар натиҷа нисбати Ҷ.У. парвандаи ҷинояти бо қ.1 м.147 КҶ ҶТ аз тарафи прокуратураи ноҳияи Б. Ғафурови вилояти Суғд, оғоз карда шуд[182].

Инчунин рузи 19.03.2016 сол М.А. пас аз хурдани машшруботи спирти, тахминан соатҳои 00-01, дар ҳолати масти, ки дараҷааш миёна, аз тарафи ташхиси суди тиббӣ муқаррас карда шуд, ба ҳуҷраи хоби С.Д. ғайриқонунӣ ворид шуда охиринро безобита кардааст. Дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии мазкур нисбати М.А. парвандаи ҷиноят бо қ.1 м.147 КҶ ҶТ оғоз карда шуд[183].

[182] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ // Парвандаи ҷиноятии № 45662.
[183] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ // Парвандаи ҷиноятии № 18579.




Таҳлили диспозитсияи қ. 1 м. 147 -и КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки ҷинояти мазкур дорои аломатҳои факултативӣ низ мебошад, аммо ин аломатҳо ба бандубасти ҷиноят таъсир намерасонад.

Оид ба кирдор ҳамчун аломати хатмии тарафи объективи ҷиноят бояд қайд намуд, ки ҳодисаҳои бо беҳаракатӣ вайрон карда шудани дахлнопазирии манзил дар таҷриба ба амал наомадаанд. Ҳамин тавр, кирдори барои ҷамъият хавфноки таҳлилшаванда танҳо бо амали фаъоли субъект тавсиф мешавад.

Ҳамин тавр, м. 147 КҶ ҶТ пешгирии амалҳоеро пешбинӣ мекунад, ки метавонанд ҳуқуқи конститутсионии шахсро ба дахлнопазирии манзил поймол кунанд. Мазмуни рафтори ҷиноятии шахсро се шакли алтернативии амал ташкил медиҳад:

1) ғайрионунӣ даромадан ба манзил;

2) ғайриқонунӣ аз манзил маҳрум кардан;

3) васл намудани воситаҳои гӯшандозӣ ё дигар воситаҳои махсус.

Тарафи объективии ҷинояти м.147 КҶ ҶТ, воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил ҳамчун бар хилофи иродаи шахсе, ки дар он истиқоматкунанда тавсиф карда мешавад.

Ба маънои умумӣ, «ворид шудан ба манзил» маънои дохил шудан ба онро дорад. Тавре И.В. Дал менависад «ворид шудан» маънои ба дохил ё ҷое даромадан, ҷори шудан ба дарунро дорад[184].

Ҳангоми тавсифи амали ҷиноятӣ қонунгузор мафҳумҳое ба мисли «ғайриқонунӣ даромадан», «манзил», «бар хилофи хоҳиши шахс»-ро истифода мебарад, ки барои татбиқи меъёри пешбинӣнамудаи м. 147 КҶ ҶТ аҳаммиятнок мебошад.

Мазмуни мафҳуми «ғайриқонунӣ даромадан», ки бевосита дар диспозитсия истифода мешавад, аз мазмуни м. 32 Конститутсияи ҶТ бармеояд, ки имкони воридшавии қонуниро бар хилофи иродаи шахс пешбинӣ мекунад, ки бо меъёрҳои қонунҳо, ки заминаҳои ҳуқуқии воридшавиро муқаррар мекунанд, танзим карда мешавад. Ба маънои луғавӣ, «дохилшавӣ» амалро аз руи маънои феълӣ, даромаданро ифода мекунад, яъне: ҳар гуна монеаҳоро бо роҳи фиреб ва амсоли инҳо паси сар намуда, ворид гаштан ба манзил, дар дохили манзил қарор гирифтан, ки дастрасӣ ба он озод ва осон нест.

Таҳқиқот нишон дод, ки содиршавии ҷиноят чун қоида, бо шикастани қулфҳо, дарҳо, тиреза, шикастани шишаи тиреза, паридан аз болои девол ё шикастани он ру, медиҳад. *Масалан* санаи 28.10.2013 сол парвандаи ҷинояти таҳти аз тарафи ШВКД-и шаҳри Истаравшан, нисбати Р. Р. бо аломатҳои дар қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ оғоз гардид, чунки охирин бо воситаи шикастани дари даромади манзили зисти Х. Е. ғайри қонуни дохили хона шуд[185]. *Инчунин* Ғ. Т. бо машукааш И. Г. ҷанҷол карда, ба ғазаб омада терезаи хонаи истиқоматии охиринро шикаста, ғайриқонунӣ дохили он шудааст. Дар асоси

[184]Даль И.В. Толковый словарь живого великорусского языка http://slovardalij.net
[185] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ // Парвандаи ҷиноятии № 31305

ин амал аз тарфи прокуратураи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, парвандаи ҷиноятии санаи 15.04.2016 сол оғоз карда шуд[186].

Дар ҳолати шикастани дар, тереза ё девол истифодаи табар, болға, лом ва дигар асбобҳо ва ашёҳо мушоҳида мешаванд. Ҳамин тавр Ш. К. бо Г. Т. ҷанҷол намуда бо истифодаи табари дар даст доштаи терезаи манзили охиринро шикаста ғайриқонунӣ дохили манзили худи Г. Т. даромада, онро лату куб кард. Дар натиҷа нисбати Ш.К. аз тарфи прокуратураи ноҳияи М.С.А. Ҳамадони, санаи 24.02.2017 сол парвандаи ҷиноятӣ бо аломати моддаи 147 КҶ ҶТ оғоз карда шуд[187].

Ҳамзамон дар ҳолатҳои таъхирнопазире, ки бо наҷоти ҳаёт ва молу мулки одамон ё бо таъқиби бевоситаи шахсоне, ки дар содир намудани ҷиноят гумонбар мешаванд, тартиби дигари муқаррарнамудаи қонун барои ворид шудан ба манзил ё моликияти дигари шахс, гузаронидани муоина ё кофтуков дар онҳо имконпазир аст.

Бо дарназардошти он, ки чунин амалҳо ҳуқуқи конститутсионии шахсро ба дахлнопазирии манзил ба таври назаррас маҳдуд мекунанд, шарҳи муҳаққиқони ин масъала дар бораи зарурати муайян кардани асосҳои дахлдори ворид шудан ба манзил ё моликияти дигар тибқи қонунҳои комилан одилона аст.

Ин асосҳоро аз рӯи табиаташон ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1. Вобаста ба ҳолатҳои фавқулодда;

2. Вобаста ба иҷрои қонун.

Баъзан муҳаққиқон вобаста ба мушкилоти вайрон кардани дахлнопазирии манзил дигар асосҳои ҳуқуқии ворид шудан ба манзилро муайян мекунанд, ки ба ҳифзи ҳуқуқ ва бо рафъи ҳолатҳои фавқулодда алоқаманд нестанд. Ба чунин ҳолатҳо, аз ҷумла, ба ходисаҳои даромадани хизматгорон дар меҳмонҳо, санаторияҳо ва манзилҳои истироҳат ва ғайра

[186] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ // Парвандаи ҷиноятии № 12401
[187] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ // Парвандаи ҷиноятии №14162

ворид менамояд, ки тартиби иҷрои чунин амалҳо бо дастурҳои идоравӣ танзим карда мешавад.

Инчунин, азнавсозии ғайриқонунӣ ё аз нав таҷҳизонидани биноҳои истиқоматӣ дар ҳолати фавқулодда ҳисобида мешавад, агар, масалан, иншооти борбардори бино вайрон карда шаванд. Аз ин рӯ, амалҳои муассисаҳои коммуналӣ оид ба рафъи оқибатҳои бозсозии ғайриқонунӣ, бидуни розигии шахсоне, ки онро анҷом додаанд, бояд қонунӣ эътироф карда шаванд. Ҳар гуна воридшавии дигар ғайриқонунӣ эътироф шуда, боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад.

Мо чунин мешуморем, ки ин гуна ходисаҳоро бояд ҳамчун ба манзил даромадани коркунони техник, ки бо ризоияти сохибманзил сурат мегирад, хисоб кард, зеро хар як шахс ҳангоми ба мехмонхона, санатория ё манзили истироҳат дохил шудан вазифадор аст, ки бо холати дохилии онҳо шинос шавад, қоидаҳоро катъиян риоя кунанд. Бинобар ин, ҳолатҳои баррасишавандаи ворид шудан ба манзил бояд бо ризоияти шахс ва шахси дар он истиқоматкунанда содиршуда дониста шаванд.

Гурӯҳи якуми асосҳо бинобар сар задани сӯхтор, таркиш, харобшавӣ, зилзила, обхезӣ, ходисаҳои нохуш дар шабакаҳои коммуналӣ (об, газ, гармӣ, қувваи барк) бар хилофи иродаи соҳибаш фавран ворид шудан ба манзили шахсии дигарро талаб мекунад ё агар дар ин ҳуҷра шахсе мавҷуд бошад, ки ба ёрии таъҷилии тиббӣ ниёз дорад ё фавтидааст.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки шахс набояд барои ворид шудан ба мазил дудила шавад, вакте ки аз ин манзил газ баромада истодааст ва истиқоматкунандагон дар манзил ҳузур надоранд, инчунин, агар аз ҳуҷраи овоз барои наҷот додан садо диҳад.

Қонунӣ будани ворид шудан ба манзил бо маҳдудкунии маҷбурии муваққатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон муайян карда мешавад, ки танҳо ба ҳаҷме иҷозат дода мешавад, ки барои ҳимояи сохти конститутсионӣ, ахлоқ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигарон, таъмини мудофиаиаи кишвар ва амнияти он зарур аст. Мо чунин мешуморем, ки ҳолатҳои бе розигии шахс ба

манзили истиқоматии ӯ ворид шудан, маҳдудияти қонунии ҳуқуқи шахс ба дахлнопазирии манзил буда, онро ҳамчун вайрон кардани манзил ҳисоб кардан мумкин нест. Дар ин маврид, мо бо мавқеи олимоне, ки дар чунин ҳолатҳо поймол шудани ҳуқуқи инсон ба дахлнопазирии манзилро мебинанд, розӣ шуда наметавонем.

Бояд қайд намуд, ки ҳолатҳои воридшавӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро истисно менамояд метавонад ошкоро, ошкоро-маҷбурӣ ва пинҳонӣ анҷом дода шавад. Воридшавии ошкоро бе розигии истиқоматкунандагони он бо ҳолатҳои фавқулодда алоқаманд аст (наҷот додани одамон дар ҳолати сӯхтор, обхезӣ ё бо мақсади боздошти шахси таъқибшуда, гумонбар дар содир кардани ҷиноят ва ғайра).

Даромадани маҷбурӣ ба манзил бо КМҶ ҶТ бо мақсади анҷом додани як қатор амалҳои тафтишотӣ, дахолати махфӣ бо Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷӯстуҷӯӣ» барои ҷамъоварии маълумот тафтишоти оид ба ҳаёти шахсӣ, сирри оилавӣ, ошкор кардани нишонаҳои омодагӣ ва (ё) ҷинояти содиршуда ва ғайра амалӣ мегардад[188]. Инчунин, ба манзили шахс дар ҳолатҳои гузаронидани амалҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тафтишотӣ; иҷрои қарорҳои суд; таъқиби шахсони гумонбар дар содир кардани ҷиноят; шароити низоми ҳуқуқии ҳолати фавқулодда; офатҳои табиӣ, офатҳои табиӣ, сӯхтор, садамаҳо, эпидемия, эпизоотия ворид гаштан мумкин аст[189].

Воридшавии маҷбурӣ ба манзил бо маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон алоқаманд аст, ки танҳо ба андозае, ки барои ҳифзи сохти конститутсионӣ, ҷамъият, саломатии инсон, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигарон, таъмини мудофиаиаи кишвар ва амнияти давлат иҷозат дода мешавад. Маҳдудияти ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил ва тартиби ворид гаштани масъулони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба манзил бо қонунгузорӣ амалкунандаи ҶТ муайян карда шудааст.

---

[188]Белоусов В. Осмотр места происшествия в жилище и осмотр жилища / В. Белоусов // Уголов. право. 2005. №3. – С. 71.
[189]Маяковский Л. Уголовная ответственность за незаконное проникновение в жилище / Л. Мачковский // Рос. юстиция. 2003. № 7. – С. 58.

Ҳифзи дахлнопазирии манзил ҳангоми таҳқиқ ва пешбурди тафтишот дар м. 13 КМҶ ҶТ мешбинӣ гардидааст. Дар моддаи мазкур омадааст:

1. Манзили шахс дахлнопазир аст.

2. Ворид шудан ба манзил бе ризои шахсони маскуни он манъ аст.

3. Азназаргузарони ва кофтукови манзил бо тартибе, ки Кодекси мазкур муқарар кардааст, амали карда мешавад.

Мувофиқи КМҶ ҶТ, ворид шудан ба манзил барои анҷом додани амалҳои тафтишотӣ зарур: кофтуков, мусодираи ашё ва ҳуҷҷатҳо, мусодираи молу мулк дар асосҳои пешбинӣшуда иҷозат дода шудааст. Моддаи 35 Кодекси мурофиавии ҷиноятии пешбинӣ мекунад, ки ҳама амалҳои тафтишотӣ: кофтуков, мусодира дар манзил метавонанд дар асоси қарори суд сурат гиранд. Дар ҳолатҳои истисноӣ, вақте ки амалҳои тафтишотӣ таъхирнопазиранд, онҳо метавонанд дар асоси қарори муфаттиш бидуни гирифтани қарори суд анҷом дода шаванд. Дар ин ҳолат муфаттиш дар давоми 24 соат аз лаҳзаи оғоз намудани амалҳои тафтишотӣ ба судя дар бораи иҷрои амалҳои тафтишотӣ хабар медиҳад (қ. 3 м. 192 КМҶ ҶТ)[190].

Дар м.182 КМҶ ҶТ асосҳои амали тафтишотӣ – азназаргузаронии ҷои ҳодисаро пешбинӣ шудаанд. Маҳалли азназаргузарони, инчунин метавонад манзил бошад. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар манзил ба зарурати мурофиавӣ ва ислоҳи нишонаҳои ҷиноят вобаста аст. Азназаргузаронии манзил танҳо бо розигии шахсони дар он истиқоматкунанда гузаронида мешавад, ки ин принсипи риояи дахлнопазирии манзил мебошад. Ҳангоми азназаргузаронии манзили истиқоматӣ бояд ҳозир будани шахси болиғи маскуни он таъмин карда шавад. Дар сурати имконнопазирии ҳозир шудани ӯ намояндагони ташкилоти манзилию коммуналӣ ё маъмурияти маҳаллӣ даъват карда мешаванд.

[190] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009 №564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – № 12. – Мод. 815, 816.

Агар шахсоне, ки дар манзил истиқоматкунанда, барои гузаронидани азназаргузаронӣ розигии худро надода бошанд, муфаттиш ба суд дар бораи гузаронидани азназаргузаронии манзил дархост пешниҳод мекунад.

Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия», кормандони мақомоти милитсия ҳуқуқ доранд ҳангоми пешгирии бевоситаи ҷиноят, таъқиби шахси дар содир намудани ҷиноят гумонбар ва вазъиятҳои фавқулоддаи ба бехатарии ҷамъиятӣ таҳдидкунанда ба манзилҳои истиқоматӣ, ҳудуд ва бинои корманзил, муассиса, ташкилот, қитъаҳои замини шахсони алоҳида (ба истиснои намояндагии дипломатӣ, муассисаи консулгарӣ ва намояндагии ташкилотҳои байналмилалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсияшуда) дохил шавад ва чорабиниҳои оперативӣ – тафтишотӣ гузаронад. Бо тартиби муқарраргардидаи қонун дар муддати 24 соат дар бораи ворид шудан ба манзил, биноҳои корманзил, муассиса, ташкилот, қитъаи замини шахсони алоҳида бидуни иҷозати соҳибони онҳо ба прокурор хабар диҳад (б. 18 м. 11 Қонун)[191].

Инчунин, қӯшунҳои сарҳадӣ бо мақсади татбиқи ваколатҳо дар соҳаи фаъолияти муқарраргардида, ҳуқуқ доранд дар ҳар вақти шабонарӯз ба манзили истиқоматӣ ва дигар биноҳои шаҳрвандон, ба ҳудуд ва биноҳои корманзилҳо, ташкилоту муассисаҳо, ба ғайр аз онҳое, ки масунияти дипломатӣ доранд, дароянд ва онҳоро ҳангоми таъқиби ашхосе, ки нисбати онҳо асоси кофӣ барои гумони вайронкунии низоми сарҳади давлатӣ мавҷуд аст, муоина намоянд. Агар дохил шудан ба манзили истиқоматӣ бе ризоияти ашхоси дар онҳо муким сурат гирифта бошад, дар ин хусус дар давоми 24 соат ба прокурор хабар дода мешавад.

Мутобиқи қонуни дар истеҳсолоти иҷро, иҷрочии суд ҳуқуқ дорад бо нишон додани шаҳодатномаи хизматӣ ба бинои мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, новобаста ба шакли моликият ва дигар маҳалли ҷойгиршавӣ ё маҳалли истиқоматии қарздор ворид гардад, инчунин, молу мулки ӯро аз

[191] Дар бораи милитсия: қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 05, 2004 с. № 41 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 17.12.2020 с., №1736.

назар гузаронад (м. 98[1] Қонун)[192]. Ҳамин тавр бо таъиноти суд аз 14 октябри соли 2020 «Дар бораи рад кардани қабули шикоятҳои шаҳрвандон А ва Г оид ба вайрон кардани ҳуқуқҳои конститутсионии онҳо мебошад. Дар қисми далелии аз ҷониби суд қайд гардидааст, ки м. 32 Конститутсияи ҶТ дахлнопазирии манзилро эълон карда, ҳамзамон, маҳдуд кардани ин ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунҳои ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунад[193]. Меъёре, ки шикояткунандагон оид ба он баҳс мекунанд, ба ҳифзи судии ҳуқуқҳои даъвогарон дар марҳилаи иҷрои қарори суд нигаронида шудааст, дар қонуни мавҷуд аст».

Ҳамин тавр, бо мақсади ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, қонунгузории амалкунандаи ҶТ як қатор ҳолатҳоеро пешбинӣ мекунад, ки ҳуқуқи шахс ба дахлнопазирии манзил ё моликияти дигар метавонад муваққатан маҳдуд карда шавад. Шахсони мансабдори давлатӣ ҳуқуқ доранд, ки бо шартҳои зерин ба манзил озодона ворид шаванд:

1. Муфаттиш ё мақоми таҳқиқ бо мувофиқаи прокурор ҳангоми зарурати гузаронидани санҷиш, кофтукови манзил, инчунин, маҷбуран аз онҳо гирифтани амво дар асоси қарор;

2. Муфаттиш ё мақомоти тафтишот дар ҳолатҳои таъхирнопазири вобаста ба наҷот додани ҳаёт ва молу мулк ё бевосита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсоне, ки дар содир намудани ҷиноят гумонбар мешаванд, манзил ё дигар молу мулкро бе фармони судя кофтуков кардан мумкин аст;

3. Кормандони Кумитаи амнияти ҶТ, танҳо дар сурати қатъи бевоситаи ҷиноятҳое, ки тафтиши онҳо тибқи қонун ба салоҳияти кумитаи амнияти гузошта шудааст, таъқиби шахсони дар содир намудани онҳо гумонбаршуда ба манзил, идораи истеҳсолӣ ва дигар биноҳо, ҳудудҳо ва қитъаҳои замин бо огоҳии минбаъдаи прокурор дар давоми 24 соат аз назар гузаронанд;

4. Мақомотҳои таҳқиқ аз ҷумла Вазорати корҳои дохилии, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати мудофиаиа, Агентии назорати моводи

[192] Дар бораи истеҳсолоти иҷро: қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти 2008с. № 373 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – с.2012, №7, м.717
[193] Бойгонии суди ш. Душанбе // Парвандаҳои ҷиноятии №1-321/16.

нашъовари назди Президенти ҶТ, Агентии назорати давлатии молия ва мубориза бо коррупсия назди Президенти ҶТ, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ, Гвардияи миллии ҶТ, Кумитаи ҳолатҳои фалқулодаи назди Ҳукумати ҶТ, Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи ҶТ, мувофиқи ваколатҳои худ метавонад дар ҳолати ҷорӣ намудани ҳолати фавқулодда ашё, воситаҳои нақлиёт, бағоҷ ва бор, утоқи корӣ ва манзили шаҳрвандонро кофтукови шахсӣ, азназаргузаронӣ дар чунин ҳолат анҷом диҳад:

- содир намудани амалҳои террористии оммавӣ, ки бо марги одамон ё хароб кардани иншооти махсусан муҳимтарини таъмини ҳаёт алоқаманд аст;

- ба миён омадани низоъҳои, пешгирии тасарруфи баъзе объектҳо ё маҳалҳои махсусан муҳим, ки ба амнияти шаҳрвандон таҳдид намуда, фаъолияти муътадили мақомоти давлати ва мақомоти маҳаллиро халалдор месозад;

- зарурати барқарор намудани қонуни конститутсионӣ ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ғ.

5. Шахсони мансабдоре, ки дар гузаронидани амалиёти зиддитеррористӣ дар минтақаи гузаронидани амалиёт иштирок доранд, ҳуқуқ доранд ҳангоми қатъ намудани амали террористӣ ва ҳангоми таъқиби шахсони гумонбаршуда ба биноҳои истиқоматӣ ва дигар биноҳо, заминҳои моликияти шаҳрвандон ворид шаванд (дароянд) содир намудани чунин кирдор дар худуди корманзил, муассиса ва ташкилот, барои азназаргузаронии воситаҳои нақлиёт, агар таъхир ба ҳаёт ё саломатии одамон хатари воқеӣ ба вуҷуд оварад.

6.Кормандони милитсия ҳуқуқ доранд дар ҳар вақти рӯз озодона ворид шаванд

- ба манзил ва дигар биноҳои шаҳрвандон хангоми ба ҷавобгарии ҷинояти кашидан ё пешгирӣ намудани ҷинояте, ки ба ҳаёти истиқоматкунандагони он таҳдид мекунад, инчунин дар холатҳои офати табиӣ ва дигар холатҳои фавқулодда;

- ба манзил таҳти назорати маъмурӣ бо мақсади тафтиши иҷрои маҳдудиятҳои муқаррар намудаи суд.

7. Иҷрочии давлатӣ ҳангоми пешбурди истеҳсолоти иҷро ҳуқуқ дорад:

- ба биноҳое, ки ба қарздор тааллуқ доранд ё ишғол кардаанд, озодона ворид шаванд, ин манзилро аз назар гузаронанд, дар мавридҳои зарурӣ онҳоро бо тартиби муқаррар гардида маҷбуран кушоянд, ба ин манзилҳо ва анборҳо муҳр гузоранд;

- ҳангоми иҷрои қарорҳои суд ба манзил шахсони воқеии қарздор озодона ворид шаванд, дар ин биноҳо азназаргузарони гузаронанд, дар ҳолатҳои зарурӣ бо ҷалби кормандони мақомоти корҳои дохили онҳо ро бо тартиби муқаррар гардида маҷбуран кушоянд, ба онҳо мӯҳр гузоранд.

8. Кормандони оперативии воҳидҳое, ки чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро барои махфӣ муайян кардан ва ба қайд гирифтани осори ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин, ҳуҷҷатҳо ва дигар ашёе, ки метавонанд далели тайёрӣ ё содир намудани чунин ҷиноят бошанд, ё бо мақсади содир намудани ҷиноят маълумоти разведкавиро ба даст оваранд, ҳуқуқ доранд ба мазил пинҳонӣ ворид шаванд. Дар ин маврид пинҳонӣ ворид шудан ба манзил ё моликияти дигари шахс бо қарори суд, ки бо пешниходи сардори вохиди оперативии дахлдор ё муовини у қабул шудааст, сурат мегирад.

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми баррасии қонунӣ ё ғайриқонунӣ будани ворид шудан ба манзил, мушкилотҳо оид ба масъалаи танзимнамоии нокифояи принсипи дахлнопазирии манзил дар қонунгузории амалкунанда ошкор карда мешаванд.

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҷавобгариро барои вайрон кардани қоидаҳои истифодаи бинои истиқоматӣ, қоидаҳо ва меъёрҳои истифодаи фонди манзил, қоидаҳои таъминоти коммуналӣ пешбинӣ мекунад. Таркиби ҷиноятро ҳангоми ташхиси бевоситаи биноҳои истиқоматӣ бо протокол сабт кардан мумкин аст. Дар айни замон, кодекс барои маҳдуд кардани ҳуқуқи дахлнопазирии манзил асос ва маҳдудият надорад, яъне

ҳангоми баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба бинои истиқоматӣ танҳо бо розигии шахсе, ки дар он истиқомат мекунад, ворид шудан мумкин аст. Аммо, шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии маъмуриро содир кардааст (масалан, харобшавӣ, азнавсозӣ, аз нав таҷҳизонидани манзил) метавонад бо қабули намояндаи мақомоти назоратӣ ба манзил розӣ набошад. Танзими возеҳи ин асос барои маҳдуд кардани ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил зарур аст.

Бояд қайд намуд, ки истифодаи истилоҳи «даромадан» дар дигар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ (1998) асосан бо муқаррар кардани ҷазои вазнин (ҷиноятҳои бандубастшванда ва махсусан бандубастшаванда) барои кирдорҳои марбут ба ворид шудани шахс ба манзил, бино ё анбор моликияти дигар алоқаманд аст. Аз ҷумла, истилоҳи «даромадан» дар Қисми махсуси КҶ ҶТ, дар диспозитсияи қ.1 м. 147 (Вайрон намудани дахлнопазрии манзил) ҳангоми ифодаи дуздии бо ҳолатҳои бандубастшаванда қ.2 м. 244 (Дуздӣ), қ. 2 м. 248 (Ғоратгарӣ), қ. 2 м. (Роҳзани) истифода мегардад.

Ба андешаи мо, қонунгузор баҳри мураттабсозии шакли тарафи объективии таркиби ҷиноят мафҳуми «даромадан»-ро бомуваффақият интихоб намудааст, зеро, аз маънои семантикии худ, он аллакай як «маънои манфӣ»-ро дар бар мегирад, ки дар якҷоягӣ бо истилоҳи «манзил» аз аввал ба он тобиши ҷиноӣ медиҳад.

Шаклҳои амали ҷиноятӣ ин таъсири ҷисмонӣ, калима, имову ишора мебошанд[194]. Вайрон кардани дахлнопазирии манзил метавонад, чун қоида, бо таъсири ҷисмонӣ, масалан, ворид шудан ба манзил сурат гирад. Ҳамчунин, баъзе муҳаққиқон воридшавии як қисми баданро, масалан, дастҳоро аз тиреза, вайрон кардани дахлнопазирии манзил мешуморанд.[195] А.Серебренников чунин мешуморад, ки сӯиқасд ба дахлнопазирии манзил ҳатто дасти дар дохили манзили каси дигар дарозшударо ташкил медихад[196].

---

[194] Тимейко Г. В. Общее учение об объективной стороне преступления / Г. В. Тимейко; Рост. ун-т. – Ростов н/Д, 1977. – С. 48.
[195] Малахова В. Ю. Указ. соч. – С. 86.
[196] Серебренникова, А. В. Уголовно-правовая охрана человека и гражданина на неприкосновенность

Ба андешаи мо мазмуни ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил дараҷаи озодии шахсро барои рафтор кардан дар манзили худ, муайян мекунад. Худи шахс реҷаи ҳаррӯза, вақти қабули меҳмонон, кушодан ё накушодани дарро муайян мекунад. Қонун номгӯи амалҳоеро, ки шахс дар манзили худ анҷом медиҳад, муқаррар накардааст, балки танҳо озодии иҷрои ин амалҳоро аз ҷониби шахс ё ба дигарон иҷозат доданро таъмин мекунад. Ҳамин тариқ, ворид шудани шахсони беиҷозат ба манзил танҳо дар сурате имконпазир аст, ки ризоияти баръало намоёни соҳиби қобили амал будан мебошад. Аммо, насби воситаҳои техникӣ берун аз манзил барои назорат кардани он ба воридшавии ҷисмонӣ нисбат дода намешавад. Дар ин ҳолат, ягон таъсири физикӣ рух намедиҳад, яъне сухан дар бораи бавосита расонидани зарар тавассути таъсири воситаҳои техникӣ меравад. Ҳамин тариқ, метавон дар бораи воридшавии ғайриҷисмонӣ ба манзил ҳамчун як шакли нави ҷинояткорӣ сӯҳбат кунем.

В.Н. Шелестюков онро воридшавии визуалӣ меноманд[197], ки ин комилан дуруст нест, зеро, он инчунин гӯш намуданро дар назар дорад. Агар ҷинояткор бо мақсади ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил натавонист нақшаи ҷиноятии худро бинобар ҳолатҳои ба ӯ вобаста набошад амалӣ кунад, пас дар ин ҳолат суиқасти воридшавии ғайриқонунӣ ҷой дорад. Ҳамин тариқ, Е. хост ба манзили ҷабрдида Н. дарояд, аммо амали худро бар хилофи иродаи хеш анҷом дода натавонитст, зеро, ӯро ошкор намуданд ва маҷбур шуд пинҳон шавад. Амали ӯ дорои аломатҳои ҷинояти дар м. 32 ва қ.1 м. 147 КҶ ҶТ – суиқасди вайрон намудани дахлнопазирии манзил бандубаст карда шуд[198]. Аз рӯи тарзи амали ҷиноятӣ бо ворид шудан ба манзил пинҳонӣ ё ошкоро бо бартараф намудани монеаҳо ё бе ин тавсиф карда мешавад.[199]

жилища по УК Российской Федерации и УК Германии [Текст] / [Анна Валерьевна] Серебренникова // Вестник Московского университета. Сер. 11, Право. – 2003. – № 3. – С. 58

[197] Шелестюков В. Н. Указ. соч. – С. 77-78.

[198] Бойгонии суди шаҳри Душанбе, Парвандаи ҷиноятии № 1-221/18/ соли 2018.

[199] Курс уголовного права. Особенная часть: учеб. для вузов. Т. 3 / под ред. д-ра юрид. наук, проф. Г. Н. Борзенкова и канд. юрид. наук, проф. В. С. Комисарова. – М., 2002. – С. 345

Кирдори ҷиноятӣ бо ҳама гуна усулҳои имконпазир аст – бо маҷбуркуни ва амалҳои зӯроварӣ, таҳдид, маккорӣ, маҳорат, фиреб, истифодаи мақоми хизматӣ ё асбобҳои махсус.[200] Ҳамин тавр, санаи 20 январи соли 2015 бо мақсади иҷроиши нақшаи ҷалбнамоии ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ, муовини комисариати ҳарбии ноҳияи Ҳисор – Х. А. бо ҳамроҳи кормандони комисариати ҳарбии мазкур Ф. Ф. ва М. Ф. ба хонаи Г. С. бе иҷозат ворид шуда, аз дохили манзили охирин писари холаашро гирифта ба хизмат бурдаанд. Нисбати шахсони мазкур аз тарафи прокуратруаи ноҳия парвандаи ҷинояти бо аломати банди «б» қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ оғоз карда шуд[201].

Ҳамин тариқ, воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил, дар ин ҳолатҳо, ҳамчун тарзи содир кардани ин ҷиноятҳо тавсиф мегардад. Барои содир кардани ҷиноятҳои дар боло зикршуда, ҷинояткорон бо роҳи фиреб, зӯроварӣ ва истифодаи лаҳзаи ногаҳонӣ ба манзил даромаданд.

Дар робита ба ин, дар адабиёти илмӣ ақидае ҷой дорад, ки истифодаи фиреб ё сӯиистифода аз бовари ҳангоми ворид гаштан ба манзил таркиби ҷиноят баррасишвандаро ташкил намедиҳад, зеро, дар ин ҳолатҳо шахс на ба хилофи иродаи дар он истиқоматкунанда ба манзил ворид мегардад, гарчанде ки ӯ оид ба баъзе ҳолатҳоро дарк намекунад[202]. Аммо, дараҷаи хавфи ҷамъиятӣ, чун қоида, аз усули воридшавӣ вобаста нест: ошкоро ё махфӣ, бо ёрии фиреб ё бе он. Одам ҳам дар вақти ворид шудан ба манзил ва ҳам ҳангоми мушоҳида кардани изҳои меҳмони нохонда изтироби рӯҳӣ, эҳсоси тарсу озорро эҳсос мекунад.

Таҳлили муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки масъалаи таҳқиқшавандаро ба танзим медороранд, имкон медиҳад, ки даромадан ба манзил ё дигар моликияти шахс қонунӣ эътироф карда мешавад:

1) агар иҷозати соҳиби қонунӣ мавҷуд бошад;

2) дар ҳолатҳои пешбинӣнамудаи қонунгузории ҷой дошта бошанд.

---

[200] Мачковский Л. // Рос. юстиция. 2003. № 7. – С. 58.

[201] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ // Парвандаи ҷиноятии №85027.

[202] Туманов А.А. Уголовно-правовые аспекты нарушения неприкосновенности жилища // Актуальные проблемы юриспруденции в современной России: сборник статей по материалам V Всероссийской научно-практ. конф-ции / под ред. Н.В. Иванцовой, Н.М. Швецова, 2015. – С. 569-572.

Иҷозати соҳиби қонунӣ ҳамчун асос барои ворид шудан ба манзил ё моликияти дигари шахси воқеӣ мавзуи баҳси илмӣ мебошад. Ин ба он далел аст, ки баъзе аз донишмандон бар он ақиданд, ки чунин ҳуқуқ на ба ҳуқуқи моликияти шахси воқеӣ, балки ба ҳуқуқи шахси дар манзил истиқоматкунанда рабт дорад. Дар воқеъ, сухан дар бораи ҷабрдидаи ин ҷиноят меравад.

Ин мавқеъро бо назардошти матни қонунгузории қ. 1 м. 147 КҶ ҶТ асоснок мекунанд, ки «ҷавобгарии ҷиноятиро барои ғайриқонунӣ даромадан ба манзил бар хилофи хоҳиши шахси дар он истиқоматкунанда, муқаррар мекунад»[203]. Ҳамчунин, В.Ю.Малахов. ва В.А.Новиков таъкид мекунанд, ки чунин иҷозат бояд аз ҷониби шахсоне дода шавад, ки ба таври қонунӣ дар манзил истиқомат мекунанд[204].

Ҳамзамон, тибқи мавқеи баъзе муҳаққиқон иҷозатномаро бояд шахсе пешниҳод намояд, ки соҳиби қонунӣ аст. Ҳангоми баҳодиҳии қонунӣ будани воридшавӣ ба манзил, саволе ба миён меояд, ки кадоме аз соҳибон бояд иродаи худро баён кунад. Ба андешаи мо, танҳо шахсе иҷозат дода метавонад, ки дар асоси соҳиби қонунии манзил аст.

Мафҳуми «ғайриқонунӣ» ҳамчун мамнӯъ, бо усулҳои мамнӯъ, бо тарзҳои хилофи он чи ки қонун иҷозат дода шудааст, маънидод карда мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мавқеи бартаридошта аз он иборат аст, ки ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил ё дигар моликияти шахс ҳар гуна дахолат ба онҳо, ки сарфи назар аз иродаи шахс ё беэътиноӣ кардан ба он (пинҳонӣ, ошкоро, бо роҳи фиреб ва ғайра) содир шудааст, аз ҷумла дар сурати мавҷуд набудани асос барои чунин дахолат ё вайрон кардани тартиби воридшавӣ, ки қонун муайян кардааст ё дар сурати мавҷуд набудани асосҳои воридшавӣ, ки моддаи мазкур муайян кардааст. Ғайриқонунӣ воридшави ба

[203] Акинина, Н. Ю. Уголовно-правовая характеристика нарушения неприкосновенности жилища: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Акинина Наталья Юрьевна; [Тюмен. юрид. ин-т] – Сургут, 2008. – 187 С. Малахова, В. Ю. Уголовно-правовая охрана неприкосновенности жилища в Российской Федерации [Текст] : дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Вероника Юрьевна Малахова; Науч. рук. С. И. Никулин; Моск. акад. МВД России – М., 2001. – С. 93

[204] Новиков, В. А. Уголовная ответственность за нарушение неприкосновенности жилища [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Валерий Анатольевич Новиков. – М., 2001. – С. 64.

манзил, дар ҳолати бар хилофи иродаи шахсе, ки дар он истиқомат мекунад этироф мешавад. Мафҳуми «хоҳиш», ки дар меъёри м. 147 КҶ ҶТ истифода мешавад, барои бандубасти ҷиноят аҳаммияти калон дорад.

Дар луғати калони тавзеҳии равоншиносӣ мафҳуми «хоҳиш» чунин шарҳ дода шудааст: «Хоҳиш - қобилияти дохилӣ ва шахсии шахс оид ба озодона интихоб ё амал кардан аст. Он одатан ҳамчун функсияи қарор фаҳмида мешавад, вақте ки шахс ба қароре меояд, ки амалҳои муайянро иҷро намояд ва ё аз дигар амалҳо худдорӣ кунад»[205].

Дар илми равоншиносии муосир ва дигар соҳаҳои илм ба ин категория бо роҳҳои гуногун муносибат мекунанд. Ҳамин тариқ, мафҳуми «хоҳиш» дар доираи илмҳои гуногун чунин баррасӣ карда мешавад: ҳамчун рафъи монеаҳо, ҳамчун талош; ҳамчун қобилият; ҳамчун сабаб, маҷмӯи ҳамаи сабабҳо; ҳамчун ирода, розигӣ; ҳамчун мақсад; ҳамчун як кӯшиши бошуурона[206]. Дар м. 147 КҶҶТ, мафҳуми «хоҳиш» ҳамчун розигӣ фаҳмида мешавад.

Бо вуҷуди ин, дар амал метавонад мушкилоти муайян ба миён ояд: вақте ки якчанд нафар дар як манзил қонунӣ истиқомат мекунанд, аз ин рӯ саволи хеле муҳим ба миён меояд: барои дохил шудан ба манзил аз кадом аъзои оила розигӣ гирифтан лозим аст, оё тамоми онҳо соҳиби қонунӣ буда метавонанд?

Тибқи мавқеи И.И.Присяжнюк «...даромад ҳам дар ҳолате ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад, ки тамоми соҳибон ба ворид шудан ба манзил ё моликияти дигари шахс эътироз мекунанд ва ҳам дар сурате, ки яке аз онҳо зид бошад, гарчанде ки соҳибони дигар ризоияти дахлдор медиҳанд. Инчунин, бояд қайд намуд, ки танҳо ба истилоҳ соҳибони болиғ бояд розигӣ диҳанд. Дар акси ҳол, чунин «ризоият» бояд беэътибор дониста шуда, амали

[205] Большой толковый психологический словарь. В 2 т. Т. 1.А-0 /сост. А. Ребер; пер. с англ. Е. Ю. Чеботарева. – М., 2000. – С. 148.
[206] Ойгензихт В. А. Воля и волеизъявление: (очерки теории, философии и психологии права) / В. А. Ойгензихт; отв. ред. С. А. Раджабов. – Душанбе, 1983. – С. 10-13.

гунаҳкорон тибқи моддаи мазкур баҳо дода шавад. Соҳибони қонунӣ онҳо мебошанд, ки дар манзил истиқомат мекунанд[207].

В.А.Новиков, бидуни таваҷҷуҳ ба он, ки дар манзили истиқоматӣ метавонанд якчанд нафар истиқомат кунанд, танҳо бо чунин хулоса маҳдуд мешаванд, ки ворид шудан ба манзил дар сурати мавҷуд будани иҷозати шахси дар он истиқоматкунанда қонунӣ хоҳад буд[208].

Ризоият ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ буда метавонад, инчунин, дар шакли амалҳои номуайян (ишораи сар, ҳаракати даст). Розигӣ метавонад ҳам пешакӣ ва ҳам ҳангоми ворид шудан ба манзил дода шавад. *Масалан:* Санаи 29.11.2013 сол Ф. Л. ба манзили истиқоматии дугонааш П. Т. даромада охиринро лату куб кард. Тафтишот муайян кард, ки гумонбаршуда Ф. Л. ғайриқонунӣ ба манзили ҷабрдида ворид нашудаанд, зеро, бо ҷабрдида вақти тӯлони ошнои дошта, доимо бо розигии охирин вориди хонааш мешуд ва танҳо аз хусиёти ногаҳон пайдошуда бо ҳамдигар ҷонҷол намудаанд ва дар натиҷа гумонбаршуда Ф. Л. шаҳрванд Подабонова Т.-ро лату куб кард. Мақомоти тафтишоти пешакии ШВКД-2 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ин ҳолатро дурус бандубаст намуда, новобаста аз он, ки ҷиноят дар манзили истиқоматии ҷабрдида руҳ дода шуд, парвандаи ҷиноятиро танҳо бо моддаи 116 КҶ ҶТ (Лату кӯб) оғоз карда қисми парвандаро бо дастрасии қ.1 моддаи 27 КМҶ ҶТ (набудани ҳолати ҷиноят) дар истеҳсолот қатъ карда шуд[209]. Розигии ба таври возеҳ баёнгардидаи истиқоматкунанда барои қабул ба манзил мавҷуд будани таркиби ҷиноятро тибқи м.147 КҶ ҶТ истисно намуд.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалае мавриди баррасӣ қарор дорад, ки кадом шахсон дар манзил истиқомат кардан ҳуқуқ доранд. Ба андешаи баъзе муаллифон чунин шахсон бояд дар манзил танҳо ба таври қонунӣ истиқомат

[207] Малахова, В. Ю. Уголовно-правовая охрана неприкосновенности жилища в Российской Федерации [Текст] : дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Вероника Юрьевна Малахова; Науч. рук. С. И. Никулин; Моск. акад. МВД России – М., 2001. – С. 15

[208] Новиков, В. А. Уголовная ответственность за нарушение неприкосновенности жилища [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Валерий Анатольевич Новиков. – М., 2001. – 167 С.

[209] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ// парвандаи ҷинояти № 14702

кунанд[210]. Аммо, бояд қайд намуд, ки асосҳои қонунӣ на ҳамеша бо мавҷудияти ҳуҷҷатҳо тасдиқ мешаванд. Шахс метавонад дар манзил ё ҳуҷрае, ки ба падару модари фавтида тааллуқ дорад, истиқомат кунад ва ҳуқуқ ба ин манзилро ба расмият надарорад. Чунин шахс сарфи назар аз он, ки ҳуқуқи у ба ин мазил мақарар нагардидааст, ҳуқуқ ба дахлонопазирии манзил дорад.

Истиқоматкунандагони манзил-соҳибмулкон, аъзои оилаи соҳибмулк, иҷорагирон, аъзои оилаи иҷорагир, зериҷорагирон, истиқоматкунандагони муваққатӣ, ки тибқи шартномаи иҷора, рента ва ё дигар санад истиқомат мекунанд, ба ҳисоб мераванд. Дар манзил ҳам калонсолон ва ҳам ноболиғон истиқомат менамоянд. Моддаи 147 КҶ ҶТ мушаххас накардааст, ки кадоме аз истиқоматкунандагон бояд ба ворид гаштан ба манзил розӣ шаванд. Бинобар ин, онҳо метавонанд кӯдакони хурдсол ё яке аз аъзои калонсоли оила бошад. Ҳамин тавр, санаи 16 январи соли 2014 ба прокуратураи ноҳияи Б. Ғафуровӣ вилояти Суғд шаҳрванд К. М. дар бораи амалҳои ғайриқонунӣи нозири минтақавии милитисия барои вайрон кардани ҳуқуқи конститутсияш оид ба дахлнопазирии манзил шикоят намуд. Шикояткунанда қайд намуд, ки нозир минтақавӣ бо мақсади тартиб додани протоколи маъмури ғайриқонунӣ ба дохили манзили истиқоматиаш ворид шуда протоколи маъмури нисбати шавҳараш тартиб дод. Ба ақидаи К. М. нозири минтақавӣ ҳуқуқи ӯро оид ба дахлнопазирии манзилаш поймол кардааст, зеро, медонист, ки соҳиби манзил дар асосӣ ҳуҷҷатҳои расми танҳо ӯ мебошад ва розигии ворид шудан ба манзил аз тарафи шавҳараш этибори қонуни надорад[211]. Аммо, тибқи КГ ҶТ, КО ҶТ, реҷаи моликияти муштараки ҳамсарон ҳангоми бастани ақди никоҳ ба даст омадааст. Ҳамин тариқ, қонунӣ будани истифодаи манзил аз ҷониби шавҳар таъмин карда мешавад ва аз тарафи прокуратураи ноҳияи Б.Ғафурови вилояти Суғд, қарори қонуни дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷинояти бо м. 147 КҶ ҶТ, бо

---

[210] Суслова С.И. Современные подходы к пониманию неприкосновенности жилища: уголовно-правовой и межотраслевой аспекты / С.И. Суслова, А.В. Бычков. // Всероссийский криминологический журнал. – 2017. – Т. 11, № 2. – С. 300.
[211]Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ// парвандаи ҷинояти № 16156.

дастрасии қ. 1 м.27 КМҶ ҶТ бароварда шуда, ба аризадиҳанда хабарномаи хатти оиди қонуни будани ҳаракатҳои нозири минтақавӣ ирсол карда шуд.

Мисоли дигар нишон медиҳад, ки набудани иродаи ягона барои дастрасӣ ба манзил байни аъзоёни оила мебошад. Шаҳрванд П.М. аз басти шабона баргашта дар манзилаш мушоҳида менамояд, ки ҳамсояаш Л.Р. тавасути балкон гузашта дари даромади манзили уро кушода истодааст. Шаҳрванд П.М. ӯро аз манзилаш меронад. Дар ҷараёни баррасии парванда маълум мегардад, ки қулфи дари манзилаш баста шуда буд, бинобар ин тавассути як балкони умумӣ ба манзили П.М. ворид гардидааст то ки ба кор равад, ӯ аз духтари соҳибхона иҷозати чунин даромаданро гирифта будааст[212]. Ба андешаи мо, воридшавии қонунӣ ба манзил ҳолате эътироф бояд гардад, ки агар розигии ҳадди ақал як узви оила бошад, ба истиснои шахсони ноболиғ ва шахсони ғайри қобили амал эътирофшуда.

Бояд қайд намуд, ки, муносибатҳои шартномавӣ барои гирифтани розигӣ барои дастрасӣ ба манзил муҳиманд. Иҷорагир вазифадор аст, ки «иҷорадеҳро ва кормандони иҷорадеҳро ба манзилҳои истиқоматии ишғолкарда дар вақти мувофиқ кардани тарафҳои ин шартнома дар ҳар лаҳза барои бартараф кардани садамаҳо иҷозат диҳад».. Бо дарназардошти меъёрҳои КГ ҶТ, созишнома ин созиши ду ва ё зиёда шахсон дар бораи муқаррар кардан, тағир додан ё қатъ кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандӣ аст. Ҳамин тавр, муқаррар намудани муносибатҳои шартномавӣ байни иҷорадеҳ ва иҷорагир розигии возеҳ ба қабули иҷорадеҳ ба манзил мебошад ва аз ин рӯ, кормандони хоҷагии манзилию коммуналӣ дар ин ҳолат набояд тибқи моддаи мазкур ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Масалан: шаҳрванд Д.С. барои таъмири яхдон бо хоҳиши иҷорадеҳ А.Д. ба манзили шахсияш, ки дар он С.У. истиқомат менамуд, бо истифодаи калиди иҷорадеҳ даромада, аз фурсати муносиб, яъне набудани иҷорагир С.У. истифода бурда, ҷавоҳироти тилловориро бо тариқи пинҳонӣ тасарруф намуд. Оиди ҳодисаи

[212] Бойгонии суди н. Рудаки // Парвандаи ҷиноятии №1-210.

мазкур аз тарафи прокуратураи ноҳияи Ҷ.Расулови вилояти Суғд, ҳаракатҳои гумонбар Д.С. дуруст банду баст карда шуда, ҳолати бастани шартномаи байни иҷорагир ва иҷорадеҳ, ки дар асоси он иҷорадеҳ ҳуқуқи ворид шудан ва барои ислоҳ намудани камбудии манзил бо огоҳии иҷорагир дорад, ба ҳисоб гирифта, нисбати гумонбар Д.С. танҳо парвандаи ҷиноятӣ бо қисми 2 моддаи 244 КҶ ҶТ (Дуздӣ) оғоз кард[213].

Нисбат ба биноҳои истиқоматӣ, ки ба шахсон бо ҳуқуқи моликият тааллуқ доранд, танҳо дар мавриди нигоҳубини биноҳои истиқоматӣ ва иншооти коммуналӣ муносибатҳои шартномавӣ барқарор кардан мумкин аст, дар ин ҳолат мувофиқат намудани имкони қабули кормандони корманзилҳои манзилию коммуналӣ зарур аст. Аммо дар сурати набудани розигии соҳибмулк, кормандони ин хадамот барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, агар ҳолатҳое, ки ҷавобгариро истисно мекунанд ҷой надошта бошанд.

Қарори суди зеринро метавон мисол овард. Даъвогар изҳор намуд, ки шифти манзилаш об мечакид. Вай чандин маротиба оид ба ин масъала ба ҳамсояи боломанзил муроҷиат намудааст, аммо, бе натиҷа. Зангҳо ва шикотҳои пайваста ба КВД обукорез натиҷа надоданд. Сипас даъвогар талаб кард, ки корманди КВД ба манзили ҳамсоя рафта, тамоми манзили ӯро аз назар гузаронад. Ҳамсоя танҳо даромадан ба долон, ошманзил ва ҳаммом иҷозат дод ва нахост ба дигар утоқҳои манзил онҳо дароянд. Вақте, ки даъвогар ба дигар ҳуҷраҳои манзил ворид гашт, маълум гардид, ки дар яке аз ҳуҷраҳо ҳамсоя дар тамоми майдони ҳуҷра гул шинондааст. Даъвогар ҷуброни зарари моддиро талаб кардааст. Айбдоршаванда изҳор дошт, ки чӣ тавр истифода бурдани утоқи шахсияш кори шахсии ӯ мебошад. Вай ҷуброни зиёнро рад мекунад, зеро, ба вай низ зарари маънавӣ расонида шуд – дахлнопазирии манзили шахсияш вайрон гашааст. Суд дар бораи ҷуброни зарари моддӣ аз ҷониби судшаванда қарор қабул кард. Ҳамзамон, судя тавзеҳ

---

[213] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ// парвандаи ҷинояти № 14701.

дод, ки ҳуқуқи конститутсионии ҷавобгар – дахлнопазирии манзил вайрон карда шудааст ва агар ҷавобгар дар бораи нақзи ҳуқуқҳои ӯ ариза пешниҳод кунад, кормандони КВД метавонанд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд[214].

Соҳибмулк нисбат ба иҷорагир вобаста ба ҳуқуқи дахлнопазирии манзил камтар маҳдуд аст, ки ин комилан одилона нест. Аммо, аз тарафи дигар, Конститутсия ҳифзи ҳуқуқи моликиятро яке аз дастовардҳои демократия кафолат медиҳад. Агар молик намояндаҳои ташкилоти хизматрасонро ба манзилҳои истиқоматии худ роҳ надиҳад ва ҳамзамон, ҳуқуқҳои шахсони сеюмро поймол кунад (масалан, ба ихроҷи қубурҳо иҷозат медиҳад, азнавсозии беиҷозат ва таҷдид ва ғайра), ӯ бояд ба ҷавобгарии граждани кашида шавад то ҳатто ба махрум кардан аз ҳуқуқи моликият.

Муносибатҳои шартномавӣ метавонанд байни иҷорагир ва соҳиби манзили истиқоматӣ, иҷорадеҳр ва иҷорагир низ ҳангоми иҷораи яке аз ҳуҷраҳои манзил, ҳангоми гузаронидани инвентаризатсия, арзёбӣ ва экспертизаи манзили зист ба вуҷуд оянд. Ҳамзамон, розигии қабули шахсони манфиатдор ба манзил бояд аниқ пешбинӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти хусусияти бланкетии м. 147 КҶ ҶТ истифодаи дурусти меъёрҳои қонунгузории соҳавӣ нақши муҳим дорад. Ҳангоми таъқиби ҷиноятӣ барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил, ки аз ҷониби шахсе бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шудааст, муносибатҳои граждани-ҳуқуқӣ байни иҷорагирон, соҳибон ва намояндагони иҷорадеҳ (кормандони хоҷагии манзилию коммуналӣ) ва дигар иҷрокунандагони шартнома нақши калон доранд.

Як қатор муҳаққиқон бо ҳолатҳои мушаххаси воридшавӣ – ворид шудан ба манзил бе огоҳии ҷабрдида, истифодаи манзил дар набудани соҳиби манзил, кофтукови ғайриқонунӣ, ихроҷи ғайриқонунӣ ва дигар амалҳои

[214] Бойгонии суди н. Сино ш. Душанбе // Парвандаи ҷиноятии №1-213/16

ғайриқонунӣе, ки дахлнопазирии манзилҳои шаҳрвандонро вайрон мекунанд, ҳамчун ҷинояти баррасишаванда этироф мекунанд[215].

Ҳамин тавр, қайд намудан зарур аст, ки даромадан ба манзил қонунӣ ҳисобида мешавад, ки агар он бо ризоияти тамоми соҳибони қобили амал ба таври равшан сурат гирифта бошад.

Гузашта аз ин, қайд карда мешавад, ки сабабҳои вайрон кардани дахлнопазирии манзил баъзан ночиз мебошанд: муносибатҳои душманонаи шахсӣ, кинаву адовати кӯҳна, таҳқир, рашк, ниятҳои авбошӣ, қарзи барқарорнашуда. Масалан: Санаи 16 августи соли 2013, Ш.С. бинобар таҳқир кардани додараш аз тарафи фарзанди Ҷ.А. ба манзили истиқоматии охирин даромада, бо дархости Ҷ.А. барои тарки манзил аҳмият надода, фарзанди Ҷ.А., яъне Ҷ.С.-ро лату куб кард, ки дар натиҷа нисбати Ш.С. парвандаи ҷинояти аз тарафи ШВКД-и ноҳияи Варзоб бо моддаи 147 КҶ ҶТ оғоз гардидааст[216]. Мисоли дигар, М.Б. ва М.Р., рузи 12 марти соли2018, бинобар қарздор будани У.Ч. ба манзили охирин бо истифодаи зуровари ғайриқонунӣ даромада, ӯро маҷбур карданд, ки қарзи баробар ба 1000 сомонро баргардонад. Дар натиҷа нисбати М.Б. ва М.Р. аз тарафи ШВКД-2 ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 147 КҶ ҶТ оғоз гардидааст[217].

Мавзуи баҳсбарангез ғайриқонунӣ маҳрум кардан ба амалҳое мебошад, ки ба таркиби дар моддаи мазкур пешбинӣшуда дохил мешаванд. Моддаи 136 КҶ ҶШС Тоҷикистон ба таври ғайриқонунӣ кучонданро вайрон кардани дахлнопазирии манзил меҳисобид[218]. Ҳоло ин амал декриминализатсия карда шуд.

Дар асл, шахсро аз манзилаш маҳрум кардан – ин маҳрум кардан аз ҳуқуқи истифодаи манзил ва ҳуқуқи конститутсионӣ ба моликият аст. Асосҳо ва тартиби касеро аз манзилаш маҳрум кардан бо КГ ҶТ, КМ ҶТ танзим

---

[215] Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации: расшир. уголовно-правовой анализ / под общ. ред. В. В. Мозякова. – М., 2002. – С. 268.
[216] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ // Парвандаи ҷиноятии №26471
[217] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ // Парвандаи ҷиноятии № 3316.
[218]Преступность, статистика, закон / под ред. А. Ю. Долговой. - М.: Крнминол. ассоц., 1997. – С.97.

карда мешаванд. Маҳрум намудан аз манзил бояд танҳо дар асоси қарори суд сурат гирад.

Гузашта аз ин, қарори суд дар ҳама ҳолатҳо (хориҷ кардан аз манзили ғайриқонунӣ ишғолшуда, кӯчонидани иҷорагирони муваққатӣ, иҷорагирон, аъзои собиқи оилаи молик, хориҷ кардан аз бинои беиҷозат, хориҷ кардан дар ҳолати иҷро накардани уҳдадориҳои қарзи ипотекӣ) зарур аст.

Ҳамин тариқ, агар касеро аз манзилаш маҳрум кардан бе қарори суд амалӣ карда шавад (масалан, ҳангоми гирифтани ашё, иваз кардани қуфл бар хилофи иродаи кӯчонидашуда), пас ин амал возеҳан вайрон кардани дахлнопазирии манзил мебошад. Хамин тариқ, нисбати К. Р, санаи 17 сентябри соли 2016 аз тарафи прокуратураи шаҳри Бустони вилояти Суғд, парвандаи ҷинояти оғоз карда шуд, ки охирин ғайриқонунӣ ҳамсари худро, ки дар асоси ҳалномаи суди шаҳри Бустон ба манзил мазкун шуда буд, аз ворид шудан маҳрум сохт[219].

Истифодаи ғайриқонунӣи манзил (ғайриқонунӣ ворид шудан ва истиқомат кардан ба манзил бар хилофи иродаи соҳиби қонунӣ) низ бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Дар ин ҳолатҳо, вайронкунии дахлнопазирии манзил метавонад бидуни огоҳии соҳиби он ба амал ояд, масалан, ҷинояткор ба дача даромада, онро чанд муддат истифода мебарад. Соҳиб аз далели вайрон гардидани дахлнопазирии манзилаш хабар надорад ва танҳо баъдтар дар ин бора огаҳи пайдо менамояд. Дар ин маврид ӯ ҳеҷ гуна розигӣ намедиҳад ва аз ин рӯ иродаи худро баён намекунад. Хамин гуна аъзоёни оилаи Ю. дар бустонсарои ба Тоҷикгидрология таълуқ дошта, бе иҷозат истиқомат карда онро ҳамчун манзили худ ситифода намудаанд. Дар асоси даъвои роҳбарияти Тоҷикгидрологияи, прокуратураи шаҳри Ваҳдат, нисбати Ю. А. ва аҳлу оилааш парвандаи ҷинояти оғоз карда, аз бустон сарой оилаи мазкурро бо тариқи маҷбуран мебарорад[220]. Аз ин рӯ, воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил на танҳо бар зидди иродаи шахсе, ки дар

[219]Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ// парвандаи ҷинояти № 16234.
[220]Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ// парвандаи ҷинояти № 13504.

он истиқомат мекунад, дохил мешавад, инчунин, бе иродаи ӯ, дар ин робита, диспозитсияи, КҶ ҶТ бо аломати «бе розигӣ» илова карда шавад.

В.А. Новиков, Е.Ю. Авшеев ва як қатор таҳқиқотчиён пешниҳод менамоянд, ки дар доираи моддаи мазкур тарк накардани манзил бо талаби соҳиби манзил (шахси қонунӣ истиқоматкунанда) ҳамчун вайронкунии дахлнопазир бандубаст карда шавад[221], дигарон зарурияти пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷинояти барои тарк накардани манзилро намебинанд.

Тарк накардани манзил дар шакли беҳарактӣ сурат мегирад, яъне иҷро накардани талаботи тарки манзил дар ҳолате, ки будубоши шахси истиқоматӣ дар асоси қонунӣ (бо розигии қаблан гирифташуда) истиқоматкунангонро аз имконияти мустақилона амалӣ кардани ҳаёти шахсияшон маҳрум мекунад. Дар ин ҳолат, онҳое, ки дар манзил истиқомат мекунанд, осебпазир мешаванд, зеро, воситаи воқеӣ таъсирррасонӣ ба чунин шахсонро надоранд. Дархост, пешниҳод, талабот аз ҷониби чунин шахс сарфи назар карда мешавад. Дар натиҷа, истиқоматкунандагон новобаста аз шахсе, ки дар манзил аст, аз имконияти амалӣ кардани ҳаёти шахсии худ маҳрум мегарданд.

Мавриди зикр аст, ки қонунгузории пеш ин амалро ҷиноят эътироф менамуд. Илова бар ин, кодекси ҷиноятии як қатор кишварҳои ғарбӣ, аз қабили Олмон, Фаронса, Испания, Лаҳистон, Швейтсария, Ҳолланд, Шветсия, Булғористон низ чунин беҳаракатиро ҷиноят мешуморанд. Ҳамин тавр, ба андешаи мо рад намудани талаби тарки манзил бояд криминализатсия карда шавад.

Тавре ки дар боло қайд карда шуд, моликияти манзил ҳамчун маҷмӯи амвол дорои қаламрави пӯшида буда, ҳуқуқи дахолатнопазириро на танҳо бевосита дар бинои истиқоматӣ, балки дар дигар объектҳои хоҷагӣ, аз ҷумла дар қитъаи замини деворбандишуда таъмин менамояд. Аз ин рӯ, биноҳои ба манзил таалуқдошта, ба монанди манзилҳое, ки қобилияти таъмини махфият

[221] Новиков В. А. Указ соч. С. 86; Авшеев Э. Ю. Указ. соч. С. 9; Шелестгоков В. Н. Уголовно-правовые средства обеспечения неприкосновенности жилища : дис. ... канд. юрид. наук / В. Н. Шелестюков. – Красноярск, 2006. – С. 80.

доранд, бояд аз воридшавии ғайриқонунӣ ва беҳаракати ғайриқонунӣ ҳифз карда шаванд – талаботи тарк намудани манзил риоя шавад. Васеъ гардидани доираи вайронкунии дахлнопазирии манзил бо тарк накардани як шахс аз манзил бо дархости шахси дар он истиқоматкунанда имкон медиҳад то ҳадди имкон қонуни ҷиноятӣ ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳаёти шахсӣ таъмин карда мешавад.

Вайронсозии дахнопазирии манзил, инчунин, бо роҳи ғайриқонунӣ васл намудани воситаҳои гӯшандозӣ ё дигар воситаҳои махсус дар манзили истиқоматӣ содир мегардад. *Мисол:* санаи 22 декабри соли 2017, шаҳрванд И. Д. бо мақсади ҷамъоварии маълумотҳои бадномкунанда, ғайриқонунӣ ба манзили А. Н. ворид шуда тачҳизоти сабти видеои дар ҳуҷраи хоби охирин муҷаҳҳаз намуд. Пас аз ошкор намудани ҳолати мазкур, прокуратураи шаҳри Конибодом парвандаи ҷиноятиро бо банди «в» қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ пешбинӣшуда, оғоз намудааст[222].

Баҳогузории ҷиноятӣ-ҳуқуқии насби васоити махсуси техникӣ барои назорати видеоии пинҳонии истиқоматкунандагони манзил якранг аст. Таҷҳизоти назорати видеоии пинҳонӣ ҳамчун дахолат ба манзил, вақте ки ҷинояткорон мустақиман ба манзил ҳуҷум кардаанд, баррасӣ карда мешавад. Агар, дастгоҳи шунавоӣ ё видеои бе ворид шудан ба манзил ҷойгир карда шуда бошад, масалан, тавассути манзили қабати болои ё поён ҷойгир аст, таркиби воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил ва амалҳои ҷинояткорон дар асоси самти қасд метавонанд бандубаст карда шаванд.

Аммо, тавре Я.М. Плюшкина қайд менамояд, ки тавассути ворид шудан ба манзил на танҳо дахолати ҷисмонӣ ба манзил, дар он насб кардани воситаҳои махсуси техникӣ барои мушоҳидаҳои аудиовизуалӣ, балки истифодаи таҷҳизоти махсуси аудио ва видео берун аз манзил, ба истилоҳ паҳши хаёлӣ, ки бо ёрии он воқеаҳои дар манзил бударо мушоҳида кардан мумкин аст[223] .

[222] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ // Парвандаи ҷиноятии № 14702.
[223] Плюшкина Я. М. Указ. соч. – С. 67.

Инчунин, ҳамчун ҷиноят бояд ҳолате эътироф карда шавад, ки шахс ба таври қонунӣ ба бинои истиқоматӣ ворид шуда, сипас ғайриқонунӣ таҷҳизоти видео ва аудио барои назорати пинҳонии манзил насб карда бошад. Ҳама ҳолатҳои назорати видеоии манзил, новобаста аз он ки чӣ тавр анҷом дода мешавад, дар берун ё дохили он комилан ба ҳамон оқибатҳои вайрон кардани дахолатнопазирӣ манзил оварда мерасонад. Ин амалҳо танҳо дар сатҳи қобилияти техникӣ барои дастрасӣ ба он чӣ дар манзил рух медиҳанд, фарқ мекунанд. Бо рушди технологияҳои муосир, имконоти бештар барои дахолат ба махфият дар манзил пайдо мешаванд. Аз ин рӯ, ворид шудан ба манзил барои амалӣ намудани назорат аз болои он чӣ рӯй дода истодааст ва аз ин рӯ ба соҳаи ҳаёти хусусӣ ворид гардидан шарт нест. Аз ин рӯ, ҳолати назорати аудио ва видео бояд ҳамчун далели воридшавӣ ба манзил эътироф карда шавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили аломатҳои тарафи объективии ҷинояти, вайрон намудани дахлнопазирии манзил ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳолатҳои алоҳидаи вайронкунии дахлнопазирии манзил инро дар бар мегирад:

-маҳрум намудани ғайриқонунӣ;

- дахолати ғайриқонунӣ;

- даромадани ғайриқонунӣ;

- кофтуков, мусодира ва тафтиши ғайриқонунӣ;

- мушоҳида (аудио, видео) дар манзил ҳам дар дохил ва ҳам берун аз он;

- риоя накардани талаботи тарк кардани манзил;

- ғайриқонунӣ истифода бурдани манзилҳо ва дигар объектҳои моликияти манзил бар хилофи иродаи соҳиби қонунӣ.

1. Кирдор ҳамчун аломати ҳатмии ҷинояти баррасишаванда дар қонун бо се шакли амали фаъоли субъект ифода меёбад ва дар қонун бандҳои алоҳидаро ташкил мекунанд, аз ҷумла:

а) ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил;

б) ғайриқонунӣ аз манзил маҳрум намудани шахс;

в) ғайриқонунӣ васл намудани воситаҳои гӯшандозӣ ё дигар воситаҳои махсус дар манзили истиқоматӣ;

2. Омӯзиши мазмуни моҳияти онҳо гувоҳӣ медиҳад, ки шакли якуми тарафи объективӣ ин ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил умумӣ мебошад.

Шакли дуюм тарафи объективии ин ҷиноят – ғайриқонунӣ аз манзил маҳрум намудан, бе вайрон намудани дахлнопазирии манзил, балки поймол кардани ҳуқуқи молумулкии шахс мебошад.

Бо назардошти ин ва бо мақсади дуруст татбиқ намудани муқаррароти меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ, чунин меҳисобем, ки аз қ. 1. м. 147 КҶ ҶТ хориҷ намудани ибораи «касеро аз манзилаш маҳрум кардан» зарур мебошад.

3. Дар баробари ин кримнализатсия будубоши ғайриқонунӣ шахс дар манзил бе розигӣ соҳибмулк ё рад кардани тарки он дар сурати мавҷуд будани талаби соҳибмулк мувофиқи мақсад мебошад. Тарк накардани манзил дар шакли беҳарактӣ сурат мегирад, яъне иҷро накардани талаботи тарки манзил дар ҳолате, ки будубоши шахси истиқоматӣ дар асоси қонунӣ (бо розигии қаблан гирифташуда) истиқоматкунангонро аз имконияти мустақилона амалӣ кардани ҳаёти шахсии худ маҳрум мекунад.

4. Воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил на танҳо бар хилофи хоҳиши шахси дар он истиқоматкунанда сурат мегадад, бинобар ин ба диспозитсияи м. 147 КҶ ҶТ илова намудани ибораи «бе розигӣ" мувофиқи мақсад мебошад.

## 2.3. Аломатҳои субъективии вайрон намудани дахлнопазирии манзил

Мавҷудияти аломатҳои субъективии ҷиноят барои муқаррар намудани таркиби ҷиноят, ки асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад, зарур аст. Дар қонуни ҷиноятӣ субъекти ҷиноят ҳамчун маҷмӯи аломатҳои пешбинӣнамудаи қонун баррасӣ карда мешавад ва яке аз унсурҳои асосии таркиби ҷиноят мебошад[224].

[224] Павлов В. Г. Субъект преступления и уголовная ответственность: монография / В. Г. Павлов; С.-петерб. ун-т МВД России; гл. ред. Ю. А. Сандулов. – СПб., 2000. – С. 7.

Қонуни ҷиноятӣ аломатҳои умумии субъекти ҷиноятро муайян намудааст, ки аз инҳо иборатанд:

а) шахси воқеӣ;

б) шахси мукаллаф;

в) шахси ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расида.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз мафҳуми «субъекти ҷиноят" мафҳуми «шахсияти ҷинояткор» тафовут карда мешавад. Агар субъекти ҷиноят бо мавҷудияти аломатҳои ҳатмии барои муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ тавсиф карда шавад, пас шахсияти ҷинояткор маҷмӯи аломатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок мебошанд, ки шахси кирдори ба ҷамъият хавфнокро тавсиф мекунад.

Субъекти ҷиноят ба маънои умумӣ шахсе мебошад, ки ҷиноятро содир кардааст. Ба маънои маҳдуд – шахсе мебошад, ки дар сурати содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад.

Ҳангоми таҳлили ҷиноятӣ-ҳуқуқи таркиби ҷинояти м. 147 КҶ ҶТ, масъалаи субъекти он муҳим аст. Мавҷудияти субъекти ҷиноят ҷузъи зарурии таркиби ҷиноят ва шарти муҳими ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Дар қонун фард ҳамчун аломати аввалини хатмии субъект, яъне шахс ҳамчун мавҷудоти иҷтимоие, ки хамеша дар муносибатҳои муайяни ҳуқуқи қарор дорад, пешбинӣ карда шудааст. КҶ ҶТ муқарраротеро дар бар мегирад, ки шаҳрвандони ҶТ, хориҷиён ва шахсони бешаҳрванд метавонанд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Намояндагони олами набототу ҳайвонотро субъекти ҷиноят эътироф кардан мумкин нест.

Аломати дигари ҳатмии субъекти ҷиноят синну сол мебошад. Синни умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар қ.1 м.23 КҶ ҶТ муқаррар карда шудааст. Зарурати дар қонун муқаррар намудани синни чавобгарии ҷиноятӣ аз он иборат аст, ки ин ҳолат бо қобилияти дарк намудани моҳияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии кирдорҳои худ ва идора кардани онҳо алоқаманд аст.

Мутобиқи қ. 1 м. 23 ва м. 147 КҶ ҶТ барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил шахсе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ҳангоми содир кардани ҷиноят ба сини 16-солагӣ расидааст. Аммо, бояд қайд намуд, ин модда бо дигар моддаҳо дар мухолифат қарор дорад ва ин қоидаи умумӣ ба ҳолатҳои вайрон кардани дахлнопазирии манзил баъзан татбиқ намегардад. Ҳамин тавр, дахлнопазирии манзил дар натиҷаи содир намудани на танҳо ҷинояти дар м. 147 КҶ ҶТ пешбинӣ гардида, балки дар як қатор ҷиноятҳои дигар, ки дар он дахлнопазирии манзил ҳамчун ҳолати бандубастшаванда пешбинӣ шудааст, содир мегардад. Дар байни ин ҷиноятҳо синну соли ҷавобгариии ҷиноятӣ аз синни 14-солагӣ муқаррар карда мешавад, аз ҷумла, дуздӣ (қ. 2. м. 244), ғоратгарӣ (қ. 2 м. 248).

Субъекти қ.1 м. 147 КҶ ҶТ, шахси вокеии мукалафе мебошад, ки ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ, яъне 16 солагӣ расидааст. Агар ҳангоми содир кардани ҷинояти баррасишаванда шахс пурра ба синни 16-солагӣ нарасида бошад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Мисол: рузи 09.07.2019 сол, Х.С., 20.02.2004 соли таввалуд аз ҳисиёти бадбинӣ ба ҳавлии хонаи истиқоматии С.З. даромада, охиринро дашномҳои қабеҳ мекунад. Новобаста аз он, ки дар ҳаракатҳои Х.С. аломатҳои м. 147 КҶ ҶТ дида мешуд, бинобар сабаби дар лаҳзаи содир намудани ин кирдор 15 сола буданааш, дар асоси қ.1 м. 23 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷинояти кашида нашуда, ба қайди ноболиғи душвортарбия дар ШВКД-и ноҳияи Ш.Шоҳини вилояти Хатлон ба қайд гузошта шуд.

Инчунин, яке аз аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят, мукаллафӣ мебошад. Шахси мукалаф шахсе эътироф мешавад, ки дар ҳолати мукаллафӣ ҷиноят содир намуда, вале то баровардани ҳукми суд мубталои бемории рӯҳие шудааст, ки барои дарки хавфи кирдори худ ё идора кардани онро имконият намедиҳад, ҳамчунин ҷазо дода намешавад. Суд метавонад нисбати чунин шахс чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро раво бинад ва пас аз шифо ёфтан ин шахсро ҷазо додан мумкин аст.

Шахсе, ки ҳангоми содир кардани ҷиноят бинобар беморӣи музмини рӯҳӣ, бемории муваққатии рӯҳӣ, ақлӣ ё дигар ҳолати бемории рӯҳӣ, ки барои дарки хавфи кирдори худ ё идора кардани онро имконият намедиҳад, кирдори (беҳаракати) худро дарк карда наметавонад, огоҳ шуда наметавонист – номукаллаф дониста ба ҷавобгарии ҷинояти кашида намешавад.

Шахсе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи қ.1 м. 147 КҶ ҶТ кашида мешавад, мукаллаф, ки ба синни 16 расидааст. Субъекти ҷиноят бояд ҳатман шахси мукаллаф мебошад яъне шахсе, ки қодир аст моҳияти воқеӣ ва хатари ҷамъиятии кирдори худро дарк намояд ё онҳоро роҳбарӣ кунад. Дар амал ходисаҳои вайрон кардани дахлнопазирии манзил аз тарафи шахсони гирифтори касалиҳои гуногуни руҳӣ зиёд ҷой доранд. Ҳамин тавр, 11 декабри соли 2017 Ч.Д. ба манзили истиқоматии М.Б. ғайриқонунӣ ворид гардид. Дар рафти тафтиши парвандаи ҷинояти маълум гашт, ки Ч.Д. дар қайди беморхонаи руҳии шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд буда, бо кафолати хешовандон, аз беморхона муваққатӣ мақомоти тафтишоти прокуратураи ноҳияи Ашт экспертизаи руҳшиносӣ таъин намуд. Тибқи натиҷаҳои экспертизаи судии равонӣ Ч.Д. аз инкишофи нокифояи фаъолияти эҳсосӣ-иродӣ, ақлӣ, зеҳнӣ азият мекашид, бинобар ин у наметавонитс дуруст будани амалҳои худ ва оқибатҳои онҳоро дарк кунад. Бо вуҷуди ин, парвандаи ҷиноятӣ нисбати ӯ дар асоси м. 74 КҶ ҶТ (озод сохтан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби тағйир ёфтани ваъзият) ва сархати 3 қ.1. м. 28 КМҶ ҶТ (Рад ва қатъ намудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бо озод кардани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ) қатъ карда шуд. Кирдор дар ҳолати номукаллафӣ вайронкардани дахлнопазирӣ сабаби аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан шуд[225].

Шахсе, ки гирифтори бемории муайяни музмини рӯҳӣ, метавонад субъекти вайрон кардани дахлнопазирии манзил эътироф карда шавад, агар моҳияти амали содиркардаашро фаҳмад, яъне ғайриқонунӣ ба манзил

[225] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ// парвандаи ҷинояти № 24027.

даромаданро, ки вайрон намудани дахлнопазирии манзил, хавфнокии ин кирдорро дарк намуда, амали худро назорат карда метавонад (аломати иродавӣ). Дар чунин ҳолат мутобиқи м. 24 КҶ ҶТ аз тарафи суд, ба шахси номукаллаф, ҷораҳои дорои хусусияти маҷбури таъин карда мешавад.

Ба ғайр аз аломатҳои умумии субъекти ҷиноят, қонунгузор дар як катор моддаҳои аз ҷумла дар м. 147 ҚҶ ҶТ аломати субъекти махсусро пешбинӣ менамояд.

Субъекти махсус ин шахсет, ки ба ғайр аз аломатҳои умумӣ (синну сол ва мукаллафӣ) дорои аломатҳои махсуси иловагӣ мебошад. Аломатҳои умумии субъекти ҷиноят дар диспозитсияи моддаҳои қисми махсуси КҶ ҶТ номбар карда нашудаанд, онҳо аломатҳои хоси ҳамаи таркиби ҷиноятҳо мебошанд, ки дар м. 23 қисми умумии КҶ ҶТ дарҷ гардидаанд. Аломатҳои иловагии субъекти махсус дар худи диспозитсияҳои меъёри дахлдори ҷиноятҳои алоҳида тасвир карда шудааст ё ин ки ба тариқи шарҳ додан муқаррар шудаанд[226].

Бояд қайд намуд, ки бар хилофи иродаи шахсе, ки дар манзил истиқомат мекунад, бе доштани мақоми махсус низ ворид гаштан имконпазир аст. Аммо, истифодаи аз мавқеи хизматӣ, ки метавонад тавассути либоси расмӣ (ҳарбӣ), шаҳодатномаҳо, силоҳ, техникаи махсус амалӣ гардад, содиршавии ин ҷиноятро хеле осон мекунад, ҳамзамон мақомоти дахлдори давлатиро бадном мекунад.[227]

Маҳз барои ҳамин, содир кардани ҷиноят бо истифода аз мақоми хизматиро қонунгузор ба аломати бандубастшавандаи ин ҷиноят пешбинӣ мекунад. Баҳри бандубасти дурусти кирдор тибқи қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ муаян намудани мафҳуми «мақоми хизматӣ» аҳаммияти калон дорад.

Таҳлили қонунгузории амалкунанда имкон медиҳад, ки намудҳои зерини фаъолияти хидматрасонии касбиро ҷудо намудан мумкин аст. Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми хизмати давлат», хизмати давлатӣ – фаъолияти

---

[226] Салимов Ҳ.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ Китоби Дарсӣ. – С. 120.
[227]Борков В. Уголовно-правовое значение использования должностных полномочий и их превышения / В. Борков // Уголов. право. 2005. № 2. – С. 11.

касбии хизматчиёни давлатӣ, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудааст. Хизматчии давлатӣ – шаҳрванди ҶТ, ки мансаби давлатии хизмати давлатии музднокро дар асоси касбӣ худ, бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ ишғол намудааст[228].

Хизматичиён – категорияи кормандоне мебошанд, ки дар тафовут аз коргарон маъмурӣ ва хоҷагидорӣ вазифаи роҳбарикунандаро иҷро мекунанд: омодасозӣ ва иҷрои ҳуҷҷатгузорӣ, баҳисобгирӣ ва назорат, хадамоти иқтисодӣ, алалхусус агентҳо, бойгонҳо, хизматчиён, котибҳо, кассирҳо, корректорҳо, комендантҳо ва ғайра[229].

Тавре дар адабиёти илми қайд мегардад кормандони, экспедиторҳо, коргарони муассисаҳои коммуналӣ, навбатдорҳо дар даромадгоҳ ва дигарон субъекти махсуси ин катеогория дохил мебошанд[230]. Аммо, ба андешаи мо, кормандони коммуналӣ метавонанд ҳам хизматчӣ ва ҳам коргарон бошанд.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дигар категорияҳои кормандон бо қонуни дахлдор муайян карда мешаванд. Ҳамин тариқ, вазифаи мансабӣ салоҳияти мансаберо, ки корманд ишғол мекунад ва маҷмӯи ваколатҳои мансабиро дар бар мегирад.[231]

Аз ин лиҳоз, мафҳуми «мақоми хизматӣ» бо ду хусусият тавсиф мешавад:

- аз рӯи намуди фаъолияти расмӣ: ҷамъиятӣ (давлатӣ, яъне шаҳрвандӣ, ҳифзи ҳуқуқ, низомӣ ва мунисипалӣ) ва хусусӣ (хизмат дар ташкилотҳои ҳама гуна шакли ташкилию ҳуқуқӣ, аз ҷумла тиҷоратӣ, ғайритиҷоратӣ, ки ба доираи номаълум шахсон хизмат мерасонанд) вобаста ба намуд, доираи ваколатҳои хизматӣ муайян карда мешавад;

---

[228] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 Март, 2007 № 233 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҚҶТ аз 02.01.2020 с., №1672).

[229] Большой юридическим энциклопедический словарь. – С. 577.

[230] Мачковский Л. // Рос. юстиция. 2003. № 7. – С. 59.

[231] Маяковский Л. // Рос. юстиция. 2003. № 7. С. 59; Волженкин Б. В. Служебные преступления / Б. В. Волженкин. – М., 2000. – С. 127-129.

- мақоми корманд, ки ваколатҳои хизматии ӯро (ҳуқуқ ва уҳдадориҳо) муайян мекунад.

Мувофиқи эзоҳ ба м. 314 КҶ ҶТ шахсони мансабдор инҳоро дар бар мегиранд:

- шахси таъин ё интихобшуда фаҳмида мешавад, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд, яъне бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои амрдиҳӣ нисбат ба шахсоне мебошад, ки дар тобеияти хизматии ӯ қарор надоранд, инчунин шахсе, ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин, дар субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, ба таври музднок ё бемузд иҷро менамояд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда.

- шахсоне дар назар дошта мешаванд, ки мансабҳои барои иҷрои бевоситаи салоҳияти мақомоти давлатӣ муайнамудаи Конститутсияи ҶТ ва дигар қонунҳои ҶТ ишғол мекунанд

- хизматчиёни давлатӣ, хизматчиёни мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки ба шумули шахсони мансабдор дохил намешаванд, мутобиқи моддаҳои ҳамин боб дар ҳолатҳои махсус пешбинӣнамудаи моддаҳои дахлдор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд

- вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ – ваколатҳо оид ба амалӣ намудани роҳбарии коллективи меҳнатӣ, доираи муайяни кор, кормандони алоҳида, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, ташкили меҳнати кормандони тобеъ, назорат ва санҷиши риояи интизоми меҳнат, татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва муҷозоти интизомӣ

- вазифаҳои маъмурию хоҷагидорӣ – ваколатҳо оид ба идора ва ихтиёрдории молу мулк.

Тибқи м. 295 КҶ ҶТ сӯиистифодаи ваколат аз ҷониби кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо низ амалӣ мегардад. Дар эзоҳи моддаи мазкур мафҳуми кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо муайян карда шудааст:

- шахсоне дар назар дошта шудаанд, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё мутобиқи ваколати махсус вазифаи фармонфармоӣ ё дигар вазифаи идоравиро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ сарфи назар аз шакли моликият ва инчунин ,дар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки мақоми ҳокимияти давлатӣ намебошанд, анҷом медиҳанд.

Аммо, тавре дар адабиёти илмӣ дуруст қайд мегардад, кормандони оддии ташкилотҳои тиҷоратӣ низ дорои ваколатҳои муайян ҳастанд ва аз ин рӯ, дар сурати вайрон кардани дахлнопазирии манзил, онҳо бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд[232]. Масалан, онҳо устои хоҷагии манзилию коммуналӣ, фаррош дар хобгоҳ, маъмур дар меҳмонхона ва ғайра хоҳанд буд.

Салоҳиятҳои хизматиро шахсони мансабдор, дигар кормандоне (ки мансабдор нестанд) дар мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, инчунин шахсоне, ки вазифаҳои роҳбарикунандаро иҷро мекунанд ва дигар кормандон дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ваколатҳои расмӣ доранд.

Дар мавриди ҷинояте, ки тибқи қ. 2 м.147 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. чунин шахсон мансабдорон ва кормандони оддӣ дохил мешаванд, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо татбиқи қонунии воридшавӣ ба манзилро дар бар мегиранд (масалан, азназаргузаронӣ, кофтуков), аммо бо риояи шартҳои пешбинӣнамудаи қонун. Ба ин гуна шахсон муфаттишон дохил мешавад, ки мувофиқи КМҶ ҶТ кофтуков ё анзараргузаронии манзилро анҷом медиҳанд, нозири давлатии манзил, техники хоҷагии манзилию коммуналӣ, коменданти хобгоҳ, посбони муҳофизати амнияти хусусӣ ширкате, ки барои тафтиши он ба манзил ворид шудааст. Нозири давлатии манзил ҳуқуқ дорад дар ҳама

[232] Плошкина Я. М. Указ. соч. – С. 114.

гуна объекти назоратшаванда таҳқиқот гузаронад ва инчунин, бо розигии соҳиби он ё истиқоматкунандагон ба манзил дарояд. Муфассалтар, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ дар қоидаҳои меҳнат ва шартномаи хизмат муайян карда мешавад. Чунин намояндагон метавонанд комендант, техники нигоҳдорӣ, усто, муҳандис ва ғайра бошанд. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои намояндагони иҷорадеҳро дар тавсифи вазифаҳо ва шартномаҳои меҳнатӣ муайян кардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, ваколатҳои мансабӣ бо санади меъёрии ҳуқуқӣ, шартномаи ҳуқуқии шаҳрвандӣ, қоидаҳои кор, шартномаи хизматрасонӣ, тавсифи вазифа, шартномаи меҳнатӣ муайян карда мешаванд. Истифодаи мақоми хизматӣ ин истифодаи ваколатҳои хизматии мақоми дахлдори намуди муайяни хизмат бо мақсади содир кардани ҷиноят мебошад.

Ҳангоми содир кардани ҷиноят тибқи б. «б» қ. 2. м. 147 КҶ ҶТ, мавқеи хизматӣ бо мақсади ворид шудан ба манзил ба манфиатҳои ҷиноятӣ истифода мешавад. Дахлнопазирии манзил дар ҳолате вайрон шуданаш мумкин аст, ки агар шахс бе ваколати ба манзил даромадан (баромадани аз ҳадди ваколат).[233] Аммо, агар шахс бо роҳи фиреб бо истифода аз шаҳодатномаҳои қалбакӣ ва дуздидашуда, воситаҳои нақлиёти махсус, либоси расмӣ ҷиноят содир кунад, ин ҷиноят наметавонад тибқи қ 2 м. 147 КҶ ҶТ бандубаст карда шуда наметавонад.

Илова бар ваколатҳои расмӣ, мавзуи содир кардани ҷиноят тибқи м. 147 КҶ ҶТ метавонад маълумоти расмӣ, воситаҳои махсуси техникӣ, эътимоди шаҳрвандонро ба мақоми мансаби муайян истифода барад. Масалан: прокуратураи ҳарбии вилояти Хатлон, санаи 16 марти соли 2020 парвандаи ҷинояти бо аломатҳои банди «б» қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ нисбати шахсони масъули комисарияти харбии ноҳияи Кушониён оғоз намудаанд, ҷунки онҳо аз ваколати хизмати худ баромада, бо либоси ҳарби дар тан дошта ба дохили манзили истиқоматии шаҳрванд У. К. ғайриқонунӣ даромада, онро ба

[233] Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. – С. 268.

истифодаи зӯроварӣ ба комиссарияти ҳарби бурдаанд[234]. Ин ҳодисаҳо дар айни замон афзоиш ётаанд ва чи тавр дар васоити ахбори шабакаи интернет хакаратҳои мақомотҳои вобасташударо ҳамчун «аблава» номида, мавсими ба хизмати ҳарбӣ даъватнамудани шахсони ба сину соли хизматӣ расонида, зиёд мешавад. Қобили зикр аст, ки аз надонистани қонунҳои ҶТ ва барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас оид ба даъвати ҳарбӣ, яъне иҷрои нақшаи аз Вазорати мудофиаиа тасдиқ карда шуда, кормандони комиссариятҳо ва шахсони масъули ҷамоатҳо, ки дар ин маракаи сиёси ҷалб карда шудаанд, ҳуқуққҳои конститутсиониро оид ба дахлнопазирии манзил, дағалона вайрон мекунанд. Лекин сол аз сол вокуниши мақомоти назоратӣ, аз ҷумла прокуратураҳои ҳарби зиёд аст ва ба доди аризадиҳанда мерасанд. Ҳамин тавр: санаи 25 декабри соли 2020 ёрдамчии комиссариати ҳарбии ноҳияи Вахш, лейтенанти калон А. А. бо маслиҳати пешаки бо сардори мизи ҳарбӣ М. А., ҳуқуқшиноси хукумати шаҳри Леваканд, С.Б., санаи 9 октябри соли 2020, ба манзили истиқоматии В. А. истифода аз мансабҳои худ, ки аз муарифии шахсиат ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои шахсиат тасдиққунанда зиҳир намуда шуд, ғайриқонунӣ даромада, В. А.ро, барои хизмати ҳарбб ба комиссарияти ҳарби дастрас намудаанд. Бинобар арз намудани хаттии волидайни В. А., нисбати шахсони дар боло қайд шуда павврандаи ҷинояти, бо б. «б», қ.2 м.147 КҶ ҶТ, парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд[235]. Ба фикри мо, мушкилоти ҷалб намудани ҷавонон барои хизмати ҳарбӣ бояд бо воситаи ташфиқоту тағриботи Вазорати мудофиаиа ҶТ, мақомоти худидоракунӣ дар маҳал, муассиасаҳои таълимӣ ва васоити аҳбори омма, бо паҳн кардани роликҳои видеоӣ вобаста ба ватандустӣ, бе гузаронидани амалиётҳои шикорӣ, ки қисми зиёди он бо вайрон кардани дахлнопазирии манзил сурат мегиранд. Барои аз байн бурдани аз ваколатҳои худ баромадани шахсони масъул ва кормандани комиссариатҳои ҳарбӣ, лозим мешуморем, ки брашюраҳои махсус дар вақти мавсими ба хизмати ҳарбӣ ҷалбкунии ҷавонон

[234] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ// парвандаи ҷинояти № 52202.
[235] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ// парвандаи ҷинояти № 59633.

дар мизҳои комиссариатҳои ҷумҳурӣ дар лавҳаҳои махсус гузошта шавад, ки шахсони масъул дубора даст ба ҳуқуқвайронкуниҳо назананд. Инчунин, дар байни аҳолӣ гузаронидани фаҳмондадиҳӣ ҳуқуқҳои конститутсионии инсон паҳн карда шавад.

Дигар категоряи шахсон, ки даст ба вайронкунии дахлнопазири даст мезананд ин кормандони ҳифзи ҳуқуқ, як ширкати хусусии муҳофизатӣ, ки дорои маълумот дар бораи воситаҳои муҳофизати бинои истиқоматии таҳти муҳофизат қарордошта мебошад (намуди ҳушдор, қулф, схемаи алоқа), ғайриқонунӣ ба он дохил мешавад, ҳушдорро хомӯш мекунад ва қулфро мекушояд. Ё ин ки корманди Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ёрии асбобҳои кӯҳнавардӣ ба тариқи тирезаҳо дохили манзил медарояд. Нозири хобгоҳ бо суистифода аз дастрасии ба калитҳои ҳуҷраҳо, ба манзил ворид мешавад.

Дар асосӣ гуфтаҳои боло, истифодаи мақоми мансабӣ бо мақсадҳои ҷиноӣ бо чанд роҳ имконпазир аст:

- бо истифода аз ваколатҳои мансаби дахлдор;
- истифодаи иттилооти хизматӣ;
- истифодаи воситаҳои махсусӣ ва техникӣ;
- бо истифода аз боварии шаҳрвандон.

Ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, тарафи субъективии ҷиноят фаъолияти равонии шахсиест, ки бевосита бо содир кардани ҷиноят алоқаманд аст.[236] Ба андешаи дигарон тарафи субъективии муносибати рӯҳии ҷинояткорро ба ҷинояти содиркардаи ӯ баррасӣ мекунанд. Бар асоси ҳар ду нуктаи назар, метавон муайян кард, ки тарафи субъективӣ равандҳои дар психикаи ҷинояткор ба амал омадаистодаро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, тарафи субъективӣ равандҳое мебошад, ки дар психикаи гунаҳкор рух медиҳанд, ки мундариҷаи ҳама чизеро, ки бо содир кардани ҷиноят алоқаманд аст, инъикос мекунанд

---

[236]Уголовное право Россшт. Общая часть. С. 161; Рарог А. И. Проблемы субъективной стороны преступления : учеб. пособие / А. И. Рарог; Моск. юрид. ин-т. – М., 1991. – С. 61.

Ҳуқуқшиноси шӯравӣ, мутахассиси ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистика Л. Д. Гаухман дар баробари тарафи субъективии ҷиноят мафҳуми «тарафи субъективии таркиби ҷиноят»-ро муайян мекунад, ки онро ҳамчун маҷмӯи аломатҳое тавсиф менамояд, ки муносибати равонии ҷинояткорро ба амале, ки дорои таркиби мушаххаси ҷиноят мебошад. Ба ин маъно, тарафи субъективӣ танҳо он аломатҳоро дар бар мегирад, ки барои таркиби мушаххас ҳатмӣ ё алтернативӣ мебошанд.[237]

Дар таркиби ҷиноятӣ м. 147 КҶ ҶТ, муносибати рӯҳии шахс ба ягона аломати тарафи объективӣ – амали барои ҷамъият хавфнок, ки дар ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил бар хилофи иродаи истиқоматкунандагон ифода ёфтааст, аҳаммияти ҳуқуқӣ дорад. Дар ҳамин ҳол, тавре ки Л.Д. Гаухман, тарафи субъективии ҷиноят, муносибати равонии шахсро ба аломатҳои на танҳо тарафи объективӣ, балки объекти ҷиноятро дар бар мегирад.

Аломатҳое, ки тарафи субъективии ҷиноятро ташкил медиҳанд, гунаҳкорӣ, ангеза ва мақсади ҷиноят, эҳсосотро дар бар мегиранд.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ гуноҳ ҳамчун муносибати рӯҳии шахс ба амали барои ҷамъият хавфноки содиркардаш (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ва оқибатҳои он дар шакли қасдан ё беэҳтиётӣ муайян карда мешавад. Унсурҳои таркибии гуноҳ шуур ва ирода мебошанд, ки таркиби ҳар ҳелаи онҳо шаклҳои гуногуни гуноҳро ташкил медиҳанд. Ирода аз рӯи сохтори таркиби ҷинояти мушаххас муайян карда мешавад.

Тавре ки дар боло қайд карда шуд, субъект ҷинояти дар м. 147 КҶ ҶТ, пешбинӣ гардидаро содир намуда тарафи объективии ҷиноятро дарк кунад ва баҳо диҳад. Даркнамои бояд тамоми аломатҳои тарафи объективиро дар бар гирад: ғайриқонунӣи ворид шудан бар хилофи иродаи истқоматкунандагон. Шуури шахси гунаҳкор бояд тамоми аломатҳоро дар бар гирад, набудани ҳадди ақал яке аз онҳо гуноҳро истисно мекунад.

---

[237]Гаухман Л. Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика / Л. Д. Гаухман. 2-е изд., перераб. и доп. – М., 2002. – С. 134-135.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, мафҳуми «манзил» бояд ба таври васеъ шарҳ дода шавад, ва ҳама биноҳои барои истиқомат мувофиқро фаро гирад. Масалан, шуури одам метавонад воридшавиро танҳо ҳамчун ба як минтақаи истеҳсолӣ фаро гирад, масалан, утоқи нигоҳбон, ки ҳамзамон барои манзили кормандон истифода мешавад. Дар сурати набудани даркнамои дар бораи воридшавӣ ба манзил, дар амали шахс ҳеҷ гуна гуноҳе нахоҳад буд. Манзил дар шаклҳои анъанавии худ (манзил, ҳуҷра, хона, моликияти манзил) дар рӯҳияи инсони солим метавон танҳо манзил арзёбӣ кард. Дигар ашёе, ки ҳамчун манзил истифода мешаванд, аммо хусусиятҳои зоҳирии зарурӣ надоранд, наметавонанд ҳамчун манзил арзёбӣ шаванд. Ҳангоми ворид шудан ба онҳо лаҳзаи зеҳнӣ ҷой надорад. Аммо, агар субъект тахмин кунад, ки манзили истиқоматӣ мебошад, гарчанде ки он чунин набошад, дар он зеҳни нодуруст дар бораи ҳолатҳои амали барои ҷомеа хатарнок пайдо мешавад. Дар қонуни ҷиноятӣ қабул гардидааст, ки амалро ҳамчун иштибоҳи воқеии шахс нисбати ҳолатҳои содир шудани ҷиноят эътироф кунанд.

Бо шуури шахс, ки ба манзил ворид мешавад, инчунин, бояд аломати воридшавии ғайриқонунӣ низ дарҷ гардида бошад. Ҳамин тавр, агар шахс бар хилофи иродаи шахсе, ки дар он истиқомат мекунад, ба манзили истиқоматӣ ворид шуда, бовар дошта бошад, ки дар ин манзил шахсе ҳаст, ки фавран ба кумак эҳтиёҷ дорад, пас дар зеҳни ӯ аломати вуруди ғайриқонунӣ ҷой надорад. Даркнамоии шахс, инчунин, бояд иродаи шахсони дар манзил истиқоматкунандаро низ инъикос кунад, ки дар сурати набудани розигӣ барои дохилшавӣ ба манзил ифода карда мешавад. Он метавонад ба таври шифоҳӣ ё бо ишора ифода карда шавад, ё ба ҳеҷ ваҷҳ ифода карда нашавад, масалан, агар истиқоматкунандагон дар манзил қарор надошта бошанд.

Илова ба лаҳзаи интеллектуалӣ, вақте ки дахлнопазирии манзил вайрон карда мешавад, бояд лаҳзаи ирода низ вуҷуд дошта бошад, ки он аз хоҳиши содир кардани амали барои ҷамъият хавфнок – вуруди ғайриқонунӣ ба манзил бар хилофи иродаи истиқоматкунандагон иборат аст. Ҷинояткор бояд

хоҳони вориди маҳз ғайриқонунӣ ба манзил бошад. Хоҳиш дар амали гунаҳкор ифода меёбад. Агар шахс ғайриқонунӣ ба манзил дарояд, пас бо амали фаъолонаи худ иродаи худро баён мекунад. Истисно таъсири форс-мажор, маҷбуркунии ҷисмонӣ ё равонӣ мебошад. Бо андешаи мо, ҳангоми ворид шудан ба минтақае (ё сохтмон), ки аз берун ҳамчун манзил нишона надошта бошад ва пас аз ворид ба он дарк намои зеҳнӣ пайдо шавад, шахс вақти кутоҳи барои ихтиёри даст кашидан аз ҷиноят пайдо карда, фавран ҷойи мазкурро тарк намуда, ҷиноят будани амалашро истисно мекунад. Яъне, шахс имконияти то охир расонидани ҷинояти худро дошт ва дарк намуда ихтиёран ё пас аз талаби тарки ҷой аз тарафи соҳибманзил (дигар шахсон) ҳаракатӣ (беҳаракатии) худро бевосита катъ намуд, аломати тарафи субъёктивиро ташкил намекунад ва чӣ тавр дар боло қайд кардем, ки барои ҳисоб намудани ҳаракати шахс ҳамчун ҷиноят, бояд чор унсури хатмӣ, лозим мебошад. Масалан, 20 июли соли 2013 Н.Ф. ҳангоми ҷамъоварии ҳезум, ба назди ғори номаълум ҳозир шуда, сипас ба он ворид шуда, мушоҳида кард, ки чупонҳо ин ғорро ҳамчун манзили муваққати ҷиҳозонида, истифода мекунанд, фавран ин ғорро тарк намуда, дар беруни ғор аз тарафи чупонҳо ҳангоми баромадан дошта шуд. Дар вақти санҷиши маводҳои мазкур аз суханони худи Н. Ф. бар омад, ки пас аз дарк намудан, ки ғор манзили шахсони номаълум мебошад, онро фавран тарк намуд. Нишондоди Н. Ф-ро яке аз чупонҳо, ки даромаду баромади охиринро дар масофаи тахминан 25 ё 30 метр мушоҳида карда буд, пурра тасдиқ карданро як чанд сония муқаррар кард. Дар натиҷа парвандаи ҷиноятӣ нисбати Н. Ф. аз тарафи прокуратураи ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд санаи 18 ноябри соли 2013 бо набудани дар ҳаракатҳои Н.Ф. аломатҳои ҷинояти дар м. 147 КҶ ҶТ пешбинӣшуда, дар истеҳсолот қатъ намуда шуд. Ин қарор қонунӣ буда, таҳқиқоти дар боло гузаронидаро пурра асоснок мекунад[238].

[238] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ// парвандаи ҷинояти № 40668.

Тавре ки дар боло қайд намудем, субъект бояд дарк кунад, ки у муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи ҳаёти шахсӣ, ки тавассути манзил таъмин карда мешавад, вайрон мекунад ва хоҳони он бошад.

Таркиби вайрон намудани дахлнопазирии манзил расмӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳангоми бандубасти вайронкунии дахлнопазирии манзил, мундариҷаи иродавии қасд бо муайян намудани муносибати ирода ба амали барои ҷомеа хатарнок анҷомёфта эътироф мегардад. Бинобар ин, ҳангоми содир кардани ҷиноят тибқи м.147 КҶ ҶТ унсури иродаи қасд ҳамеша аз хоҳиши содир кардани амалҳои дар қонуни ҷиноятӣ манъшуда иборат аст, яъне он танҳо метавонад қасди бевосита бошад. Зеро, тавре натиҷаи таҳлили пурраи содиршавии ҷиноятҳои марбут ба вайронкунии ҳуқуқи дахлнопазирӣ ва таҷрибаи тафтишотию судӣ нишон медиҳад, ки бисёр шахсоне, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ бо м. 147 КҶ ҶТ кашида шудаанд, нағз намефаҳманд, ки онҳо бо роҳи хуҷум кардан ба хонаи каси дигар, масалан, ба карздорон бо мақсади баргардондани қарз, ҳангоми ҷанҷолҳои оилавӣ, ҳангоми моҷароҳои муносибатҳои байни собиқ зану шавхар, ҳамзист, шиносҳо (рафиқон, дугонаҳо) ҷиноят содир мекунанд, ки ба назари онҳо инро ҳамчун ҷиноят этироф накарда – «сабабҳои узрнок» мешуморанд.

Ҳангоми муайян намудани тарафи субъективии ҷиноят тибқи қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ бояд қайд намуд. Ин таркиби бандубастшаванда бо як хусусияти иловагӣ тавсиф карда мешавад – усули содир кардани ҷиноят, ки дорои аҳаммияти ҳуқуқии ҷиноятӣ мебошад. Ҳангоми содир кардани ин ҷиноят, субъект метавонад на танҳо аломатҳои амалӣ барои ҷомеа хатарнокро (воридшавии ғайриқонунӣ, воридшави бар хилофи иродаи истиқоматкунандагон ба манзил) содир кунад, балки хоҳиши ба таври ғайриқонунӣ ворид шудан бо зӯроварии ҷисмонӣ ё таҳдиди истифодаи он дошта бошад. Илова бар ин, шуур ва хоҳиш ё тахмин оқибатҳоеро дар бар мегирад, ки дар расонидани зарари ночиз ба саломатӣ ё дарди ҷисмонӣ

ифода ёфтаанд, ки боиси вайроншавии кӯтоҳмуддати саломатӣ ё ночиз доимӣ аз даст додани қобилияти умумии кор, нашудаанд.

Ҳангоми содир кардани вайронкунии дахлнопазирии манзил бо истифода аз мақоми хизматӣ, субъект бояд дарк намояд, ки ӯ ваколатҳои худро барои мақсадҳои ҷиноӣ истифода бурда истодааст ва дидаю дониста аз ваколатҳои мансабӣ истифода мебарад, ки онҳоро метавон масалан ҳангоми истифодаи қасдона аз либос, ҳуҷҷатҳои расмӣ, мавқеи вобастаи шахси дигар ифода кард. Вай бояд дарк намояд, ки амалҳои ӯ бо зарурати хизматӣ алоқаманд нестанд ё аз доираи ваколатояш мебароянд.

Илова бар ин аломатҳо, шуури субъект инчунин объектҳои ихтиёрии таҷовузи ҷиноятиро фаро мегирад:

- муносибатҳои ҷамъиятие, ки амнияти ҷисмонӣ ва рӯҳии шахсро таъмин мекунанд (қ. 1 м. 147 КҶ ҶТ);

- муносибатҳои ҷамъиятие, ки фаъолияти муътадили ҳокимияти давлатиро таъмин мекунанд, манфиатҳои хизмати давлатӣ ва хизмат дар ҳукуматҳои маҳаллӣ (қ 2 м. 147 КҶ ҶТ ).

Аммо, агар вайронкунии дахлнопазирии манзил танҳо бо қасди бевосита содир шуда бошад, пас зарар ба саломатии инсон метавонад ҳам бо нияти муайян ва ҳам номуайян рух диҳад (масалан, ҷинояткор бо партофтани ашёи вазнин ба ҷабрдида зарар мерасонад). Аз ин рӯ, дар робита бо таҷовузи ҷиноятӣ ба саломатии инсон, қасд метавонад ҳам бавосита ва ҳам бевосита бошад.

Ангеза ва мақсад мафҳумҳои ба ҳам алоқаманд, аммо шабеҳ нестанд. Ангеза ба саволе ҷавоб медиҳад, ки *чаро шахс ин ё он амалро содир мекунад*, ҳадаф бошад ба саволи, ки *шахс ҳангоми содир кардани ҷиноят чӣ мехост ба даст орад.* Ангеза ва мақсади ҷиноят аҳаммияти муҳими ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва криминологӣ доранд, зеро, таърифи дурусти онҳо имкон медиҳад, ки ҳақиқатро дар парванда муқаррар карда шавад. Ангеза, ки бевосита ба шахсият, хусусиятҳои иҷтимоию психологии он марбут аст, дар

фардикунонии ҷавобгарии ҷиноӣ ва ҷазо ҳангоми ҳалли дигар масъалаҳои қонуни ҷиноятӣ накши муҳим мебозад.

Ангезаи ҷиноят на ҳама вақт аз ҷониби қонунгузор ба рӯйхати аломатҳои ҳатмии таркиби ҷиноят дохил карда мешавад, гарчанде ки ангезаи дар ҳама гуна рафтор ҳамеша ҷой дорад. Қонунгузор ангезаҳоро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммиятдошта, ки бо татбиқи минбаъдаи қонуни ҷиноӣ аҳаммияти ҳуқуқӣ пайдо мекунанд, тақсим мекунад[239].

Масалан, вобаста ба парвандаи бо аризаи С. А., ки бо моддаи 147 баррасӣ мегардад масъалаи аҳаммияти ҷиноятии ангезаи ҷиноят ҳам аз ҷониби суди марҳилаи якум ва ҳам аз ҷониби судҳои марҳилаҳои минбаъда хато ҳал карда шуд, ки боиси он гардид, ки шахси гунаҳкор аз ҷавобгарӣ озод гардид. Ҳамин тавр, бо ҳукми судяи суди ш. Хуҷанд аз 22 ноябри соли 2016 шаҳрванд М. Д., ки аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ дар содир кардани ҷиноят тибқи қ 1 м. 147 КҶ ҶТ айбдор гардида буд, дар асоси қ.1 м. 27 КМҶ ҶТ, бинобар сабаби ҷой надоштани ҳодисаи ҷиноят сафед карда шуд. Суд далелҳои дар мурофиа тафтишшударо баҳогузорӣ карда, исбот накард, ки судшаванда М. Д. ғайриқонунӣ ба манзил бар хилофи иродаи ашхоси дар он дохилшуда, яъне С. А. ворид гардид ва ҳамин тавр бандубасти амалҳои ӯро тибқи қ. 1 м. 147 КҶ ҶТ мазкур нодуруст бандубаст гардид.

Суд дар асоси он, ки дар доираи маънои қонун, вайронкунии дахлнопазирии манзил, ки иборат аз ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил аст, ки бар хилофи иродаи шахсони дар он истиқоматкунанда содир шудааст, қасдан бевосита пешбинӣ кардааст, ба хулосае омад, ки дар рафти мурофиа мавҷудияти қасд муқаррар ва исбот нашудааст. Суд далелҳои зеринро истифода бурд, ягона мақсад ва сабаби ворид шудани М. Д. ба манзили ҷабрдида идомаи муноқишаи қаблан ба вуҷуд омада набуда, хоҳиши узрхоҳӣ намудан аз С. А. буд. Амалҳои айбдоршаванда аз хоҳиши ғайриқонунӣ ворид гаштан ба манзил гувоҳӣ намедиҳанд, ки М. Д. барои содир кардани ҷиноят

[239] Чурсин А.И. Уголовно-правовое значение мотива нарушения неприкосновенности жилища // Криминалист. 2018. № 3 (24). – С. 78-80.

омода нагардидааст, пас аз мунокишаи ногаҳонӣ бо либоси хонагӣ аз манзил баромадааст.

Тавре дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки таърифи мушаххаси аломатҳои таркиби ҷиноят, аз ҷумла ангезаи он, дар парвандаи ҷиноятӣ баъзан аҳаммияти ҳалкунанда дорад[240]. Дар сурати бандубасти кирдори шахс тибқи м. 147 КҶ ҶТ, ангезаи ҷиноят метавонад ҳама гуна бошад ва барои ин намуди ҷиноят ҳалкунанда нест, зеро, ҷиноят бо қасди бевосита содир шудааст. Ҷинояткор дарк мекунад, ки дахлнопазирии манзилро вайрон мекунад ва мехоҳад амалҳои зикршударо иҷро кунад.

Аммо, бо мақсади рафъи душвориҳои тафсири таркиби вайронкунии дахлнопазирии манзил, дар диспозитсияи м. 147 КҶ ҶТ ба аломатҳои ҳатмии тарафи субъективӣ бо нишон додани шакли гуноҳ бевосита ё тавассути илова намудани калимаи «дидаю дониста» муқаррар кардани нияти бевоситаро нишон медиҳанд, зарур аст.

Ҳамин тариқ, дар бандубасти таркибҳо гуноҳи субъект бо аломатҳои иловагӣ тавсиф карда мешавад: дар б. «а» қ.2 м.147 КҶ ҶТ – огоҳӣ ва хоҳиши истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, дар б. «б» қ.2. м. 147 КҶ ҶТ – огоҳӣ ва хоҳиши истифодаи ваколатҳои мансабӣ. Ҳамзамон, хавфи ҷамъиятии кирдорҳои ҷиноятӣ меафзояд, зеро, шуур ва иродаи субъект на танҳо ба вайрон кардани дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ дар манзил, балки ба манфиати чунин шахс, ба монанди тамомияти ҷисмонӣ ва рӯҳии ӯ, инчунин, бар зидди манфиатҳои хизмат дар мақомоти давлатӣ, корманзилҳо ва муассисаҳои давлатӣ, шаҳрӣ, тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо равона гардидааст.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили зербоби мазкур хулосаҳои зеринро баровардан лозим аст.

1. Субъекти вайрон кардани дахлнопазирии манзил шахси воқеии мукалафи ба синни 16 расида мебошад. Субъекти махсуси ин ҷиноят шахси дорои мақоми расмӣ хизмати хоҳад буд. Истифодаи мақоми хизматӣ бо

[240] Ермакова О.В. Конструкция состава нарушения неприкосновенности жилища: недостатки законодательной модели / О. В. Ермакова // Алтайский юридический вестник. – 2020. – № 3(31). – С. 72-75.

мақсади ворид шудан ба манзил бояд ҳамчун ғайриқонунӣ истифода бурдани салоҳиятҳо, аз ҷониби шахси мансабдор, шахси иҷрокунандаи вазифаҳои роҳбарикунанда ё хизматие, ки шахси мансабдор нест, инчунин, маълумоти расмӣ, воситаҳои махсуси техникӣ, эътимоди шаҳрвандон ва имконитҳои дигар вобаста ба хизмати давлатӣ ё хусусӣ фаҳмида шавад.

2. Тарафи субъективии ҷиноят м. 147 КҶ ҶТ танҳо бо қасди бевосита тавсиф карда мешавад, ки пеш аз ҳама аз огоҳӣ оид ба ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил ва дигар объектҳои моликияти манзил ва хоҳиши содир кардани ин кирдори барои ҷомеа хавфнок зоҳир мегардад. Дар таркибҳои бардубастшаванда, субъект аз усули содир кардани ҷиноят (истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он, истифодаи мақоми хизматӣ) огоҳ аст, мехоҳад маҳз бо ҳамин усулҳо вайрон намудани дахлнопазирии манзил содир кунад.

### 2.4. Аломатҳои бандубастшавандаи вайрон намудани дахлнопазирии манзил

Аломатҳои бандубастшаванда он ҳолатҳое дониста мешаванд, ки ҷиноятро вазнин мекунанд ва дар моддаи қисми махсуси ҚҶ ҶТ ҳамчун аломати таркибии ҷиноят пешбинӣ гардидаанд. Бояд қайд намуд, ки ҳолатҳои ҷиноятро вазнинкунанда, агар онҳо ба таркиби ҷиноятӣ мушаххас дохил карда шуда, ҳамчун аломати ин ҷиноят пешбинӣ гардида бошанд, онҳо набояд ҳамчун аломатҳои бандубастшавандаи ҷиноят такроран татбиқ шаванд. Дар қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ аломати бандубастшаванда вайрон намудани дахлнопазирии манзил бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он пешбинӣ гардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки зӯроварӣ дар «Луғати забони Тоҷикӣ» М.С. Осимӣ «маънои истифодаи қувваи ҷисмонӣ, таъсири маҷбурӣ ба касе, расонидани ҷабр, зурӣ, зулм ва таҷовуз дорад»[241].

Ҳангоми таърифи зӯроварӣ, муҳаққиқон пеш аз ҳама ба истифодаи қасдонаи қувваи ҷисмонӣ тамаркуз мекунанд. Ҳамин тавр, П.А. Базаров бо

---

[241] М.С. Осимӣ// Луғати забони Тоҷики ҷ.1. – С. 534.

зӯроварӣ маънои қасдан истифода бурдани қувваи ҷисмонӣ (қувваи мушакии шахс ё бо ёрии аслиҳа, дигар ашёҳо, ба воситаи беморони рӯҳӣ, ноболиғон ё ҳайвонот) нисбат ба шахси дигар, ки ба вайрон кардани дахлнопазирии ҷисмонии шахс, расонидани зарар ба саломатӣ ё ҳаёт равона карда шудааст[242].

Дар таълимоти қонуни ҷиноятӣ зӯроварӣ ба зӯроварии ҷисмонӣ ва зӯроварии рӯҳӣ тақсим карда мешавад.

Ю.В. Радостева зери мафҳуми «зӯроварии ҷисмонӣ» таъсиррасонии қасдонаи ба ҷомеа хатарнок, ба ҷисми инсонро мефаҳмад, ки бар зидди иродаи ҷабрдида амалӣ карда мешавад ва ба вайрон намудани дахлнопазирии ҷисмонӣ равона карда шудааст, зери «мафҳуми зӯроварии равонӣ» бошад – таъсиррасонии қасдонаи ба ҷамъият хавнок ба рӯҳияи инсон, ки бар хилофи иродаи ӯ, ба вайрон кардани дахлнопазрии рӯҳӣ нигаронида фаҳмида мешавад[243].

Л.Д. Гаухман қайд менамояд, ки дар қонуни ҷиноятӣ истилоҳи «зӯроварӣ» танҳо ба зӯроварии ҷисмонӣ дахл дорад. Ҷавобгарӣ барои зӯроварии рӯҳӣ бояд дар диспозитсияи меъёри қонуни ҷиноятӣ махсус пешбинӣ карда шавад[244]. Ҳамин тавр, диспозитсияи қ 2 м. 147 КҶ ҶТ ҳарду намуди зӯровариро дар бар мегирад: ҷисмонӣ ва рӯҳӣ.

Ба андешаи Р.Д. Шарапов, зӯроварии ҷисмонӣ дар баъзе таркибҳои ҷиноят ҳамчун кирдори асосӣ дар тарафи объективӣ ва дар дигар таркибҳо – ҳамчун унсури факултативии тарафи объективӣ, яъне: воситаи ҷиноят фаҳмида мешавад. Зӯроварии ҷисмонӣ ҳамчун воситаи ҷинояткорӣ содиршавии тавассути рафъи муқовимати ҷабрдида кирдори асосиро осон менамояд[245]. Тибқи андешаи Р.Д. Шарапов зӯроварии ҷисмонӣ дар вайрон намудани дахлнопазирии манзил, воситаи ҷиноят аст. Дар ин таркиби бандубастшаванда, объекти таҷовуз, ба монанди таркиби асосӣ

[242]Базаров Р. А. Уголовно-правовая характеристика насилия / Р. А. Базаров // Проблемы обеспечения личной безопасности граждан: труды / Акад. МВД России. – М., 1995. – С. 42-43.
[243]Радостева Ю. В. Указ. соч. – С. 10.
[244]Гаухман Л. Д. Насилие как средство совершения преступления / Л. Д. Гаухман. – М., 1974. – С. 75.
[245]Шарапов Р. Д. Физическое насилие в уголовном праве / Р. Д. Шарапов. СПб., 2001. С. 29.

муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳаёти шахсӣ мебошад, ки тавассути манзил ва дигар объектҳои моликият таъмин карда мешаванд, инчунин, муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дахлнопазирии ҷисмониро таъмин мекунанд. Ӯ ҳам низ объекти зӯроварии ҷисмонӣ ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки мавҷудияти амнияти ҷисмонии одамро таъмин мекунанд, шарҳ медиҳад аз ҷумла: манфиатҳои ҷисмонӣ ба монанди ҳаёт, саломатӣ ва озодии ҷисмонӣ[246]. Зӯроварии ҷисмонӣ, чун қоида, тавассути таъсири ҷисмонӣ сурат мегирад. Дар доираи ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил зӯроварии ҷисмонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст, ки дахлнопазирии чунин манфиатҳоро ба монанди саломатӣ ва амнияти ҷисмонӣ, ки дар натиҷаи осеби ночиз ба саломатӣ ба вуҷуд омадаанд ва дар як бемории кӯтоҳмуддати саломатӣ ё каме доимӣ аз даст додани қобилияти умумии кор ё боиси дарди ҷисмонӣ, боиси ихтилоли кӯтоҳмуддати саломатӣ ё нобудшавии доимии қобилияти умумии кор нашудааст. Агар зӯроварӣ бо расонидани зарари сабук, миёна ё вазнини ҷисмонӣ ё марг ба ҷабрдида ҳамроҳӣ шуда бошад, амал бояд аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад[247]. Ин ҳолатро дар амалияи тафтишоти қобили барраси аст.

Мисоли №1: Ч.З. шаби 6 майи соли 2017 тахминан соатҳои 23 дар ҳолати мастии дараҷаи миёна (дар асоси хулосаи тибби) ба манзили истиқоматии А.З. бо истифодаи зӯроварӣ, яъне тела додани ҷабрдида, ворид шуд. Бинобар дар ҳаракатҳои гумонбаршуда танҳо истифодаи зӯроварӣ, ки боиси расонидани зарар ба саломати алоқа набуда дида шуд, аз тарафи прокуратураи ноҳияи Тоҷикободи, парвандаи ҷинояти бо б. «а» қ.2. м. 147 КҶ ҶТ оғоз карда шуд[248].

Мисоли №2: санаи 07.09.2020 сол С.С. аз хусумати шахсӣ, дари манзили истиқоматии Р.Р.-ро тақ-тақ намуда, ҳангоми кушодани дари даромад ба ҷабрдида хуҷум карда, бо истифодаи зӯроварӣ, ғайриқонунӣ ба манзили

[246]Шарапов Р. Д. Указ. соч. С. 169-173.
[247]Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. С. 268.
[248] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ// парвандаи ҷинояти № 21817.

истиқоматии охирин ворид шуда, бо корди дардастбуда ба бадани соҳибманзил ва собиқ ҳамсараш Б.Ф. чанд маротиба зарба задааст. Дар натиҷаи истифодаи зӯроварӣ аз тарафи гуманбар С.С., ҷабрдида Р.Р. ба ҳалокат расида, собиқ ҳамсараш Б.Ф. зарари миёнаи саломатӣ мебардорад. Дар вақти бандубасти ҳаракатҳои С.С., аз ҷониби қисми тафтишотии прокуратураи ноҳияи Шаҳритус, ба ҳаракатҳои ӯ баҳои дурусти ҳуқуқи дода, нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ бо аломатҳои моддаи 104, ва қ.2 м.147 КҶ ҶТ оғоз карда шуд[249]. Дар мисоли мазкур ҳаракати бандубастшавандаи гумонбар С.С. дар истифодаи зӯроварӣ ҳангоми ворид шудан ба манзили ҷабрдидагон дида мешавад, аз ин лиҳоз баҳои ҳуқуқии ҳаракати ӯ дуруст дода шуд.

Мисоли №3: Т.А. бо сабаби доштани хусумати шахсӣ нисбати холааш Ю.Р. вобаста ба тақсими маблағи фурӯши манзили аз модаркалонашон меросмонда, шаби 10 ба 11-уми январи соли 2021 тахминан соати 03[20] дақиқа аз манзили истиқоматиаш, воқеъ дар шаҳри Вахдат, Ҷамоати деҳоти Р.Исмоилов, даҳаи Ситораи Сурх ба воситаи автомашинаи кироя ба назди манзили истиқоматии холааш Ю.Р., воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Куктош рафта, бинобар маҳкам будани дари даромад ба воситаи девор ғайриқонунӣ вориди манзили истиқоматии охирин шудааст. Пас аз ворид шудан ба манзили истикоматӣ Т.А. ба рӯяш ниқоби қаблан омоданамудаашро кашида, барои амалӣ намудани қасди куштори Ю.Р. ва шавҳараш П.Т. ба ҳуҷраи хоби онҳо даромада, аз ҳолати оҷизӣ, яъне хоб будани онҳо истифода бурда, бо табари қаблан бо худ гирифтааш 4 маротиба ба сари Ю.Р., мезанад. Аз доду фиғони Ю.Р. шавҳараш П.Т. бедор шуда, мехоҳад сади роҳи Т.А. шавад, аммо Т.А. бо табари дар дасташ буда 4 маротибаи дигар ба сари П.Т. мезанад, ки дар натиҷа Ю.Р. ва шавҳараш П.Т. ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ ба саломатиашон мебардоранд. Аз ин ҳолат, писарони П.Т.– П.А. ва ҳамсари охирин М.Н. огоҳ шуда, Т.А.-ро дастгир

[249] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ// парвандаи ҷинояти № 59633.

кардаанд, ки охирин мақсадашро оиди куштори Ю.Р. ва П.Т. новобаста аз иродааш ба охир расонида натавонистааст. Бо ҳукми коллегиям судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ аз 29 апрели соли 2021 Т.А. бо моддаҳои 32 қисми 3 қисми 2 бандҳои «а,в,е» ва м. 147 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо ба ӯ ҷазои ниҳоӣ ба мухдати 16 солу 6 моҳ маҳрум сохтан аз озодӣ бо адои ҷазо дар колонияи ислоҳии низомаш сахт таъин карда шуд. Дар чунин мисол баробар ба дигар моддаҳои категорияи вазнин бандубасти ҷиноятӣ бо қ. 1 м. 147 КҶ ҶТ, бо фикри мо дуруст баҳо дода шуд, чунки чи тавр аз ҳукм бар меояд, айбдоршаванда бо тариқи пинҳони, яъне истифода аз вақти шабона бо воситаи девор ғайриқонунӣ вориди манзил шуд ва ягон аломати иловагии пешбинӣшудаи м. 147 КҶ ҶТ дида намешавад.

Инчунин, санаи 27 феврали соли 2013 шаҳрванд К.С. бо истифодаи зуровари, ба монеъгии соҳиби манзил Н.С. аҳмият надода, онро лату куб намуда доҳили манзили истиқоматиаш шуд, ки дар натиҷа аз тарафи ШВКД-и шаҳри Роғун парвандаи ҷинояти бо б. «а» қ 2 м. 147 КҶ ҶТ оғоз гардидааст[250].

Таҳдид ҳамчун таъсир ба фаъолияти рӯҳии ҷабрдида тавассути огоҳ кардани ӯ дар бораи содир намудани ё дар оянда содир намудани амалҳои номатлуб (зараровар) барои ӯ ё шахсони наздики ӯ, бедор кардани ҳисси тарс ва дар маҷбур кардани ӯ ба ҳама гуна фаъолият ё беҳаракатӣ зоҳир мегардад. Таҳдид ҳамчун як намуди рафтори ҷиноятӣ ва ҳамчун тарзи содир кардани ҷиноят ҳисобида мешавад. М.А. Фомичева таҳдидро ҳамчун як намуди рафтори ҷиноӣ таъсири ғайриқонунӣи иттилоотии барои ҷамъият хавфнок ба ҷабрдида меҳисобат [251]. Қисми 2 м. 147 ҚҶ ҶТ чунин усули содир кардани ин амалро ҳамчун таҳдиди зӯроварӣ пешбинӣ мекунад. Объекти таҳдиди зӯроварии ҷисмонӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки амнияти рӯҳии инсонро таъмин мекунанд.

---

[250] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ // Парвандаи ҷиноятии № 29814.

[251] Фомичева М. А. Угроза как способ совершения преступления: дис. ... канд. юрид. наук / М. А. Фомичева. – Ульяновск, 2007. – С. 10

Зӯроварии рӯҳӣ ба вайрон кардани амнияти рӯҳии шахс нигаронида шудааст, чун қоида, тавассути таъсири иттилоотӣ сурат мегирад. Бо вуҷуди ин, таъсир метавонад ҷисмонӣ бошад, ба монанди торсакӣ дар рӯ ё таҳдида бо корд ва ғ. Зӯроварии рӯҳӣ ба рӯҳияи инсон ғайрирасмӣ таъсир мерасонад ва барои пахш кардани ирода равона карда шудааст, ки воридшавиро ба манзил пешгирӣ мекунад. Воқеан, ки аз тарси таҳдиди зӯроварии ҷисмонӣ то куштор, шахс маҷбур мешавад роҳҳо интихоб кунад, ки ҳадафи он ҳифзи манфиатҳои муҳимтарин барои ӯ бошад (ҳаёт, саломатӣ, солимии бадан), дигар манфиатро қурбон менамояд. Бо назардошти ин далел, шахсе, ки ҷиноят содир мекунад, бо истифода аз таҳдид метавонад ба муқовимати ҷабрдида таъсир расонад. Аммо, таҳдиди зӯроварӣ бояд ғайриқонунӣ ва ба ҷамъият хавфнок бошад. Барои ин, таҳдид бояд чунин аломатҳоро дошта бошад: мавҷудияти далели тарсонидани ҷабрдида бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, таҳдид, воқеии будани таҳдид, лаҳзаи эҳтимолан татбиқи таҳдид (фавран ё дар оянда), шиддати таҳдид.[252] Дар амал таҳдиди зӯровари дар несту нобут кардани молу мулки ҷабрдида зоҳил мегардад, дар мисол: санаи 10 октябри соли 2016, Б. К. бо таҳдиди истифодаи зӯроварӣ, яъне таҳди алов задани автомошинаи дар назди манзили С. Д. қарор дошта бо зарфи бензин дар даст буда, ба дохили ҳавлии оҳирин ворид шуд ва С. Д.-ро дашномҳои қабеҳ кард. Аз ин лиҳоз прокуратураи ноҳияи Ҳамадонии вилояти Хатлон, нисбати Б. К. парвандаи ҷиноятӣ – бо аломати дар банди «а» қ. 2 м.147 оғоз кард. Бандубаст бо банди «а» к.2 м. 147 КҶ ҶТ аз тарафи мақомоти прокуратура бо фикри мо дуруст карда шуд, чунки дар ҳаракати гумонбаршуда пеш аз вайронкардани дахлнопазирии манзил аз тарафи гумонбаршуда таҳдиди сузондани моликияти ҷабрдида, яъне автомошинаи шахси, шуда буд, ки онро дуруст таҳдиди истифодаи зӯроварӣ баҳогузори намудаанд[253].

[252] Иванова В. В. Преступное насилие: учеб. пособие для ВУЗов / В. В. Иванова; Юрид. нн-т МВД России. – М., 2002. – С. 32
[253] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ// парвандаи ҷинояти № 6600.

Барои арзёбии хавфи ҷамъиятӣ ва ғайриқонунӣ будани таҳдид, аломатҳои дар боло зикршуда муҳиманд. Бинобар ин, эътироф кардани таҳдиди воқеие, ки бо сабаби аз ҳад зиёди тарсу ҳаросро ба вуҷуд овардааст ва аз ин рӯ, барои ҷомеа хатарнок ва ғайриқонунӣ аст, имконнопазир мебошад. Инчунин, таъсиси ин аломатҳо барои тафовути таркибҳои қ. 1 ва қ. 2 147 КҶ ҶТ зарур мебошанд. Зеро, таъсири рӯҳӣ ба иродаи ҷабрдида дар таркиби асосӣ мавҷуд аст. Аммо, танҳо дар сурати мавҷуд будани ин аломатҳо, амал ҳамчун воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил бо таҳдиди зӯроварӣ эътироф карда мешавад.

П.А. Базаров зери мафҳуми таҳдиди зӯроварӣ тарсондан бо сухан, имову ишора, нишон додани силоҳ, ашёи дигаре, ки барои расонидани зарари ҷисмонӣ мутобиқ карда шудаанд ё ба таври дигар бо истифода аз қувваи ҷисмонӣ нисбат ба ҷабрдида шарҳ медиҳад[254].

Ҳамин тавр, С. Н. дар ҳалати масти, Ҷ.С.-ро бо таҳдиди истифолаи зӯроварӣ тарсонда ба дохили манзили охирин ворид шуд. Дар рафти суд, ҷабрдида қайд кард, ки аз овози баланди айбдоршаванда, ки бо нишонаи истифодаи зуроварӣ тарсида аз назди дари даромад гурехта бо дохили хоҷатхона даромадаи пинҳон шуд[255]. Ғайриқонунӣ даромадан ба манзил бар хилофи хоҳиши шахси дар он истиқоматкунанда бо истифода аз зӯроварии рӯҳӣ, дар баробари вайрон кардани дахолатнопазирӣ, ҳамеша оқибатҳо дар шакли ранҷу азобҳои равонӣ, осеби равонӣ дорад, аз ин рӯ, ин ҷинояти хатарнок мебошад ва ҷавобгарии ҷиноятиро тақозо мекунад, чунки, оқибати он метавонад боз дар рӯҳияи (психикаи) шахс мудати зиёд дар ёд буда ба дучори касалии рӯҳи ба намуди депрессия мубадал созад.

Дар умум, воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил, ки бо истифода аз зӯроварии ҷисмонӣ сурат гирифтааст, ба вайрон кардани дахлнопазирии ҷисмонии шахс, яъне саломатӣ, амнияти ҷисмонӣ нигаронида шудааст ва чун

---

[254] Базаров Р. А. Преступность несовершеннолетних: криминальное насилие, меры противодействия / Р. А. Базаров; М-во внутр. дел Рос. Федерации, Екатеринбург, высш. шк. – Екатеринбург, 1995. – С. 32, 33.
[255] Бойгонии суди ш. Душанбе // Парвандаи ҷиноятии №1-221/16.

қоида тавассути таъсири ҷисмонӣ сурат мегирад. Воридшавии ғайриқонунӣ бо истифода аз зӯроварии рӯҳӣ ба вайрон кардани амнияти рӯҳии шахс, чун қоида, тавассути таъсири иттилоотӣ амалӣ мегардад. Бо дарназардошти мавҷудияти аломати бандубастшванда, ки дар қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, ду воситаи содир кардани ҷиноят «бо истифода аз зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он» бояд бевосита дар қонуни ҷиноятӣ бо истинод ба намуди муайяни зӯроварии истифодашуда нишон дода шавад, яъне вайрон кардани дахлнопазирии манзил бо истифода аз зӯроварии ҷисмонӣ ё таҳдиди истифодаи он.

Зери мафҳуми «истифодаи зӯроварӣ» қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ (м.112 КҶ ҶТ ), лату куб (м.116 КҶ ҶТ), таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (м.120 КҶ ҶТ ), фаҳмида мешавад. Агар қасди расонидани зарари миёна ба саломатӣ (м.111 КҶ ҶТ): қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (м. 110 КҶ ҶТ ) ё ин, ки одамкушӣ (м. 104) бошад, таҳдиди несту нобут кардани моликият (м. 255 КҶ ҶТ) он гоҳ гунаҳкор аз руи маҷмуи моддаҳои КҶ ҶТ барои расонидани зарар ба саломати ҳаёт ва вайрон намудани дахлнопазирии манзил ба ҷавобгарӣ ҷиноятӣ кашида мешавад.

Хамин тавр: аломати бандубастшаванда бо истифода аз зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он, бояд бевосита дар қонунгузории ҷиноятӣ бо истинод ба як намуди зӯроварии мушаххас нишон дода шавад, яъне: вайрон кардани дахлнопазирии манзил бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё таҳдиди истифодаи он, қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ чунин ифода карда шавад: ҳамин кирдор *«бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё таҳдиди истифодаи он содир шудааст».*

## 2.5. Дурнамои рушди Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил

Дар баробари гуфтаҳои боло, бояд дар назар дошт, ки усули ворид шудан ба манзил ё моликияти дигари шахс метавонад ошкоро ё пинҳонӣ, инчунин бо роҳи фиреб содир карда шавад.

Махфӣ ворид шудан ба манзил ё моликияти дигари шахс аз он иборат аст, ки шахси гунаҳкор чунин мешуморад, ки ӯ ин корро ба дигарон ва дар навбати аввал худи чабрдида нодида амалӣ намуда истодааст. Агар аз ғайриқонунӣ даромадани ҷинояткор касе пай бурда бошад, вале ин ҳолат дар шуури ӯ инъикос наёфта бошад (гунаҳкор боварии худро давом медод, ки ӯ аз тарафи муҳити ноаён рафтор карда истодааст), ин гуна кирдорро ҳамчун воридшавии пинҳонӣ ҳисоб кардан лозим аст.

Ирода бояд ҳамчун розигӣ ё хоҳиши истиқоматкунанда барои қабули шахси дигар ба манзили худ, ки дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ (созишнома) ифода ёфтааст, инчунин, дар шакли амалҳои номуайян (ишораи сар, ҳаракати даст) дар айни замон фаҳмида шавад ворид шудан ба манзил ва қаблан гирифташуда (масалан, шартномаи қаблан басташуда). Ғайриқонунӣ даромадан ба манзил на танҳо бар хилофи иродаи шахси дар он истиқоматкунанда яъне ворид шудан бе иродаи ӯ эътироф мегардад.

Шахси қонунан истиқоматкунанда дар ин ҳолат, аз имконияти амалӣ кардани ҳаёти шахсии худ, новобаста аз ҳузури шахси бегона дар манзили худ маҳрум карда мешавад – ба ин васила дахлнопазирии ҳаёти шахсии дар маззил ба вуқуъ омада вайрон карда мешавад. Аммо, пешниҳод карда мешавад, ки эътироф кардани ҷазои ҷиноятӣ на танҳо тарк накардани манзил, балки дигар объектҳои моликияти манзил, ки дар доираи он ҳаёти шахсӣ низ амалӣ карда мешавад.

Ҷунин шакли тарафи объективии ин ҷиноят, ба монанди азназаргузаронии ғайриқонунӣ ё кофтуков дар манзил ворид шудан ба онҳо, ки ғайриқонунӣ мебошад, қонунгузор пешбинӣ накардааст. Ба андешаи мо, кирдори мазкур дараҷаи ниҳоят баланди хавфи ҷамъиятӣ дорад, ки ба вайрон кардани дахлнопазирии манзил нигаронида шудаанд ва он аз тарафи шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлат ваколатдор – намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба амал меояд. Аниқтараш, инҳо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошанд, ки тибқи қонун салоҳияти анҷом додани амалҳои

тафтишотӣ, аз қабили экспертиза ва кофтуковро дар ҷараёни таҳқиқ ё пешбурди тафтишоти пешакӣ доранд.

Бояд қайд намуд, ки дар асосҳои дар қонун пешбинӣшуда, аз ҷумла фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, шахси алоҳида низ метавонад чунин амалҳоро анҷом диҳад: ба манзили каси дигар ворид шавад, онро аз назар гузаронад, биноро аз назар гузаронад, ашёи алоҳидаро пайдо кунад, ашё, ҳуҷҷатҳоро мусодира кунад, ҳаракатҳои дар қайд шударо бо истифодаи техника сабти видеоӣ ё овозӣ кунад ва ғайра. Чунин амалҳоро метавон ба маънои васеъ бо амалиёти оперативӣ, таҳқиқ, тафтишотӣ, азаназаргузаронӣ, кофтуков, мусодира номид. Лекин чунин амалҳо бе тартиб додани ҳуҷҷатҳои лозима, ҳамеша ғайриқонунӣ буда, мафҳуми «даромади ғайриқонунӣ ба манзил»-ро фаро мегиранд.

Бо вуҷуди ин, амалҳои мансабдорон бояд тибқи қ 2 м. 147 КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки на танҳо кормандони мақомоти таҳқиқ, тафтишот, прокуратура, субъекти вайрон намудани дахлнопазирии манзил мешаванд, инчунин, амали шахсонеро низ фаҳмидан лозим аст, ки тафтишро бе тартиб додани ҳуҷҷат, бе риояи тартиби муқараршуда анҷом медиҳанд, аз ҷумла, коменданти хобгох, директори мехмонҳона, раиси қишлоқ ва ғайра.

Татбиқи чунин пешниҳод ба ҳеҷ вақт сатҳи ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз дахлнопазирии манзил ё дигар моликияти шахсиро заиф намекунад, зеро, ин гуна амалҳо мувофиқи қ.2 м.147 КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд, ки ба дараҷаи оммавии онҳо мувофиқат мекунанд. Сабаби криминализатсияи чунин ҳаракатҳо муқаррароти КМҶ ҶТ мебошад, ки дар асосӣ он тафтиш ва кофтуковро ҳамчун амали тафтишотӣ гузаронида мешавад.

Ҳама ҳаракатҳои тафтишоти пешакӣ пас аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва қабули он ба истеҳсолот гузаронида мешавад. Тафтишоти пешакӣ бо тартиб додани хулосаи айбдоркунӣ ё қарор дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ё қарор дар бораи фиристодани он ба суд барои ҳалли татбиқи чораҳои маҷбурии тиббӣ анҷом меёбад. Ҳамин тариқ, ин лаҳзаҳо

ҳудуди тафтишоти пешакиро муайян мекунанд ва аз ин рӯ, сарҳадҳоеро, ки тибқи қонун тафтиш ва кофтуков гузаронида мешавад, муайян мекунад.

Консепсияи анҷом додани амалҳои мурофиавӣ дар манзил ва дигар моликияти шахсӣ дар кишвари мо ба мавқеъҳои рафтори онҳо новобаста аз иродаи шахс, вале, бо мавҷудияти ҳатмии асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои ин, яъне содир кардани онҳо пас аз ҳатмӣ асос ёфтааст. Дар сурати мавҷуд набудани асосҳои воқеӣ ё ҳуқуқӣ қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишвари мо имкон медиҳад, ки азназаргузаронӣ дар манзил ё дигар моликияти шахс бо розигии ӯ гузаронида шавад.

Ба андешаи мо, онҳо метавонанд аз ҷониби ашхосе амалӣ гарданд, ки шахсони мансабдор намебошанд. Аз ин рӯ, кирдори коменданти хобгоҳ, директори меҳмонхона ё раиси деҳа, ки аз рӯи аломатҳо ва ҳадафҳои берунии худ бо амалҳои тафтишотии дахлдор мувофиқат мекунанд, бояд тибқи қ. 1 м. 147 КҶ ҶТ ҳамчун воруди ғайриқонунӣ ба манзил эътироф карда шаванд.

Ҳамзамон, амалҳое, ки дар қ. 1 м. 147 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, агар аз ҷониби шахси мансабдор содир шуда бошад, мутобиқи қ.2 ҳамин модда бандубастро талаб мекунанд, зеро, чунин субъекти махсус дар таркиби ҷинояти таҳлилшуда нақши аломати бандубасатшавандаро доранд.

Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи, ки ваколати гузаронидани санҷиш ё кофтуков доранд, ҳамеша ба хислатҳои шахси мансабдор мувофиқат мекунанд, зеро, онҳо намояндагони мақомот мебошанд.

Азназаргузаронӣ амали тафтишотӣ мебошад, ки бо мақсади ба даст овардани далелҳо бо роҳи мушоҳидаи визуалӣ ва азназаргузаронии осори ҷиноят ва дигар манбаъҳои моддии иттилооти далелӣ анҷом дода мешавад. Асос барои санҷиш аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор гирифтани маълумоте мебошад, ки дар натиҷаи ин амали тафтиши мумкин аст, далелҳои бо парванда аҳаммият доштаро ба даст оварда шавад.

Азназаргузаронии манзил ё моликияти дигари шахс бояд чун қоида бо ризоияти шахси манфиатдор сурат гирад. Бе ризоияти соҳиби манзил

азназаргузаронии маҷбурии манзил асосан танҳо бо қарори асосноки судя ва танҳо дар холатҳои таъхирнопазирӣ вобаста ба наҷоти ҳаёт ва молу мулк ё ба ҷавобгарии бевосита кашидани шахсони гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят, гузаронида мешавад.

Барои азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар манзил ё дигар моликияти шахс дар ҳолатҳои таъхирнопазир, ки тибқи ариза ё огоҳии ӯ дар бораи содир намудани ҷиноят, инчунин, дар набудани ин шахс ё имконнопазирии гирифтани розигӣ аз ӯ барои гузаронидани муоинаи таъҷилии ҷои ҳодиса, ҳалномаи суд лозим нест. Аммо, дар муддати 24 соат оиди ҳаракати мурофиавии мазкур бояд ё ба прокурор ё суд хабарнома ирсол карда шавад.

Кофтуков дар ҳолатҳое анҷом дода мешавад, ки далелҳои кофӣ вуҷуд дошта бошанд, ки дар як ҳуҷра ё ҷои муайян ё шахси муайян:

- олоти ҷиноят;
- ашё ва арзишҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд,
- дигар ашё ва ҳуҷҷатҳое, ки барои муқаррар намудани ҳақиқати парванда ё таъмини даъвои гражданӣ аҳаммияти калон доранд;
- шахсони дар ҷустуҷӯ қарордошта;
- ҷасадҳо,
- ҳайвонот.

Барои дуруст фаҳмидани доираи амалҳое, ки мафҳуми «кофтукови ғайриқонунӣ»-ро ташкил медиҳанд, таснифоти ҷустуҷӯи В.М.Тертышник ҷолиб аст. Ҳамин тариқ, вобаста ба объект, ҷустуҷӯ ба панҷ намуд тақсим мешавад:

1. Ҷустуҷӯй биноҳои истиқоматӣ (биноҳои истиқоматӣ, котеҷҳо, ҳуҷраҳо, қалъаҳо, хобгоҳҳо, биноҳои истиқоматии доимӣ ё муваққат, аз ҷумла дар меҳмонхонаҳо ё ҷойи дигар, аз ҷумла хаймаи туристӣ дар оғӯши табиат);

2. Кофтукови моликияти шахси дигар (манзил, гараж, яхта, тайёра, мошин, дӯкон, қаҳвамaнзил, боғ, ҳавлӣ, ферма, замин ва ғайра);

3. Кофтукови биноҳои корӣ ва дигар биноҳо (анборҳо, биноҳои корӣ ва истеҳсолӣ, корманзилҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва дигар анборҳо);

4. Кофтукови ҳудудҳо (замин, боғ, сабзавот ва ғайра);

5. Кофтукови шахс (кофтукови шахсӣ).

Бояд қайд кард, ки кофтукови манзил ё амволи дигари шахс, ба истиснои ҳолатҳои таъхирнопазир, бо тағйиротҳои мурофиавӣ бо қарори асосноки судя анҷом дода мешавад. Кофтукови дигар объектхо бо қарори асосноки муфаттиш бо иҷозати прокурор ё чонишини у гузаронида мешавад. Аз ҷумла, кофтукови биноҳои ғайриистиқоматӣ бо қарори асосноки муфаттиш бо иҷозати прокурор ё муовини ӯ, ба истиснои манзил ё дигар моликияти шахс, анҷом дода мешавад. Кофтукови манзил ё дигар молу мулки шахс, ба истиснои ҳолатҳои таъхирнопазир, танҳо бо қарори асосноки судя, анҷом дода мешавад. Дар холатҳои таъхирнопазир, кофтуков метавонад, ба истиснои манзил ё моликияти дигари шахс, бе иҷозати прокурор, вале, бо огоҳии минбаъдаи прокурор дар давоми 24 соати баъди кофтуков ва натиҷаи он гузаронида шавад.

Ҳангоми ба даст овардани қарор дар бораи гузаронидани кофтуков ва анҷом додани он бояд вазъи шахсони алоҳида ва бино ба назар гирифта шавад. Тибқи м.183 КМҶ ҶТ: Азназаргузаронӣ дар биноҳое, ки намояндагиҳои дипломатӣ ҷойгир шудаанд, ҳамчунин дар биноҳое, ки аъзои намояндагии дипломатӣ ва оилаи онҳо истиқомат мекунанд, танҳо бо хоҳиш ё ризои намояндаи дипломатӣ ва дар ҳузури онҳо анҷом дода мешавад. Ризои намояндаи дипломатӣ ба воситаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта мешавад. Ҳангоми азназаргузаронӣ иштироки прокурор ва намояндаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист. Итоат накардан ба чунин талабот боиси ба ҷавобгари ҷиноятӣ кашидани кормандони ҳифзи ҳуқуқ мегардад, ки дар амалия чунин ҳолат санаи 26 феврали соли 2018 руҳ дода шуд. Кормандони шуъбаи 4-уми РКҶ ВКД ҶТ Х. Н. ва С. Х. бо пешниҳоди шаҳодатномаҳои хизматӣ бе намояндагони

прокуратура ва Вазорати корҳои хориҷии ҶТ дахлнопазирии манзили истиқоматии корманди сафоратхонаи ШАС дар ҶТ Н. М.-ро, бо ворид шудан ба манзили оҳирин барои гузаронидани ФОҶ ворид шуда, ҳуқуқи конститутсиониро дағалона вайрон намудаанд. Оид ба ҳолати мазкур аз тарафи прокуратураи ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе, парвандаи ҷиноятӣ бо аломати б. «б» қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ оғоз карда шуд[256].

Дар асоси қонунгузории ҷорӣ, маҷбуркунии мурофиавӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан ва ҳабси хонагӣ гирифтани судя, муваққатан дур кардан ӯ аз вазифа, азназаргузаронии манзил, кофтукови манзил ва утоқи хизматии ӯ, ҳабси молу мулк, гӯш ва сабт кардани гуфтугӯи телефонӣ ва дигар гуфтугӯҳо, ҳабси муросилот, азназаргузаронӣ ва ёфта гирифтани онҳо, кофтуков, ёфта гирифтани ашё, ҳуҷҷатҳои дорои маълумот дар бораи пасандоз ва суратҳисобҳои бонкӣ, ҳабси маблағҳои дар суратҳисобҳо ва пасандозҳо ё дар нигоҳдории бонк ва ташкилотҳои қарзӣ қарордоштаи судя бо дархости прокурор ё муфаттиш бо розигии Прокурори генералии ҶТ ва иҷозати Суди Олии ҶТ татбиқ карда мешаванд.

Яъне қонунгузорӣ ҳуқуқҳои қисми шахсонро, аз ҷумла, судя, вакилон ва ғ., назар ба дигар шаҳрвандон бартарияҳо дар ҳимояи ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро пешбинӣ мекунад. Дар м. 17 Конститсияи ҶТ омадааст, ки, ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Аз нигоҳи мо, ин яке аз мухолифатҳои ҷиддие, ки қонунгузорӣ дар амали татбиқи ҳуқуқӣ пешбинӣ мекунад, чунки дар Контитутсия ягон истисное дар ин масъла қайд нашудааст.

Таҳмин карда мешавад, ки розигиро ҳам барои кофтукови тамоми манзил ва ҳам барои биноҳои алоҳидаи он додан мумкин аст. Ҳангоми бе қарори дахлдор кофтуков дар биное, ки шахс ба гузаронидани амали

[256] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ // Парвандаи ҷиноятии № 20336.

тафтишӣ иҷозат надодааст, он ғайриқонунӣ эътироф гардида, ашё ва ҳуҷҷатҳои ёфта ва гирифташуда ҳамчун далели шаъи дар пешбурди парванда қабул карда намешаванд. Ягон шарти қонунӣ пешбинӣ нагардидааст, ки соҳиби манзил бо ризоияти ӯ ба мансабдорон иҷозати кофтукобро бидуни қарори додгоҳ анҷом диҳад.

Субъекти додани иҷозат меҳмони бино ё шахси муваққатан дар он истиқоматкунанда буда наметавонад. Бо назардошти ин, мо чунин мешуморем, ки санҷиш бояд дар фаҳмиши ҷинояти мутобиқи моддаи мазкур ғайриқонунӣ эътироф карда шавад. Моддаи 147 КҶ ҶТ на танҳо дар ҳолатҳое, ки ҳамаи соҳибон ба ворид шудан ба манзил ё моликияти дигари шахс эътироз мекунанд, балки ҳадди аққал яке аз онҳо зидди он бошад.

Барои фаҳмидани мазмуни он, ки шакли дуюми ҷанбаи объективии таркиби вайронкунии дахлнопазирии манзилро (тафтиш ё кофтукови ғайриқонунӣ) ташкил медиҳад, донистани номгӯи вайронкунии тартиби пешбурди манзил аҳаммияти асосӣ дорад, ин амалҳои тафтишотиро, ки ба дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷиноят расидаанд ва бинобар ин рафтори ҷиноятиро ташкил медиҳанд, ошкор намояд.

Ҳангоми қабули қарор дар бораи қонунӣ будани вуруд – мақсади ворид шудан ба манзил, ё моликияти дигари шахс муҳим аст. Агар шахсе, ки иҷозати ворид шуданро дорад, бо мақсаде, ки иҷозати пешакӣ муайян кардааст, ворид шуда ба дигар мақсад ноил шуд, ин гуна кирдор бояд даромадани ғайриқонунӣ эътироф карда шавад. Ҳангоми гузаронидани азназаргузаронии манзил, ки аз тарафи соҳибманзил иҷозат дода шуд, ки дар натиҷаи он азназаргузаронӣ неву кофтуков ё дигар амалиётҳои тафтишотӣ, оперативӣ ҷустуҷуӣ ё гузоштани техникаи махсуси сабтӣ ба амал дода шавад, ҳамин тариқ, кирдори шахси ваколатдиҳанда як қисми вайрон кардани дахлнопазирии манзил дар шакли «даромади ғайриқонунӣ ба манзил» мебошад.

Масъалаи муҳиме, ки бояд дар доираи мавзуи ин таҳқиқот ҳал шавад, ҳолатҳое мебошад, ки шахсе, ки бо иҷозати соҳибаш ба манзили (молу мулки

дигар) каси дигар ворид шудааст, вале пас аз муддате бо хоҳиши исрори ӯ намехоҳад, ки ин манзилро тарк кунад.

Мо чунин мешуморем, ки бо назардошти характери пассивии рафтори шахси гунаҳкор чунин кирдорро дигар кирдорҳое хисоб кардан мумкин нест, ки дахлнопазирии манзилро вайрон мекунанд. Аз ин рӯ, мо ба пешниҳоди муҳаққиқони ин масъала дар бораи зарурати ба таври алтернативӣ (даромади ғайриқонунӣ ба манзил ё моликияти дигари шахс) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва барои беҳаракатӣ – ғайриқонунӣ дар манзил будан ё дигар соҳибӣ кардани он розӣ ҳастем, шахс бе ризоияти молик (моликон) ё рад кардани тарки он, агар дархости доими дошта бошад. Мисол: санаи 10 сентябри соли 2019, Р. М., гӯё бо мақсади гирифтани лавозимоти шахсиаш аз манзили истиқоматии собиқ шавҳараш Ш. Б. иҷозат гирифта, пас аз ворид шудан ба манзили истиқоматии оҳирин, мақсадҳои худро амали намуда аз тарк намудани манзили истиқоматии Ш. Б. даст кашид. Дар натиҷаи муроҷиати Ш. Б. ба прокуратураи ноҳияи Бохтари вилояти Суғд, аломатҳои Р. М. бо қ.1.м.147 КҶ ҶТ бандубаст намуд[257].

Ба гуфтаи Н. Акинина, ғайриқонунӣ кӯчондан, дахолати ғайриқонунӣ, кофтукови ғайриқонунӣ, мусодира кардан, азназаргузаронӣ, мониторинги (аудио, видео) манзил ва дигар объектҳои хоҷагӣ ҳам дар дохил ва ҳам берун аз он, риоя накардани талаботи тарк кардани манзил ё дигар ашёи хоҷагӣ, истифодаи ғайриқонунӣи манзил ё дигар объектҳои моликияти манзил бар хилофи иродаи соҳиби қонунӣ ҳолатҳои махсуси вайрон кардани дахлнопазирии манзил ё дигар объектҳои моликияти манзил мебошад[258].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили зербоби мазкур ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Асосҳои ҳуқуқии дахлнопазирии манзил дар Констутитсия муқаррар гардида, дар асоси принсипи ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд, амалӣ мегардад. Қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи

[257] Бойгонии СМИТ ВКД ҶТ // Парвандаи ҷиноятии № 29746.

[258] Акинина, Н. Ю. Уголовно-правовая характеристика нарушения неприкосновенности жилища: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Акинина Наталья Юрьевна; [Тюмен. юрид. ин-т] – Сургут, 2008. – С. 90.

сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу ҳуқуқбаробаркунӣ дар қонунгузорӣ ба ҳама шахсон баробар ин ҳуқуқро кафолат медиҳад;

2. Воридшавии қонунӣ, яъне бо иҷозати соҳиби манзил бо мақсадҳои муайян ва минбаъд тарк накардани манзил, ҳамчун воридшавии ғайриқонунӣ криминализатсия карда шавад;

3. Вайрон кардани дахлнопазирии манзил, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми гузаронидани амалиётҳои оперативӣ-ҷустуҷуӣ ва тафтишотӣ бо риоя накардани талаботҳои дар қонун пешбинӣгардида, бояд ҳамчун аломати бандубастшаванда дар қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад.

# ХУЛОСАҲО

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур чунин хулоса бароварда шудааст:

1. Ташаккул ва таҳкими меъёрҳое, ки ҷавобгариро барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил дар қонунгузории милли пешбинӣ мекунанд, якчанд марҳилаҳои рушдро гузаштааст:

– бавосита истинод оид ба таҷовузҳои ҷиноятӣ ба шахсият ё моликият, ки бар зидди онҳо мудофиаи зарурӣ зарур аст, ёдоварӣ мегардад;

– вайрон намудани дахлнопазирии манзил ҳамчун яке аз шаклҳои худсарӣ эътироф мегардад;

– ташаккули таркиби мустақили ҷиноятӣ, ки бевосита ба дахлнопазирии манзилро вайрон менамояд **[1-М]**.

2. Таҳлили таърихи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил гувоҳӣ медиҳад, ки дар ёдгориҳои ҳуқуқии қадима, ҳифзи манзил аз ҷиҳати ҳуқуқи моликият амалӣ мегардид. Ҳам ҳуқуқи худи ӯ ба дахлнопазирии худ, асосан, ҳамчун ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҷисмонӣ – манъи несту нобуд, харобшавӣ, оташзанӣ ва ғайра дида мешуд. Аммо, дар Қонунҳои Хаммурапи (асри XVIII пеш аз милод) масъулият барои даромадан ба манзил дар сурати набудани соҳиби он пешбинӣ шуда буд.

3. Эълони 9 сентябри соли 1991 истиқлолияти ҶТ дар таърихи давлату миллат саҳифаи нав кушода, имкон дод, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон васеъ карда, онҳоро бо мазмуни нав пур карда шаванд. Соли 1994 дар ҶТ Конститутсияи нав қабул шуд. Дар Конститутсияи ҶТ соли 1994, ки дар натиҷаи райъпурсии умумихалқӣ қабул шуд, афзалиятҳои ҳифзи ҳуқуқӣ аз манфиати ҷамъият ба манфиати шахсият иваз карда шуданд. Дар Конститутсия ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил дар м. 22 муқаррар карда шудааст, ки тибқи он «Манзили шахс дахлнопазир аст. Ба манзили шахс

зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истисноi мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст»[259].

4. Қабули Конститутсияи нав ба тағйир ёфтани объектҳои ҳифзи ҳуқуқӣ оварда расонид ва аз ин рӯ сабаби қабули қонунгузории нав, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ гардид. Илова бар ин, ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шартномаҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба зиммаи он уҳдадориҳо вогузор гардиданд, то ки ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва пеш аз ҳама таъмини воқеии ҳуқуқ ва ҳуқуқҳои эълонкарда тавассути қонуни ҷиноятӣ амалӣ карда шаванд. Ин ҳолатҳо сабаби қабули КҶ ҶТ аз соли 1998 гардид. КҶ ҶТ дар масъалаи шарҳи мафҳуми «дахлнопазирии манзил» саҳифаи нав боз намуд. Муайян кардани мазмуни кирдоре, ки вайрон кардани дахлнопазирии манзил ё дигар моликияти шахсро ташкил медиҳад, дар м. 147 КҶ ҶТ муқаррар шудааст. Дар баробари ин, м. 147 КҶ ҶТ ҳифзи пурраи ҳуқуқҳои ҳар як шахс ба дахлнопазирии манзил то ҳол комил нест. Бинобар ин, м. 147 КҶ ҶТ ба такмил ниёз дорад.

5. Меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии тамоми давлатҳои аъзои ИДМ марбут ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил меъёрҳоеро дар бар мегиранд, ки бевосита ба чунин намуди ҷиноятҳо алоқамандӣ доранд ва ҳамон тавр номгузорӣ карда шудаанд (КҶ Беларус, Молдова, Казоқистон, Русия, Озарбойҷон, Арманистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон). Ҳамзамон, вобаста ба аломатҳои бандубастшаванда яз якдигар фарқ мекунанд **[2-М]**.

6. Аз рӯйи дараҷаи аломатҳои таркиби ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил шартан кишварҳои аъзои ИДМ-ро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

– қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти тадқиқшаванда муайян нагардидаанд (Ҷумҳурии Узбекистон);

[259] Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.

– қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти тадқиқшаванда нисбатан пурра муайян гардидаанд (Озарбойҷон, Белорус, Тоҷикистон, Федератсияи Россия) **[2-М]**.

7. Бо дарназардошти таҷрибаи мусбати қонунгузории давлатҳои иштирокчии ИДМ ва бо мақсади пурзӯр намудани мубориза бар зидди вайрон кардани дахлнопазирии дигар амволи шахс ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ намуд. Ба андешаи мо ворид намудани ин кирдор ба диспозитсияи м. 147 КҶ ҶТ мувофиқи мақсад аст, зеро, ин имкон медиҳад, ки дахлнопазирии на танҳо манзили шахс балки дигар иншоотҳои соҳибмулк ҳифз карда шавад **[2-М]**.

8. Субъекти ҷиноятҳои мазкур дар қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ якхела мебошад – шахси воқеии ба синни 16 солагӣ расида. Тарафи субъективии ҷиноятҳои мазкур қасди бевосита мебошад.

9. Нуктаи муҳим ин аст, ки дар кишварҳои хориҷи дур моддаи ҳифзи ҳуқуқ, ба дахлнопазирии манзил дар бахши ҷиноятҳо, махсусан, ҳуқуқу озодиҳои асосии конститутсионии инсон ва шаҳрванд, ва дар бахши ҷиноятҳо бар зидди ҳуқуқи моликият ҷой дода шудааст. Дар Англия ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико манзил дар баробари дигар ҳуқуқҳо аз ҷиноятҳо ба монанди дуздӣ, дахолат ба моликияти хусусӣ ва ғайра ҳифз карда мешавад. Худи мафхуми «манзил» ва меъёри дахлнопазирии манзил дар Кодекси ҷиноятии Германия равшан ва васеъ тавсиф карда шудааст. На фақат даромадани воқеӣ, балки ҳуҷум кардани қисми бадан, инчунин садоҳое, ки истироҳати соҳибмулкро халалдор месозанд, занги шабона дар назди дар ё занги телефонӣ ҳамчун дахолат ба манзил эътироф карда мешаванд.

10. Як нуктаи муҳими кодексҳои ҷиноятии Олмон, Фаронса, Полша, Испания, Шветсия, Дания дар он аст, ки онҳо на танҳо барои ҳамла ба манзили шахси дигар, балки барои тарк накардани он бо дархости соҳибон низ ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекунанд. Меъёрҳои кодексҳои ҷиноятии Испания, Швейтсария, Полша ва Олмон мафҳуми нисбатан васеи

«манзил»-ро овардаанд. Ба манзил на танҳо ҷойи истиқомат, балки замини девордор, нақлиёт, бинои идора ва ғайра дохил мегшаванд.

11. Аксари кишварҳои ҷаҳон, танҳо барои манзил ё дигар молу мулк ҳимояи ҷиноӣ доранд. Дар баробари ин, қонунгузории ҷиноятии баъзе кишварҳо мафҳуми манзилро васеъ намуда, ҷойҳо барои ибодат (м. 406-и КҶ Исроил) дар биноҳои пӯшида, майдони девордор, боғ, биноҳои кишоварзӣ (м.186 КҶ Швейтсария), биноҳои пӯшидае, ки барои хизматрасонии иҷтимоӣ ё бино барои фаъолияти касбӣ ё истеҳсолӣ, пешбинӣ шудаанд (м. 109 КҶ Австрия), ҳама гуна биное, ки аз ҷониби шахс ишғол шудааст, аз ҷумла корманзил (м. 439-и КҶ Белгия) дохил менамоянд **[2-М]**.

12. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки тамоюлҳои асосии амалияи ҷаҳонӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил муайян карда шаванд. Дар диссертатсияи мазкур конститутсия ва кодексҳои ҷиноятии кишварҳои дигар бо қонунгузории ҶТ мавриди муқоиса қарор гирифтааст, ки бартарӣ ё нуқсонҳои муайянро таъкид кардааст. Дар натиҷаи ин, хулоса кардан мумкин аст, ки ҳифзи қонуни ҷиноятии дахлнопазирии манзил дар ҶТ ба стандартҳои байналмилалии эътирофшудаи таъмини ин неъмати ҷамъиятӣ мувофиқат мекунад. Баъд аз ҳама, бо муқоисаи қонунгузории бо дигар кишварҳо, аз қабили Россия, метавон қайд намуд, ки дар ҶТ мафҳуми «манзил» бо шумораи бештари объектҳо фаро гирифта шудааст, ки онҳоро метавон ба «манзил» мансуб кард **[3-М]**.

13. Ҳамин тариқ, қонунгузории ҶТ бо ҳифзи ҳам «манзил» ва ҳам «молу мулки дигар» таъмини ҳифзи ҳуқуқи инсонро васеътар мекунад. Дар баробари ин таклиф менамоем, ки таҷрибаи кишварҳои муайян истифода бурда шуда, қ. 2 моддаи 147 ҚҶ ҶТ бо ҳолати бандубастшаванда «содир кардани ин ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон» пурра карда шавад **[3-М]**.

14. Таҳлили мухтасари қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ба мо имкон медиҳад хулоса барорем, ки диспозитсияи меъёрҳое, ки барои вайрон

кардани дахлнопазирии манзил дар қонунҳои ҷиноятии кишварҳое ба монанди Олмон, Фаронса, Испания, Полша, Швейтсария, Ҳолланд, Шветсия, Дания, Булғористон на танҳо бо воридшави ба хилофи иродаи шахси ваколатдор, балки қарор доштан бар хилофи иродаи ӯ низ тавсиф мешавад. Ҳифзи ҷиноятӣ дар чунин кишварҳо ба монанди Олмон, Испания, Лаҳистон, Швейтсария, Шветсия на танҳо манзил, балки биноҳои офисӣ, заминҳои бо деворбандишуда, нақлиёт ва ғайра фаҳмида, мафҳуми манзил ба таври васеъ шарҳ дода мешавад. Инчунин, фаҳмиши васеи манзил ва қонуни ҷиноятии Амрико, ки ба он ишора мекунад, ҳама гуна бино, иншоот, мошини заминӣ ё киштӣ, ки барои хобрави ё тиҷорат истифода мегарданд, баробар мекунад. Ин равиш аз анъанаҳои қадимаи ҳифзи ҳуқуқи моликияти хусусӣ дар ин иёлотҳо сарчашма мегирад, зеро, ҳама ҷойҳое, ки бо ҳуқуқи моликият ҳифз шудаанд.

15. Дар Тоҷикистон, дар кишваре, ки анъанаҳои коллективии хеле рушдёфта дорад, васеъ кардани мавзуи ҳифзи ҳуқуқӣ, масалан, то ҳудуди биноҳои корӣ, чандон фоидаовар нест, зеро, ин ҳуқуқи дигаронро маҳдуд мекунад, масалан, ҳаракат кардан, муошират кардан ва ғайра. Аммо, ба предмети қонуни ҷиноятӣ ҳифзи қитъаҳои замини девордор, ки дар он бинои истиқоматӣ ва дигар иншооти ёрирасон ҷойгир аст, зарур аст.

16. Объекти бевоситаи ҷиноят дар м. 147 КҶ ҶТ пешбинӣгардида муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба амалисозии ҳуқуқи инсон ба ҳаёти шахси дар робита ба таъмини дахлнопазирии манзил мебошад. Объекти иловагии воситаи таркиби бандубастшавандаи қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё давлатӣ ва саломатии ҷабрдида мебошад **[4-М]**.

17. Аломати ҳатмии ин ҷиноят, ки барои баҳодиҳии он аҳаммияти махсус дорад, ҷабрдида мебошад, ки зери он бояд ҳар як гуна шахсони воқеӣ новобаста аз шаҳрвандӣ, ки аз рӯи қонун соҳиби манзил мебошанд, муваққатан ё доимӣ онро истифода мебарад ё дар он истиқомат мекунад, ба ҳисоб мераванд. Ҷабрдидагони ин ҷиноят тибқи қ.2 м. 147 КҶ ҶТ метавонанд

дигар шахсон низ ба ғайр аз шахсони дар боло зикршуда, ки ҳуқуқашон ба дахлнопазирии манзил поймол карда нашудааст (дар ҳолати зӯроварӣ нисбати шахси роҳгузар, ки кӯшиши пешгирии намудани воридшавии ғайриқонуниро амалӣ месозад) этироф шаванд.

18. Ба сифати объекти бевоситаи моддаи вайронкунии дахлнопазирии манзил муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳаёти шахсӣ мебошанд, ки тавассути манзил таъмин карда мешаванд. Предмети ин ҷиноят манзили истиқоматии фардӣ бо биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ба он дохилшаванда, бинои истиқоматӣ новобаста аз шакли моликият ба фонди манзил дохилшаванда, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ аст, ҳамчунин, дигар бино ё сохтмони ба фонди манзил дохилнашаванда, вале барои истиқомати муваққатӣ таъин гардидааст, мебошад **[4-М]**.

19. Мафҳуми «манзил» ду намуди биноҳоро дар бар мегирад:

1) биноҳои истиқоматӣ, ки ба фонди манзил дохил мешаванд (новобаста аз шакли моликият) ё соҳибмулк;

2) бино ё иншооти дигаре, ки ба фонди манзил дохил карда нашудаанд. Ҳарду намуди биноҳо барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ пешбинӣ шудаанд ва махфиятро таъмин мекунанд **[4-М]**.

20. Калимаи «манзил» бинобар мафҳуми маҳдуд дошта бо калимаи «истиқоматгоҳ», ки пурра эквиваленти калимаи руси «жилище» мебошад, иваз ё дар кафс дар назди калимаи «манзил» навишта шавад.

21. Таҳлили ҳолатҳои алоҳидаи вайронкунии дахлнопазирии манзил ва дигар объектҳои моликият ба онҳо бояд дар бар гирад: берун кардани ғайриқонунӣ, даxолати ғайриқонунӣ, ғайриқонунӣ кофтуков, мусодира, тафтиш, мушоҳида (аудио, видео) дар манзил ва дигар объектҳо моликияти манзил ҳам дар дохил ва ҳам берун аз он, риоя накардани талаботи тарк кардани манзил ва дигар объектҳои моликияти манзил, ғайриқонунӣ истифода бурдани манзилҳо ва дигар объектҳои моликияти манзил бар хилофи иродаи соҳиби қонунӣ.

22. Кирдор ҳамчун аломати ҳатмии ҷинояти баррасишаванда дар қонун бо ду шакли амали фаъоли субъект ифода меёбад, аз ҷумла: 1) ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил; 2) ғайриқонунӣ аз манзил маҳрум намудани шахс.

23. Омӯзиши мазмуни моҳияти онҳо гувоҳӣ медиҳад, ки шакли якуми тарафи объективӣ – ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил умумӣ мебошад. Шакли дуюм тарафи объективии ин ҷиноят – ғайриқонунӣ аз манзил маҳрум намудан – на таҷовуз ба дахлнопазирии ӯ, балки поймол кардани ҳуқуқи худи шахс ба манзил мебошад.

24. Бо дарназардошти ин ва бо мақсади дуруст татбиқ намудани муқаррароти меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ аз қ. 1. м. 147 КҶ ҶТ хориҷ намудани «касеро аз манзилаш маҳрум кардан» зарур мебошад.

25. Дар баробари ин, криминализатсияи будубоши ғайриқонунии шахс дар манзил бе розигии соҳибмулк ё рад кардани тарки он дар сурати мавҷуд будани талаби соҳибмулк мувофиқи мақсад мебошад. Тарк накардани манзил дар шакли беҳаракатӣ сурат мегирад, яъне иҷро накардани талаботи тарки манзил дар ҳолате, ки будубоши шахси истиқоматӣ дар асоси қонунӣ (бо розигии қаблан гирифташуда) истиқоматкунангонро аз имконияти мустақилона амалӣ кардани ҳаёти шахсии худ маҳрум мекунад

26. Арзёбии дараҷаи хавфи ҷамъиятии воридшавии ошкоро ба манзил ё моликияти дигари шахс аз ҷониби суд дар доираи таркиби ҷинояти пешбинӣнамудаи қ.1 м. 147 амалӣ карда мешавад. Моддаи 147 КҶ ҶТ бо назардошти он, ки зуҳури асосии воридшавии ошкоро истифодаи зӯроварӣ нисбати ҷабрдида ё таҳдиди истифодаи он мебошад, чунин амалҳо таркиби тахассусии воридшавии ғайриқонунӣро ташкил медиҳанд ва тибқи қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд.

27. Омӯзиши аломатҳои тарафи объективӣ асос медиҳад, ки чунин шаклҳои тарафи объективӣ, ба монанди азназаргузаронии ғайриқонунӣ ё кофтуков дар манзил ё дигар моликияти шахс ва дигар кирдорҳое, ки

дахлнопазирии манзилро вайрон мекунанд, ҳамчун ҳолатҳои бандубастшаванда баҳодиҳӣ карда шаванд.

28. Ғайриқонунӣ маҳрум кардани шахс аз манзил аз нигоҳи мазмун аз доираи объекти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ берун мебароянд, зеро, он на дахлнопазирии манзил, балки ҳуқуқи шахс ба манзилро поймол мекунад, бинобар ин чунин кирдорҳо бояд бо дигар меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифз карда шаванд.

28. Дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷинояти м. 147-и КҶ ҶТ, дар маҷмӯъ, аз ҷониби қонунгузор дуруст арзёбӣ карда мешавад. Дар баробари ин, бо назардошти хусусияти объекти таҷовуз ба дахлнопазирии манзил, инчунин, тамоюли густариши парвандаҳои таъқиби хусусӣ дар лоиҳаи қабулкардаи конунгузор, пешбинӣ карда шавад, ки парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба вайрон кардани дахлнопазирии манзил танҳо бо шикояти ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ оғоз карда шаванд.

30. Истифодаи дурусти м. КҶ ҶТ бе таърифи дақиқи мафҳуми «манзил» ғайриимкон аст. Бинобар ин, ба ин модда бояд муқаррарот пурра намудан бо мафҳуми «манзил», ниҳоят муҳим аст. Дар ин маврид пешниҳод мешавад, ки «ҳар биное, ки дар моликият ё дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ қарор дорад, барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ ё будубоши шаҳрвандон пешбинӣ шудааст, ки дар он онҳо маҷмӯи вазифаҳои ҳаётан муҳимро иҷро карда метавонанд, манзил эътироф карда шавад».

31. Таҳлили таърихӣ ва муқоисавӣ ҳуқуқии таҷрибаи ташаккули меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил нишон медиҳад, ки ба м. 147 КҶ ҶТ тавсия дода мешавад, ки аломатҳои тахассусии зерин (ҳолатҳои вазнинкунанда) илова карда шаванд, ки дараҷаи баланди хатари ҷамъиятии таҷовузро инъикос мекунанд:

– шабона, агар дар як вақт оромии одамони дар манзил истиқоматкунанда вайрон шуда бошад;

– аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

– бо истифода аз силоҳ ё дигар ашёи ба сифати силоҳ истифодашаванда.

Таҳлили маълумот дар бораи ҷазоҳое, ки нисбат ба ҷинояткороне, ки ҷинояти тафтишшавандаро содир кардаанд, гувоҳи он аст, ки судҳо умуман ҷазои нисбатан сабукро татбиқ менамоянд, зеро аксар вақт субъекти ҷиноят ба пардохти ҷарима ё ба ҷазои корҳои ислоҳӣ маҳкум карда мешаванд. Ҷолиби диққат аст, ки шумораи муайяни парвандаҳо бинобар сабаби пушаймонӣ аз кирдор ва оштӣ шудани шахси гунаҳкор бо ҷабрдида аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешаванд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар заминаи таҳқиқоти илмии анҷомпазируфта ва натиҷагирӣ аз он барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, пешниҳод карда мешавад:

1. Бо дарназардошти таҷрибаи мусбати қонунгузории давлатҳои иштирокчии ИДМ ва бо мақсади пурзӯр намудани мубориза бар зидди вайрон кардани дахлнопазирии дигар амволи шахс ба чунин намуди ҷиноят ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шавад. Ба андешаи мо, ворид намудани ин кирдор ба диспозитсияи м. 147 КҶ ҶТ мувофиқи мақсад аст, зеро, ин имкон медиҳад, ки дахлнопазирии на танҳо манзили шахс, балки дигар объектҳо (иншоотҳо)-и соҳибмулк ҳифз карда шавад **[2-М]**.

2. Қонунгузории ҶТ бо ҳифзи ҳам «манзил» ва ҳам «молу мулки дигар» таъмини ҳифзи ҳуқуқи инсонро васеътар мекунад. Дар баробари ин таклиф менамоем, ки таҷрибаи кишварҳои муайян истифода бурда шуда, қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ бо ҳолати бандубастшаванда «содир кардани ин ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон» пурра карда шавад.

3. Аломати ҳатмии ин ҷиноят, ки барои баҳодиҳии он аҳаммияти махсус дорад, ҷабрдида мебошад, ки зери он бояд ҳар як гуна шахсони воқеӣ новобаста аз шаҳрвандӣ, ки аз рӯи қонун соҳиби манзил мебошанд, муваққатан ё доимӣ онро истифода мебаранд ё дар он истиқомат мекунанд, ба ҳисоб мераванд. Ҷабрдидагони ин ҷиноят тибқи қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ метавонанд дигар шахсон низ ба ғайр аз шахсони дар боло зикршуда, ки ҳуқуқашон ба дахлнопазирии манзил поймол карда нашудааст (дар ҳолати зӯроварӣ нисбати шахси роҳгузар, ки кӯшиши пешгирии намудани воридшавии ғайриқонуниро амалӣ месозад), этироф шаванд.

4. Калимаи «манзил» бинобар мафҳуми маҳдуд дошта бо калимаи «истиқоматгоҳ», ки пурра эквиваленти калимаи русии «жилище» мебошад, иваз ё дар кафс дар назди калимаи «манзил» навишта шавад.

5. Бо мақсади дуруст татбиқ намудани муқаррароти меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ аз қ. 1 м. 147 КҶ ҶТ хориҷ намудани «касеро аз манзилаш маҳрум кардан» зарур мебошад.

6. Ғайриқонунӣ маҳрум кардани шахс аз манзил аз нигоҳи мазмун аз доираи объекти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ берун мебарояд, зеро, он на дахлнопазирии манзил, балки ҳуқуқи шахс ба манзилро поймол мекунад, бинобар ин, чунин кирдорҳо бояд бо дигар меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифз карда шаванд **[1-М]**.

7. Истифодаи дурусти моддаҳои КҶ ҶТ бе таърифи дақиқи мафҳуми «манзил» ғайриимкон аст. Бинобар ин, ба ин модда бояд муқаррарот пурра намудан бо мафҳуми «манзил», ниҳоят муҳим аст.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 С.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат : 19.10.2020).
3. Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе.: Ирфон, 1988. – 215 С.
4. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009 №564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – № 12. – Мод. 815, 816.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21-уми майи соли 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306.
6. Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории вобаста ба ратификатсияи Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ» аз соли 2004 [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат : 129.10.2020).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил» аз 5 Август, 2009 Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009, №7-8, мод.497
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004. № 41 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 17.12.2020 с., №1736.

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз 16 ноябри соли 1999. № 8455 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 25.12.15с., № 1266.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти 2008с. № 373 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – с.2012, №7, м.717
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007 № 233 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҚҶТ аз 02.01.2020 с., №1672).
12. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013. – № 492 // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ. Шакли 7.0. // Вазорати адлияи ҶТ. Душанбе, 2020.
13. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013. – № 492 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.10. 2020).
14. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018. – № 1005 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: //www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.10. 2020).
15. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ бо қатъномаи №2200 A (XXI) Ассамблеяи генералӣ аз 16 декабри соли 1966 қабул шудааст // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе – 2018. – С. 29–57.
16. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрай: http://mmk.tj/system/files/ ArticleAttachments /Elomiyai-huquqi-bashar.pdf. (санаи муроҷиат: 01.09.2021 с.).
17. Конвенция Содружества Независимых Государств «о правах и основных свободах человека». [Электронный ресурс]. – URL:

http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_6966/b784fd15beb09 4 77215f 719c33369ccc2a59f27f/. (дата обращения: 26.09.2021).
18. Модельный Уголовный кодекс для государств – участников СНГ / Принят постановленим Межпарламенской Ассемблеи государств-участников Содружества Независимых Государств. – Санкт-Петербург. – 17.02.1996 г. – 102 С.
19. Кодекси Ҷиноятии Арманистон. [Захираи электронӣ] Манбаи дастрасӣ: URL: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?Rgn=7472 (санаи муроҷиат: 19. 10. 2020).
20. Конститутсия Республики Болгария // [Электронный ресурс]. Режим доступа:https://www.concourt.am /armenian/legal_resources/world_constitutions/constit/bulgaria/bulgar-r.htm. (дата обращения: 19. 10. 2020).
21. Уголовный кодекс Молдовы // [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL:https:// www.legislationline. Org/download/ id/8276/file/ Moldova _CC_2002_am2018 _ru.pdf (дата обращения: 06. 11. 2019).
22. Уголовный кодекс Туркменистана // [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http://minjust. Gov.tm/ru/ mmerkezi/doc _view. Php? Doc _id=8091 (дата обращения: 19. 10. 2020).
23. Уголовный кодекс Эстонии // [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https://www.legislationline. Org/download/id/6462/ file/ Estonia _ CC_as_of_ 2002_ru.pdf (дата обращения: 19. 10. 2020).
24. Уголовный кодекс Азербайджанской Республики // [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://continent-online.com/Document/?Doc_id=304 20353#pos=5.–124 (дата обращения: 19. 10. 2020).
25. Уголовный кодекс Грузии [Текст] / – Спб: Юридический центр Пресс, 2002. – 409 С.
26. Уголовный кодекс Кыргызской Республики от 2 февраля 2017 года, № 19. [Электронный ресурс]. Режим доступа:: URL: http:// cbd. Minjust.gov.kg/act/view/ru–ru/111527?Cl=ru–ru (дата обращения: 19. 10. 2020).

27. Уголовный кодекс Литовской Республики // [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https://www.yakaboo.ua/ugolovnyj–kodeks–litovskoj–respubliki.html (дата обращения: 19.10.2020).
28. Уголовный кодекс Республики Беларусь от 1999 года // [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL://bel-kodeksy.com/uk_rb/371.1.htm (дата обращения: 04.04.2019).
29. Уголовный кодекс Республики Казахстан // [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https:// online. Zakon. Kz/ document/ ? Doc _id= 31575252#pos=66;–45 (дата обращения: 19. 10. 2020).
30. Уголовный кодекс Республики Узбекистан (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12 сентября 2019 года // [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://continent–online.com/Document/?Doc_id=30421110 (дата обращения: 19. 10. 2020).
31. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13.06.1996, № 63-ФЗ (ред. От 16.10.2019) // [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http:// www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699/ (дата обращения: 19. 10. 2020).
32. Модельный уголовный кодекс (США). Официальный проект Института американского права: Перевод с английского / Под ред.: Никифоров Б.С. (Предисл.); Пер.: Никифоров А.С. – М.: Прогресс, 1969. – 303 С.
33. Модельный уголовный кодекс США // [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://ru. Wikipedia. Org/wiki/ Кодекс_ Соединённых _Штатов Америки (дата обращения: 19.10. 2020).
34. Уголовный кодекс Украины. – Х.: ООО «Одиссей», 2003. – С. 176.
35. Уголовный кодекс Грузии [Текст]: нормативный документ. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2002. – 409 С.
36. Уголовный кодекс Республики Сан-Марино [Текст]. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2002. – 253 С.
37. Уголовный кодекс Франции [Текст]: нормативный документ. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2002. – 650 С.

38. Уголовный кодекс Швейцарии [Текст]. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2002. – С. 381
39. Уголовный кодекс Испании [Текст]. – М.: Зерцало, 1998. – 218 С.
40. Уголовный кодекс Бельгии [Текст]: нормативный документ / ред. Н. И. Мацнева; пер. с фр. Г. И. Мачковского. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2004. – 561 С.
41. Уголовный кодекс Австрии [Текст]: The Austrian Penal Code / Ассоциация юридический центр; пер. с нем. Л. С. Вихровой. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2004. – 352 С.
42. Уголовный кодекс Литовской Республики [Текст]. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2003. – 470 С.
